Кумитаи шахрвандии начоти гаравгонхо ва зиндониёни сиёсии Точикистон // The National Committee for the Release of Political Hostages and Prisoners of Tajikistan // Гражданский Комитет по защите политических заложников и узников в Таджикистане

Contacts: Email: Freetajikpp@gmail.com // Phone number: +48 514 343 609 // Site: https://zindoniyon.com/

## Фехристи матолиб

*“Кумита дар соли ҷорӣ дар кори худ мисли дигар солҳо фаъол буд” (Мусоҳиба бо раиси КШНГЗС Абдусаттор Бобоев)*.....2

*Таъқиб ва шиканҷа дар зиндонҳои Тоҷикистон – Мавҷуда Соҳибназарова*.....4

*Зиндонӣ карданӣ Маҳмурод Одинаеви бегуноҳ – Мавҷуда Соҳибназарова*.....9

*Фишор ва таъқиби хонаводаҳои мухолифон – М.Одинабек*.....13

*Депорти Шовализода аз Австрия ба Тоҷикистон лаккаи нанге ба чеҳраи Аврупост – Маҳмудҷон Файзраҳмонов* ..... 16

*“То ҷон дар бадан дорам, аз ҳаққи падарам дифоъ мекунам”*.....23

*5-соли ҳабси табиб Мирзои Ҳоҷимуҳаммад барои фошкориҳо оиди сиёсати коронавируси ҳукумат – Маҳмудҷон Файзраҳмонов*.....28

*Маркази Тоҷикон дар Москва мавриди таҳдиди ҳукумати Раҳмон қарор гирифт // Чаро Иззат Амон боздошт шуд? – Амруллоҳи Низом*.....33

*Нопадид шудани мухолифони сиёсии Тоҷикистон дар Русия – Салим Султонзода*.....36

*Боздоштҳои гурӯҳӣ ба иттиҳоми узвият дар Ихвонулмуслимин – Муҳаммадсаъид Ризоӣ*.....38

*Қатл ва рабудани мухолифон тавассути ҳукумат ва шиканҷаи зиндониёни сиёсӣ дар Тоҷикистон – Муҳаммадҷон Нурӣ*.....43

*“Мактаби душвортарбияҳо” ё зиндони кӯдакон дар Тоҷикистон – Мавҷуда Соҳибназарова*.....47

*Ин бор ҳақ ба ҳақдор мерасад ё боз ҳам бозингарони паси пардагии ин қазия аз об хушк мебароянд? – Мавҷуда Соҳибназарова*.....53

*Зиндонӣ кардани донишҷӯён ба ҷурми “хиёнат ба Ватан” – Сайидмаҳмуд Бурҳонов*.....58

*Вақте расондани кӯмак ба хонаводаҳои зиндониён ҷурм маҳсуб мешавад – Саидисҳоқ Бобоев*.....61

*Ваъдаи афв Мӯҳриддинро ба зиндон бурд – М.Соҳибназарова*.....62

*Дар Бадахшон чӣ гузашт?*.....67

*Тазоҳурот дар Хуросон – Мавҷуда Соҳибназарова*.....77

*Боздошт ва муҷозоти шаҳрвандон ба хотири “лайк"*.....79

*Афв ё пулкоркунӣ? – Ҷамшед Ёров*.....82



## “Кумита дар соли ҷорӣ дар кори худ мисли дигар солҳо фаъол буд” (Мусоҳиба бо раиси КШНГЗС Абдусаттор Бобоев)

**Абдусаттор Бобоев, раиси Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсии Тоҷикистон (КШНГЗС) дар гуфтугӯ бо сайти “*Зиндониён*”, бо ишора ба ин ки дар ду соли сипаришуда бемории куруно дар дунё фарогир буд, гуфт: “Аммо бо вуҷуди он, Кумита дар кори худ мисли дигар солҳо фаъол буд.”**

*Машрӯҳи мусоҳибаи сайти “Зиндониён” бо Абдусаттор Бобоев:*

**— Салом, лутфан дар бораи фаъолиятҳои Кумита дар солҳои 2020 ва 2021 ба сурати мухтасар мефармудед.**

— Саломy дуруд хидмати ҳамаи мубориzон, муҳоҷирон ва созмонҳое, ки дар хидмати мазлумон ва зиндониёни сиёсианд.

Дар ду соли сипаришуда, бо он ки бемории куруно дар дунё фарогир буд, аммо Кумитаи мо дар кори худ мисли дигар солҳо фаъол буд, тамоми ҷаласаҳоро ҳар ҳафта ба сурати онлайн доир мекардем ва ҳамаи аъзои Кумита дар он фаъолона ширкат мекарданд.



Абдусаттор Бобоеа, раиси Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсӣ (КШНГЗС)

Кумита ҳар мушкилот ва ҷинояту ваҳшонияте, ки режим ва ҳукумати хонаводагии Раҳмон сари зиндониён ва хонаводаи зиндониён, ки гаравгони ин режим ҳастанд муртакиб мешуд, баррасӣ мекард. Ин масоил дар Кумита таҳлил ва сипас изҳороту баёнияҳо содир намуда, аз мақомоти қудратии кишвар талаб мекардем, ки даст аз ин ҷиноятҳо бикашанд. Ва ҳамчунин ба созмонҳои ҳуқуқи башарии дунё ба забонҳои мухталиф нома ирсол карда, онҳоро аз ҷиноятҳои зиддибашарии ин ҳукумати номардумӣ огоҳ ва аз онҳо дархости мудохила дар амалҳои ноҷавонмардонаи режим мекардем.

Хулоса, дар ин сол мо фаъолиятҳои назарраси зиёде доштем, аз ҷумла маҷаллаи Кумитаро, ки дар солҳои гузашта ба нашр расида буд, омодаи нашр кардем. Дар ин маҷалла мо то қадри имкон ҷиноят ва ваҳшониятҳои мақомоти қудратии Тоҷикистонро ҷамъоварӣ кардем.

**— Ҳамон тавре, ки фармудед, дар ин ду сол Кумита номаҳое ба созмонҳо ва ниҳодҳои ҳуқуқи башарии байналмилалӣ дар бораи зиндониёни сиёсӣ ва вазъи риққатбори онҳо ирсол кардааст. Оё ин созмонҳо ҷавобе медоданд ва иқдоме дар ростои озодии зиндониёни сиёсӣ анҷом доданд?**

— Зиёда аз се сол аст, ки Кумитаи мо фаъолият дорад. Дар ин муддат, мо 183 нома ба созмонҳо ва кишварҳо ирсол кардем; ба созмонҳое мисли СММ, Иттиҳодияи Аврупо, САҲА, Хонаи Озодӣ, Ҳюман Райтс Вотч ва дигар созмонҳо. Мо бо онҳо робита дорем ва аз онҳо ҷавоби номаҳо ба мо мерасад ва онҳо ҳамеша омодаи ҳамкорӣ бо моро мекунанд.

Ҳамчунин аз ин адад номаҳое, ки гуфтем, нома барои санадҳои қабули паноҳҷӯён ва муҳоҷирони сиёсии паноҳҷӯ, ки мехостанд ба кишварҳое, ки дар онҷо барояшон хатар таҳдид намекунад тартиб дода, ба онҳо фиристодем, ки 70 дарсади ин номаҳои КШНГЗС барояшон кӯмак шуд.

**Дар соли пеши рӯ нақшаҳои кории зиёде дорем, ки барои режими Раҳмон хеле ҳам бад ва мушкилзо хоҳад буд, ки дигар намедонанд сарашонро куҷо зананд.**

**— Лутфан, дар бораи Бобои Дона ва ҳамчунин муовини раиси ҳизби Сотсиал демукроти Тоҷикистон Маҳмурод Одинаев ва низ Далер Шарипов мефармудед. Парвандаи онҳо чӣ шуд?**

— Хушбахтона, Дониёл Набиев (Бобои Дона), ин муйсафеде, ки худуди 90 сол син дошт, бо талошу кӯмакҳои созмонҳо ва ба хусус Кумитаи наҷот, ки тамоми саъю кӯшиши худро ба харҷ дод, баъди як сол озод шуд. Рӯзноманигор Далер Шарипов низ баъди як соли адои ҳукми ҷазо ба озодӣ баромад. Вале Маҳмурод Одинаев ҳукми сангини ноодилона гирифт, ӯ то ҳол дар зиндон аст ва тибқи хабарҳое, ки мо аз дохили зиндон дорем, аз тарафи ин режими ваҳшӣ шиканҷа мешавад ва ҳукумат барояш дикта кардааст, ки аз раисиҷумҳур талаби авф кунад, вале ин марди қаҳрамон рад карда гуфтааст, ки талаби авф касе мекунад, ки мисли шумо муҷрим ва гуноҳкор аст, ман як зиндонии сиёсии бегуноҳ бояд бе ягон қайду шарт ва бо ҷуброн ва узрхоҳии шумо озод шавам.

**— Дар рӯзҳо ва солҳои оянда чӣ нақшае доред?**

— Мо дар охири ҳар сол ҷаласаи солона доир мекунем. Дар он ҷаласа раиси Кумита ва муовинонаш аз нав интихоб мешаванд. Дар ин ҷаласот мо сохтор ва барномаи кории яксоларо тарҳ мекунем ва тибқи он амал мекунем.

Ҷиноятҳои режими Душанбе ночаконда ба ҳамаи созмонҳо, кишварҳо ва расонаҳои дунё фиристода мешаванд.

Дар соли пеши рӯ нақшаҳои кории зиёде дорем, ки барои режими Раҳмон хеле ҳам бад ва мушкилзо хоҳад буд, ки дигар намедонанд сарашонро куҷо зананд.

**Ҷиноятҳои режими Душанбе ночаконда ба ҳамаи созмонҳо, кишварҳо ва расонаҳои дунё фиристода мешаванд.**

**— Саломат бошед!**

# Таъқиб ва шиканҷа дар зиндонҳои Тоҷикистон

***Ба қалами МАВҶУДА СОҲИБНАЗАРОВА, рӯзноманигор ва муовини раиси КШНГЗС***



Ҳукумати Тоҷикистон ба талаби пай дар пайи Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсии Тоҷикистон ва созмонҳои дифоъ аз ҳуқуқи инсон нисбат ба аз байн бурдани шиканҷа дар зиндонҳои ин кишвар таваҷҷӯҳе зоҳир наменамояд. Ҳатто мурочиати хаттии наздикони зиндониён ба ваколатдори ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон беҷавоб мемонанд, дар ҳоле, ки тибқи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон Омбудсмен бояд ба мурочиати хаттии шаҳрвандон дар зарфи се рӯз ҷавоб гардонад.



Савриниссо Ҷӯрабекова, ҳамсари Маҳмадалӣ Ҳайит

Бояд гуфт, таъқиб ва шиканҷа бештар мутаваҷҷеҳи зиндониёни сиёсӣ аст; онҳое, ки ҳатто СММ ҳукми онҳоро ноодилона хонда, аз ҳукумати Тоҷикистон талаб намуда буд, ки бидуни қайду шарт онҳоро озод намояд, ки мутаассифона ҳукумат ба ҷойи иҷро намудани талаби СММ таъқиб ва шиканҷаро бештар намуд.

Масалан, яке аз зиндониёни сиёсӣ, ки ҳукми абадро дорад, Мамадалӣ Ҳайит аст. Ӯ 6 моҳ пеш ба сардори муассисаҳои ислоҳии вазорати адлия Мансур Умаров мурочиат намуд, ки чойник ва радиояшро, ки зиндонбонҳо аз дасташ гирифтанд, баргардонанд. Ва ҳамчунин нафари қотилеро, ки бо ӯ дар як утоқ ҷой доданд, ба дигар ҷо интиқол диханд. То ҷӣ андоза иҷро шудани ин талаб номаълум боқӣ монд, чунки бо расидани 6 моҳ, ки хонаводаи ин зиндонӣ имкони вохӯрӣ бо ӯро доранд, ба онҳо муяссар нагашт, ки ӯро бубинанд.

Дар ин бора **Савриниссо Ҷӯрабекова**, ҳамсари Маҳмадалӣ Ҳайит чунин қисса кард: “*Баъди ҳар як 6 моҳ ман иҷозаи мулоқот бо шавҳарамро дорам. Тибқи ҷадвали мулоқот 24 ноябри соли 2021 ба боздоштгоҳи рақами 1 омадам. Соатҳо бо интизорӣ мегузаштанд, аммо ҳеҷ иҷозаи мулоқотро ба ман намедоданд. Чанд бор назди навбатдор рафта пурсидам. Посухи аниқе надод. Баъди интизориҳои зиёду рафтан аз назди як масъул ба назди масъули дигар, ахиран ба ман гуфтанд, ки шавҳарам қоидаи буду бошӣ зиндонро вайрон кардааст. Бовар карданӣ набуд, чунки шавҳарам 6 сол боз маҳбус аст ва қоидаҳои маҳбасро хуб медонад. Ба замми ин ӯ медонист, ки рӯзи 24-ум мулоқот дорем. Аз ин ҷост, ки зиёд исрор кардам, ки далел биёранд. Гуфтанд, ки рӯзи 24 ноябр*

*шавҳарам гаштугузори рӯзонаро рад кардааст ва тибқи талаботи моддаи 120 ва 122-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, барои ин ҷазо гирифтааст. Бовар кунед, ҷунинро*



**Муҳаммадалӣ Ҳаит, муовини сиёсии раиси ҲНИТ**

*бори аввал мешунавам ва аз ҳар нафаре, ки мепурсам, тааҷҷуб мекунанд. Наход барои ба гаштугузор набаромадан, одамро ҷазо диҳанд? Шояд ин ҷо чӣ сирри дигаре бошад. Тарсам аз он аст, ки шавҳарам мавриди шиканҷа қарор гирифтаст ва ба саломатияш зарар расондаанд ё умуман дар қайди ҳаёт нест. Аз ин рӯ, хоҳиш кардем, аз дур бошад ҳам як бор ӯро бинем, аммо ин хоҳиши моро ҳам рад карданд. Ба ваколатдори ҳуқуқи инсон навиштам, посух доданд, ки номаи маро дастрас намудаанд ва дида мебароянд, аммо умеде нест. Чанд бор фиреб хӯрдем.*”

Савриниссо Ҷӯрабекова идома дод: “*Ҳанӯз 11 марти соли 2019 шавҳарам гуфта буд, ки пайваста мавриди шиканҷа қарор мегирад ва гуфт, ки агар мабодо мурдам, донед, аз шиканҷа фавтидаам. Ҳамчунин ҳамсарамро чанд бор маҷбур карданд, ки тавассути телевизион зидди ҲНИТ сухан кунад, аммо ӯ инро рад кард.*”



Ҳикматулло Сайфуллозода

Вай афзуд: “*Ин аст, ки бо ҳар баҳона ӯро шиканҷа мекунанд. Оне, ки мегӯянд, дар зиндонҳои Тоҷикистон шиканҷа нест, дурӯғи маҳз аст. Нафареро, ки гӯё барои ҳавохӯрӣ берун набаромадааст, барои 6 моҳи дигар аз мулоқот бо хонавода маҳрум карданд. Магар ин фишор нест? Магар аз ин шиканҷаи бадтар мешавад? Бо ин амалашон масъулини зиндон на фақат Маҳмадалӣ Ҳайит, балки хонаводаашаро низ азияту шиканҷа карданд. Намедонам, ки шавҳарам зинда аст ё не. Ҳатто иҷозат надоданд, ки аз дур бинему хавотириямон бартараф шавад. Касе ҳам ба додамон намерасад ва бояд 6 моҳро бо интизорӣ, тарс ва изтироб паси сар кунем.*”

Ин рӯзгори талхи фақат як нафар зиндонии сиёсӣ буд. Зиндониҳои сиёсии дигар ҳоли бадтар доранду хубтар не.

16 сентябри соли 2021, чор нафар зиндонии сиёсӣ, узви аршади ҲНИТ, Зубайдуллои Розиқ, Ҳикматулло Сайфуллозода, Раҳматуллои Раҷаб ва Муҳаммадалии Файзмуҳаммад тавассути як нома аз даруни зиндон аз Эмомалӣ Раҳмон - президенти Тоҷикистон дархост карданд, ки ҳукмашон дар як дидгоҳи боз бо ҳузури намояндаҳои созмонҳои байналмилалӣ, нозирон, коршиносон ва мардуми ҷумҳурӣ бознигарӣ шавад. Онҳо аз ҷумла навиштаанд: “*Мо қотеъона мегӯем, ки ҷиноятe*

*содир накардаем. Аъзои ҳизб будан, магар ҷиноят аст?!*"

Чанд рӯз баъд аз ин нома, ба сари Ҳикматулло Сайфуллозода, ки дар воҳиди беҳдошти зиндон бистарӣ буд, бо чойник ба сараш зарба заданд. Қасди куштани Сайфуллозодаро ҳам нафаре кард, ки берун аз воҳиди беҳдоштӣ буд. Пас, ин нафар чӣ гуна ва бо супориши кӣ ба ин ҷо роҳ ёфт?




Масъулини зиндон ба ин суол посух надоданд, вале баъдан дунболи Сайфулллозода барои ҷазо додани се нафари дигари муаллифони нома, онҳоро ба ШИЗО бурданд. Чаро ва барои кадом гунохе чунин ҷазои сангин?

**Валамати Иброҳимзода**, ҳамсари Раҳматуллои Раҷаб, барои посух гирифтан ба ин суол чанд рӯзро пӯшти дари масъулини зиндон гузаронд ва бо номаи доде ба ин мазмун ба ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Умед Бобозода муроҷиат кард, ба ин шарҳ: "*Ҷобир Раҳматуллои Раҷаб аз 8 ноябр то имрӯз дар ШИЗО нигоҳ дошта мешавад. Хабари ба ШИЗО интиқол додани ҳамсарам ва дигарон дар ВАО-и дохилӣ ва хориҷӣ ба таври густурда расонаӣ шудааст. Барои муайян кардани сабаби интиқол ба ШИЗО ба мақомотҳои кишвар чандин бор муроҷиат кардам, вале то ҳол ягон ҷавоби расмӣ нагирифтам. Ба тариқи ғайрирасмӣ кормандони муассисаи ислоҳӣ ба ман гуфтанд, ки сабаби ба ШИЗО интиқол додани Раҳматуллои Раҷаб бе иҷозати онҳо ба унвони президент навиштани нома аст. Ва гӯё бо навиштани нома шавҳарам ва ҳамроҳонаш тартиботи дохилии муассисаро вайрон кардаанд*."

Намедонам, чӣ гуна низомро вайрон карданд, дар ҳоле ки навиштани нома ба унвонии президентро шумо ба онҳо маслиҳат дода будед? Яъне аз маслиҳати шумо бармеояд, ки навиштани нома ҷурм нест! Ва ин амал ҳам, яъне навиштани номаву муроҷиатҳо тибқи талаботҳои моддаи 120 ва 122-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун ашадди вайрон намудани тартиботи дохилӣ ҳисоб намеравад. Барои чунин амал дар ҳеҷ ҷойи дунё маҳбусро ШИЗО ҷой намедиҳанд. Магар тибқи талаботи қисми 3 моддаи 16 КИҶЧ ҶТ маҳкумшудагон ҳуқуқ надоранд, ки ба маъмурияти муассиса ё мақомоти иҷрокунандаи ҷазо, ба мақомоти болоии онҳо, суд ва мақомоти прокуратура, ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дар дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидории маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ инчунин мақомоти байнидавлатӣ ва ташкилоти байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва

**Ин бонуи ҷасур барои аз ШИЗО берун кашидани шавҳараш ва ҳамроҳони ӯ дари чандин идораҳоро кӯфт. Зидди шиканҷа ва беадолатӣ дар зиндон қад алам кард, аммо тани танҳо натавонист кореро анҷом диҳад, чунки дар фоҷеаи ин зиндониён ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон кӯриро интихоб кардааст.**

озодиҳои инсон бо таклиф ва арзу шикоят муроҷиат намоянд?

Ин бонуи ҷасур тимсоли ҳамсарони декабристон барои аз ШИЗО берун кашидани шавҳараш ва ҳамроҳони ӯ дари чандин идораҳоро кӯфт. Зидди шиканҷа ва беадолатӣ дар зиндон қад алам кард, аммо тани танҳо натавонист кореро анҷом диҳад, чунки дар фоҷеаи ин зиндониён ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон кӯриро интихоб кардааст.

Созмонҳои дифоъ аз ҳуқуқи инсон бошанд,

**Созмонҳои дифоъ аз ҳуқуқи инсон бошанд, аз тарси қатъи фаъолияташон ва маҳрум мондан аз нони даҳанашон, бетарафиро ихтиёр намудаанд. Чун ҷомеа хомӯш аст, хонаводаи зиндониҳои сиёсӣ дар бораи вазъи маҳбусон чизе намедонанд.**

аз тарси қатъи фаъолияташон ва маҳрум мондан аз нони даҳанашон, бетарафиро ихтиёр намудаанд. Чун ҷомеа хомӯш аст, хонаводаи зиндониҳои сиёсӣ дар бораи вазъи маҳбусон чизе намедонанд. Масъулини зиндон ҳатто зарур намешуморанд, ки бо онҳо сӯҳбат кунанд.

Ва мутаассифона, шиканҷа дар зиндонҳои Тоҷикистон ба ҳукми анъана медарояд ва хонаводаҳо дар мубориза бо ин зуҳурот танҳо мондаанд. Масалан, барои расонаӣ кардани интиқоли маҳбусон ба ШИЗО **Нилуфари Раҷаб**, духтари Раҳматуллои Раҷаб, бо моддаи 307 кодекси ҷиноятӣ айбдор дониста мешавад. Чунин аст волоияти қонун ва адолалати судӣ дар Тоҷикистон. Агар зидди ноадолатӣ эътироз кардӣ зиндон мешавӣ!

Санаи муроҷиати Валамати Иброҳимзода ба



**Шӯҳрати Раҳматулло**

ваколатдори ҳуқуқи инсон - Умед Бобозода дар 6 ноябри соли 2021 нишон дода шудааст. Қариб як моҳ аз ин нома гузашта бошад ҳам, пайвандони Раҳматуллои Раҷаб дар бораи вазъи саломатӣ ва ҳолати равонии ӯ чизе намедонанд ва хеле нороҳатанд.Ин аст, ки ба расонаҳо муроҷиат намудаанд.

Ин нороҳатии эшонро дар номаи **Шӯҳрати Раҳматулло** ба модараш пай бурдан мумкин аст: “*Модарҷон, ҷаро ба падарам нагуфтед, ки ба Эмомалӣ Раҳмон нома нанависанд? Магар Эмомалӣ Раҳмон онҳоро зиндон накарда буд. Худатон шоҳид ҳастед, ҳар вақте ба кадом ниҳоде муроҷиат*

***“Модарҷон, ҷаро ба падарам нагуфт ед, ки ба Эмомалӣ Раҳмон нома нанависанд? Магар Эмомалӣ Раҳмон онҳоро зиндон накарда буд. Худат он шоҳид ҳаст ед, ҳар вақт е ба кадом ниҳоде муроҷиат накунед, посухат он медиҳанд, ки фармон аз болост . Дигар ин ки Эмомалӣ Раҳмонро шурӯъ аз шаҳрвандони кишвар, т о ҷомеаи ҷаҳонӣ ба унвони як дикт ат ор мешиносанд. Пас, магар ҷоиз аст , ки ба ӯ муроҷиат кард?”***

*накунед, посухатон медиҳанд, ки фармон аз болост. Дигар ин ки Эмомалӣ Раҳмонро шурӯъ аз шаҳрвандони кишвар, то ҷомеаи ҷаҳонӣ ба унвони як диктатор мешиносанд. Пас, магар ҷоиз аст, ки ба ӯ муроҷиат кард?*”

Шӯҳрат идома додааст: “*Агар имкони бо падар тамос гирифтан пайдо шавад, бирасонедаш, ки ягон хел нома нанависанд! Ин ҳукумат номаи СММ-ро нодида гирифту акнун номаи як шаҳрванди оддӣ, он ҳам зиндониро ба инобат мегирад? Агар барои ин ҳукумат инсон қадр медошт, бо иттиҳоми дурӯғин бегуноҳонро зиндон намекард*.”

Чӣ ҳам бигӯем. Шӯҳрат ҳақ аст.

Валамат Иброҳимзода аз қавли шавҳараш мегӯяд, ки тӯли 6 соли дар зиндон буданашон, 7 бор нома бо исботи бегуноҳияшон навиштаанд. Ин бор худи Омбудсмен Умед Бобозода зимни мулоқот бо маҳбусон ба онҳо таклифи навиштани номаро кардааст. Вале чун ин нома омода шуд, муаллифони онро азобу шиканҷаҳои зиёд пеш омад ва Умедзодаи ваколатдори ҳуқуқи инсон чун ҳарвақта худро ба ноогоҳӣ зад ва садое барои ҳимояи ин маҳбусон дарнаёвард.

**Ин бор худи Омбудсмен Умед Бобозода зимни мулоқот бо маҳбусон ба онҳо таклифи навиштани номаро кардааст. Вале чун ин нома омода шуд, муаллифони онро азобу шиканҷаҳои зиёд пеш омад ва Умедзодаи ваколатдори ҳуқуқи инсон чун ҳарвақта худро ба ноогоҳӣ зад ва садое барои ҳимояи ин маҳбусон дарнаёвард.**





# Зиндонӣ карданӣ Маҳмурод Одинаеви бегунох



*Ба қалами МАВҶУДА СОҲИБНАЗАРОВА, рӯзноманигор ва муовини раиси КШНГЗС*

13 январи соли 2021 созмони “Дидбони ҳуқуқи башар” дар гузориши худ Тоҷикистонро ба зиндонӣ кардани мунаққидони ҳукумат аз ҷумла фаъолони мухолифин ва журналистон бо ангезаҳои сиёсӣ танқид кард. Мақомот инро рад карда, ба дурустии кори худ ва сиёсӣ набудани қазияҳо таъкид кард.



***Маҳмурод Одинаев тавассути саҳифаи фейсбукии хеш аз шахси дуюми Тоҷикистон, мири шаҳри Душанбе ва ҳамзамон Раиси Маҷлисӣ Миллӣ, писари Эмомалӣ Раҳмон президенти Тоҷикистон, дархосте ҷиҳати гузаронидани тазоҳуроти осоишта намуда буд. Ҷавобе аз ҷониби Рустами Эмомалӣ нашуд, аммо чанд рӯзе аз ин дархост нагузашта, Маҳмурод Одинаев дар Душанбе нопадид шуд ва ғайриқонунӣ дар боздоштгоҳи Кумитаи амният нигоҳдорӣ мешуд.***

Ду ҳафта аз ин гузориш нагузашта, 28 январи соли 2021 додгоҳи ноҳияи Рӯдакӣ, муовини ХСДТ Маҳмурод Одинаевро ба 14 соли зиндон маҳкум кард. Маҳмурод Одинаеви 59-соларо, ки ҳамроҳ бо муовини раиси ҳизб будан, яке аз фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, сиёсати ҳукумати Тоҷикистонро интиқод мекард, барои 14 сол маҳкум карданд.

**Сайкабир Ҷалилзода** - додраси парванда, Маҳмурод Одинаевро бо авбошӣ ва даъвати оммавӣ бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститусионии Тоҷикистон айбдор кард, аммо Одинаев ин ҳукмро напазируфт. Ҳамроҳ бо Одинаев писараш Ҳабибуло Ризоев дар курсии айбдорӣ нишаста буд.

Додгоҳ ҳукм баровард, ки Ҳабибулло Ризоев ба пардохти 58 ҳазор сомонӣ ҷарима муваззаф гардад. Ба падар 14 солу ба писар пардохти ҷарима дар ҳаҷми калон, ки вуҷуд надоштани адолати додгоҳӣ дар Тоҷикистонро бори дигар собит мекунад, ҳукм содир шуд.

Дар он рӯзҳое, ки ҳукми падар ва писар аз ҷониби додгоҳи Рӯдакӣ эълон шуд, фарзанди дигари ин хонадон Шайхмуслиддин Ризоев дар боздоштгоҳ мунтазири ҳукми додгоҳ буд.

Ин ҳама фишор ва азият ба сари як хонавода аз он шурӯъ шуд, ки падари хонадон Маҳмурод Одинаев тавассути саҳифаи фейсбукии хеш аз шахси дуюми Тоҷикистон, мири шаҳри Душанбе ва

**Вақте ки Маҳмурод Одинаевро ба додгоҳ оварданд, ӯ ба китфи ду нафар такья карда базӯр роҳ мегашт ва ҳолати руҳу равонияш ҳам хеле бад буд. Одинаев ба хабарнигорон пеш аз эълони ҳукм гуфт, ки маъмурони полис ҳангоми боздошт ӯро шиканҷа кардаанд ва ба сутунмӯҳрааш осеб расондаанд.**

ҳамзамон Раиси Маҷлисӣ Миллӣ, писари Эмомалӣ Раҳмон президенти Тоҷикистон, дархосте ҷиҳати гузаронидани тазоҳуроти осоишта намуда буд. Ҷавобе аз ҷониби Рустами Эмомалӣ нашуд, аммо чанд рӯзе аз ин дархост нагузашта, Маҳмурод Одинаев дар Душанбе нопадид шуд ва ғайриқонунӣ дар боздоштгоҳи Кумитаи амният нигоҳдорӣ мешуд.

Вақте ки Маҳмурод Одинаевро ба додгох оварданд, ӯ ба китфи ду нафар такья карда базӯр роҳ мегашт ва ҳолати руху равонияш ҳам хеле бад буд. Одинаев ба хабарнигорон пеш аз эълони хукм гуфт, ки маъмурони полис ҳангоми боздошт ӯро шиканҷа кардаанд ва ба сутунмӯҳрааш осеб расондаанд. Ҳабибуллои писараш, ки бо падар буд, гуфт, ки пеш аз боздошт вазъи падарам хуб буд, аммо ҳоло бошад камару поящ шикастагӣ аст, ба дараҷае, ки вақте гуфтам, ман Ҳабибулло ҳастам, маро нашинохт.



Додситони кулли Тоҷикистон бошад ин даъвои падар ва писарро бепоя хонд ва 18 феврал дар як баёнияе, ки дар робита ба изҳороти Паймони Миллии Тоҷикистон вобаста ба хукми зиндонӣ шудани Маҳмурод Одинаев баён намуда буд, гуфт ки парвандаро мавриди омӯзиш қарор додаст ва хукмро асоснок донист.

Додситонӣ илова кард, ки Маҳмурод Одинаев ва писараш 29 октябри соли 2021 дар назди комиссариати ҳарбии ноҳияи Ҳисор дар зарфи 30-40 дақиқа тартиботи ҷамъиятиро вайрон карда, сару садо кардаанд ва кормандони комиссариатро мавриди фишори лафзӣ қарор додаанд, гӯё Маҳмурод Одинаев тартиботи ҷамъиятиро вайрон намуда, дашномҳои қабеҳ додааст ва дар сурати ба хизмати харбӣ гирифтани писар таҳдиди зӯрӣ намудааст.

Соҳибназарон ба ин суханони додситони кул бо шубҳа менигаранд. Агар барои вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ нафарро барои 14 сол равонаи зиндон кунанду фарзандашро 58 ҳазор сомонӣ ҷарима, пас ҷаро барои фарзандони мансабдорон ва нафарони наздик ба оила чунин хукмро асоснок намекунанд?

Шаҳрвандони Тоҷикистон аз бедодгариҳои фарзандони “тиллоӣ”-и мансабдорон ба дод омадаанд, дар ҳоле ки онҳоро на ба маҳбас мешинонанд ва на 58 ҳазор сомонӣ ҷарима мекунанд.

Мисолҳо аз қонуншиканӣ кардани фарзандони мансабдорон хеле зиёданд. Вақте ки писари Ҳукумов (қудои президент) бо мошини худ чанд нафарро куштаву захмӣ кард, 120 сомонӣ ҷарима шуд дар ҳоле, ки Ҳукумов яке аз шахсони сарватмандтарини Тоҷикистон ба шумор меравад.

Замони дигар яке аз хешони президент дар ноҳияи Ҷамолиддини Балхӣ ва дигаре дар Данғара яке корманди милисаро ва дигарӣ шаҳрвандони хориҷиро мавриди лату кӯб қарор доданд ва ба саломатияшон хатари ҷиддӣ расонданд, аммо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуданд.



Бо зиндонӣ кардани Одинаев, ҳукумат бори дигар ба мухолифони худ ҳушдор дод, ки ҳеҷ гуна гирдиҳамоиро дар кишвар хуш надорад ва иҷозат намедиҳад, ки мардум барои ҳуқуқҳои худ садо баланд кунанд.

Пас, гуфтаи пайвандон ва ҳам мухолифон оид ба қаблан тарҳрезӣ шудани иттиҳом алайҳи Одинаев ҷой дорад. Маҳмурод Одинаев барои баргузор кардани тазоҳуроти осоишта аз ҳукумат иҷозат пурсид, фикр кард, ки дар ҷумҳурии демукротии ҳуқуқбунёд зиндагӣ дорад.

Бо зиндонӣ кардани Одинаев, ҳукумат бори дигар ба мухолифони худ ҳушдор дод, ки ҳеҷ гуна гирдиҳамоиро дар кишвар хуш надорад ва иҷозат намедиҳад, ки мардум барои ҳуқуқҳои худ садо баланд кунанд.

**Яке аз хешони президент дар ноҳияи Ҷамолиддини Балхӣ ва дигаре дар Данғара яке корманди милисаро ва дигарӣ шаҳрвандони хориҷиро мавриди лату кӯб қарор доданд ва ба саломатияшон хатари ҷиддӣ расонданд, аммо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуданд.**

Паҳлӯи дигари иттиҳом бар зидди Одинаев он аст, ки ягона ҳизби расман сабти ном шудаи сотсиал-демократро, ки зидди ҳукумат садо баланд мекунад ва интихоби Раҳмонро ба мансаби раисиҷумҳур ғайриқонунӣ меҳисобанд, ҷазо диҳанд ва аз майдони сиёсат берун кунанд. Ва барои ин кор, чанд сол боз пайти муносиб мекофтанд ва чун бештари қувва барои нест кардани ҲНИТ равона шуда буд, акнун барои ин ҳизб фурсати қулай ёфтанд.

Дар ҳақиқат ҳам чунин аст, Одинаев солҳо чун фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ машҳур буд ва зидди шиканҷа шудани зиндониён фаъолият мебурд, аммо он вақт инро ҷиддӣ намегирифтанд. Фақат баъди дархости тазоҳурот, дар чеҳраи Одинаев як рақиби сарсахтро диданд, ҳамон тавре, ки дар чеҳраи Маҳмадрӯзӣ Искандаров, Умаралӣ Қувватов, Султон Қувватов, Зайд Саидов ва чанд тани дигар дида буданд.

Агар чунин намебуд, аз куҷо дар қазияи писараш Шайхмуслиддин қасди таҷовуз ба номусро пайдо намуданд? Замоне, ки додгоҳ Шайхмуслиддин Ризоевро ба 6 соли

зиндон маҳкум намуд, эълон кард, ки ӯ дар баробари авбошӣ ба талоши таҷовуз ба номус айбдор мешавад. Ҳол он ки Шайхмуслиддин ҷабридида буд. Ӯ, ки дар назди тарабхонаи Ҳисор мавриди ҳамла қарор гирифт ва аз ин рӯ ба додгох муроҷиат кард, аммо додгоҳ парвандаро тағйир дода, ӯро бар асоси моддаҳои 237, қисми 2 авбошӣ ва 32-138 қасди таҷовуз ба номус айбдор кард.

Пайвандон баъди эълони ин хукм гуфтанд, ки Шайхмуслиддин қурбони фаъолиятҳои сиёсии падараш шудааст. Ҳарчанд хукм рӯзи 26 феврал эълон шуда бошад ҳам, масъулон танҳо рӯзи 1 март дар сӯҳбат бо *Радиои Озодӣ* онро тасдиқ намуданд.

Меҳринигор Ризоева - модари Шайхмуслиддин рӯзи 1 март ба *Радиои Озодӣ* гуфт, ки онҳоро ҳатто ба толори додгоҳ роҳ надоданд ва писараш зери шиканҷаи шадид иттиҳомро қабул кардааст. Қазияи ин писар моҳи октябри соли 2020 расонаӣ шуда буд. Падар он замон дар озодӣ буд. Писараш ронандаи таксӣ буд ва ӯро назди як тарабхона дар Ҳисор заданд. Модари ин писар мегӯяд, ки писарашро аввал чун ҷабрдида сабт карданд, аммо баъди нопадид шудани падараш ӯро боздошт ва бар зиддаш парванда боз карданд.

Саросемавор ҷараён гирифтани парванда алайҳи ин хонавода, ки ҷинояти сангине накарда буданд, ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистонро шигифтзада кард ва бори дигар боварӣ ҳосил намуданд, ки Раҳмон барои бадном намудани мухолифин, аз тамоми роҳҳо кор мегирад. Инро ҳатто онҳое медонанд, ки барои ин ҳукумат кор мекунанд ва барои хушнуд кардани хоҷааш "тақозои замон", гуфта аз адолат чашм мепӯшанд.

**Сухани охирин**: Маҳмурод Одинаеви бегуноҳи зиндонӣ шуда дар додгоҳ як ҷаҳон маъниро дар худ нуҳуфта буд. Дар Тоҷикистон адолат нест, аммо Худо вуҷуд дорад!





# Фишор ва таъқиби хонаводаҳои мухолифон

*Ба қалами МУҲАММАДИ ОДИНАБЕК, узви Паймони Миллии Тоҷикистон*



Таъқиб ва фишори хонаводаҳои мухолифон ва зиндониёни сиёсӣ дар Тоҷикистон боиси нигаронии хеле ҷиддист. Ҳукумат дар симои ҳар нафаре, ки дар хориҷ аз кишвар қарор дошта, камбудиҳои ин сохторро ошкор мекунанд, хоин ва ватанфӯруш дида, зидди онҳо бо моддаи 307 қисми 2 парванда боз намудааст.

**Ҳукумат дар симои ҳар нафаре, ки дар хориҷ аз кишвар қарор дошта, камбудиҳои ин сохторро ошкор мекунанд, хоин ва ватанфӯруш дида, зидди онҳо бо моддаи 307 қисми 2 парванда боз намудааст.**

Ин як қасоси ҳукумат аз нафаронест, ки алайҳи ҳукумати диктаторӣ, фасодзада ва хонаводагӣ дар Тоҷикистон садо баланд мекунанд. Чун аксар мухолифон имрӯз дар кишварҳои аврупоӣ ба ҳукми паноҳанда зиндагӣ мекунанд ва дасти ҳукумат ба онҳо намерасад, роҳи ба худашон мувофиқ, чӣ гуна тавассути хешу табор фишори равонӣ расондидан ба мухолифонро пайдо намудаанд. Аз ҷумла рӯихати хешу табор, дар куҷо кору зиндагӣ кардан ва умуман роҳи чӣ гуна фишор оварданро солҳо боз тархрезӣ намудаву амалӣ мекунанд.

Дар фарҳанги халқи тоҷик эҳтиром ба падару модар ва шахсони солманд дар ҷойи аввал меистад ва инро ба назар гирифта, мақомдорон кӯшиш мекунанд, ки волидайни мухолифинро зери фишор гиранд, то ба фарзандаш таъсир расонад.

Яке аз шеваҳои таъсиррасонӣ ин дар мазъари омм тасвирӣ аз фарзандаш талаб намудан аст, ки зидди давлат ва ҳукумут баромад накунад, дар пикетҳо иштирок накунад ва ба ватан баргардад, ки дар он вақт аз тарафи ҳукумат мавриди афв қарор мегирад.

Чунин фишорҳои равонӣ на фақат ба волидайн, балки ба фарзандон ҳам таъсир мерасонад. Зиёданд ҳолатҳое, ки падару модари пир аз фишори равонии зиёд мариз мешаванд ё мефавтанд. Дар дасти мо оид ба ин масъала факту далелҳои зиёде мавҷуд ҳастанд, ки мо метавонем онҳоро дар ихтиёри созмонҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ё додгоҳи байналмилалӣ қарор диҳем. Ҳоло бошад ба таври фишурда баъзеи онҳоро ба хонандагон пешниҳод мекунем. Ин фишурда соли 2019 то соли 2021-ро дарбар мегирад:

**1)** 26 ноябри соли 2019 падари 77-солаи фаъоли сиёсӣ Фатҳуддин Саидмуҳиддинов, Минҳоҷ Саидмуҳиддинов ва писарашро аз Қубодиён ба Душанбе барои бозпурсӣ

бурданд. Сабаби он, иштироки Фатҳуддин дар митинги зидди Раҳмон дар Фаронса буд;

**2)** 13 декабри соли 2019 Кумитаи Норвегии Хелсинкӣ ва Анҷумани хуқуқи инсон дар Аврупо аз хукумати Тоҷикистон талаб намуданд, ки ба таъқиб ва фишори хонаводаҳои фаъолони сиёсӣ хотима диҳад;

**3)** 18 декабри соли 2019 Нилуфар Раҷабова - духтари зиндонии сиёсӣ Раҳматуллои Раҷаб мавриди фишор ва озори ҷисмонӣ аз ҷониби корманди мақомоти қудратӣ қарор гирифт. Сабаби он, фаъолияти сиёсии бародари Нилуфар дар Аврупо аст;

> **13 декабри соли 2019 Кумитаи Норвегии Хелсинкӣ ва Анҷумани ҳуқуқи инсон дар Аврупо аз ҳукумати Тоҷикистон талаб намуданд, ки ба таъқиб ва фишори хонаводаҳои фаъолони сиёсӣ хотима диҳад.**

**4)** 13 январи соли 2020 модари 63-солаи узви Паймони Милли Тоҷикистон Маҳмудҷон Файзраҳмоновро мавриди фишори навбатӣ қарор доданд, ки ба фарзандонаш таъсир расонад, то онҳо аз фаъолиятӣ сиёсӣ дар Аврупо даст кашанд;



**Бобоев Саидисҳоқ (паноҳандаи сиёсӣ дар Поланд) соли 2015 аз тарафи УБОП-и шаҳри Душанбе ду моҳ боздошт шуда, таҳти шинканҷаи физикӣ қарор гирифт. Яке аз ин шиканҷаҳо ин буд, ки ӯро се бор дар қувваи барқ монданд, баъдан хонаашро фурӯхта, 30 ҳазор доллар дода озодаш карданд.**

**5)** 2 июли соли 2020 мақомоти Тоҷикистон духтари зиндонии сиёсӣ Ҳикматулло Сайфуллозода, Фарзонаро маҷбур карданд, ки назди дурбин зидди падараш ҳарф занад. Мардум ин амали ҳукумати Тоҷикистонро бо даҳшат қабул карданд. Ин зулми гӯшношунидест, ки як зани мусалмон маҷбур шуд зидди падараш ҳарф занад.;

**6)** 4 июли соли 2020 Гулбарг Сайфова, яке аз паноҳандагони сиёсӣ дар Лаҳистон (Полша) ва хоҳари Сайфов Ҳикматулло, дар ёддоште, ишора ба он кард, ки бародараш Сайфов Ҳикматулло ва ду писархолааш ба номҳои Ҷамшед Нарзуллоев ва Раҳматуллоев Маҳмадалӣ дар филми "Хиёнат" маҷбуран ва таҳти фишор бар зидди раиси ПМТ Муҳиддин Кабирӣ ва ҲНИТ баёнот додаанд. Ӯ афзуд, ки ҷони бародар ва писархолаҳояшро хатари марг таҳдид мекунад;

**7)** 5 июли соли 2020 мақомоти амниятии Данғара 13 узви хонаводаи Ҷанатуллои Комилро, ки дар Олмон ба сар мебарад, ба идораи амният бурда аз субҳ то шом тазъиқ карданд. Дар байни боздоштшудагон кӯдаки 2-моҳа ва 3-сола низ буданд;

**8)** 9 июли соли 2020 Паймони Миллии Тоҷикистон аз фишор ба хонаводаи журналист Мирзои Салимпур ва фишори равонӣ ба раиси бахши тоҷикии Радиои Озодӣ Салими Аюбзод хабар дод;

**9)** 28 сентябри соли 2020 писари фаъоли сиёсӣ Муҳаммадзариф Саидов, Муҳаммадҷон Саидов дар як муроҷиати видеоӣ хабар дод, ки маҳз ба хотири фаъолияти падараш, ӯро дар мактаби бачагони душвортарбия ҷой доданд ва ҳатто

рӯзҳои истироҳат намегузоранд, ки назди модараш равад;

**10)** 18 ноябри соли 2020 КШНГЗС баённяе оид ба фишорҳо болои Муҳаммадиқболи Садриддин ва таҳдиди ӯ ба мусодираи хонааш мунташир кард;

**11)** 12 майи соли 2021 Бахтовар Ҷумаъев як ҳуқуқшиноси муқими Русия ба расонаҳо ха-бар дод, ки хонаводаи ӯ ва панҷ корманди фаъоли “Маркази Тоҷикон” дар Русия аз ҷониби Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои созмонёфта мавриди фишор қарор гирифтаанд.

**Абсаторов Абдуқаҳҳор - бародари фаъоли сиёсӣ ва узви ҲНИТ Абсаторов Абдусамад, аз тарафи кормандони мақомоти қудратии ноҳия Панҷ (милитсия, амният, прокурор) аз соли 2016 то ҳол ҳар моҳ даъват ва бозпурсиву шиканҷаи равонӣ мешавад.**

**12)** Бобоев Саидаҳмад Хоҷаевич, Бобоев Фазлиддин Хоҷаевич, Бобоев Кутбиддин Хоҷаевич ва дигар аъзои хонавода ва хешовандонашон ба хотири фаъолиятҳои сиёсии Бобоев Абдусаттор (раиси КШНГЗС) аз моҳи сентябри соли 2015 то ҳол аз тарафи кормандони КДАМ-и Душанбе ва ноҳияи Восеъ бозпурсӣ ва зери шинкаҷаи равониву физикӣ қарор мегиранд, ки дар натиҷа Бобоев Қутбиддин 8.07.21 ба ҳалокат расид.

Ва ҳамчунин Бобоева Моҳишамс ва Нуриддинова Мамлакат ҳар ду хоҳар ва модари Бобоев Абдусаттор мебошанд, ки чанд бор пайдарпай ба УБОП-и шаҳри Душанбе даъват шуда таҳқир ва фишор диданд. Ин фишорҳои зиёдро Мамлакат Нуриддиноваи 67-сола тоб наоварда, моҳи августи соли 2017 аз дунё чашм пӯшид.

Ва низ Бобоев Саидисҳоқ (паноҳандаи сиёсӣ дар Поланд) соли 2015 аз тарафи УБОП-и шаҳри Душанбе ду моҳ боздошт шуда, тахти шинканҷаи физикӣ қарор гирифт. Яке аз ин шиканҷаҳо ин буд, ки ӯро се бор дар қуввai барқ монданд, баъдан хонаашро фурӯхта, 30 ҳазор доллар дода озод карданд.

**13)** Ғафурова Мавлуда - модари 65-солаи фаъоли сиёсӣ Салмон Султонзода рӯзҳои 8.01.21 ва 31.01.21 аз тарафи Шӯъбаи Вазорати Корҳои Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Зафаробод бозпурсӣ ва зери шиканҷаи равонӣ қарор гирифта ва ба ӯ таҳдид кардаанд, ки агар писарат аз фаъолиятҳои сиёсиаш даст накашад, шуморо пайваста таъқиб мекунем ва ӯро аз Аврупо маҷбурӣ ба Тоҷикистон оварда зиндонӣ хоҳем кард.

**14)** Абсаторов Абдуқаҳҳор - бародари фаъоли сиёсӣ ва узви ҲНИТ Абсаторов Абдусамад, аз тарафи кормандони мақомоти қудратии ноҳия Панҷ (милитсия, амният, прокурор) аз соли 2016 то ҳол ҳар моҳ даъват ва бозпурсиву шиканҷаи равонӣ мешавад.



# Депорти Шовализода аз Австрия ба Тоҷикистон лаккаи нанге ба чеҳраи Аврупост

*Ба қалами МАҲМУДҶОН ФАЙЗРАҲМОНОВ, раиси департаменти умури хориҷаи ПМТ*



Депорти Ҳизбулло Шовализода, шаҳрванди Тоҷикистон ва фаъоли тоҷик, аз Австрия ба Тоҷикистон бо вуҷуди ҳушдорҳои шадиди созмонҳои ҳуқуқи башарӣ аз авоқиби он, як лаккаи нанге бар демократия ва озодихоҳии Аврупо ба шумор меравад.

Баъди он ки ҷаноби Шовализода аз Австрия ба Тоҷикистон депорт шуд, ӯ бо иттиҳомоти сохта, аз ҷумла хиёнат ба Ватан, дар паси дарҳои баста ба 20 сол зиндон маҳкум шуд. Ҳамон натиҷа ва авоқибе, ки созмонҳои ҳуқуқи башар, аз ҷумла Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсии Тоҷикистон (КШНГЗС) хукумати Австрияро аз он ҳушдор дода буданд.

**Баъди он ки ҷаноби Шовализода аз Австрия ба Тоҷикистон депорт шуд, ӯ бо иттиҳомоти сохта, аз ҷумла хиёнат ба Ватан, дар паси дарҳои баста ба 20 сол зиндон маҳкум шуд.**

Кишвар Австрия, ки аз кишварҳои пешрафта ва демократии Аврупои ғарбӣ ба шумор меравад, бо як тасмими нодуруст ва аҷулонааш як сол пеш Ҳизбулло Шовализода, фаъоли тоҷикро ба Тоҷикистон истирдод кард. Вале баъдтар додгоҳе дар Австрия қарори истирдоди ӯ ба Тоҷикистонро ғайриқонунӣ донист ва эълом кард, ки Шовализода ҳаққи иқомат дар ин кишварро дорад, аммо аллакай хеле дер шуда буд. Ин замон аллакай Шовализода бо гирифтани ҳукми 20 сол зиндон дар кунҷи зиндонҳои Тоҷикистон қарор дошт.

**Чаро Австрия ӯро истирдод кард?**

Ҳизбулло Шовализода, ҷавони тоҷик, ки зодаи ноҳияи А. Ҷомӣ аст ва санаи 27.01.1991 ба дунё омадааст, дар таърихи 21.03.2019 дар Австрия дархости паноҳандагӣ кард. Аммо ба сабаби он ки ин ҷавон аз тарафи хукумати Тоҷикистон ба иттиҳоми терроризм мисли дигар фаъолони тоҷик дар кофтуков қарор дошт, дархости паноҳандагии ӯ аз тарафи мақомоти муҳоҷиратии Австрия рад шуд. Сипас, қазияи ӯ ба додгоҳ дар Австрия рафт. Пас аз баррасӣ, додгоҳи федералии Австрия қарори истирдоди ӯ ба Тоҷикистонро содир кард, ки ин қарор боиси *интиқоди* шадиди созмонҳои ҳуқуқи башарӣ ва фаъолони тоҷик гашт.

Онҳое, ки аз ҷузъиёти қазияи Шовализода хабар доранд, мегӯянд, ки сафорати Тоҷикистон дар Вена тамоми кӯшиши худро

барои бозгардондани ӯ сарф кард, то имтиёзи сиёсӣ дар баробари мухолифинаш касб кунад. Ҳукумати Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли тақрибан 30 сол барои баргардонидани мухолифин аз кишварҳои дунё, бахусус кишварҳои собити Шӯравӣ, аз ҷумла Русияву Қазоқистон ва кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия, ва кишварҳои урупоӣ роҳҳои мухталифро истифода кардааст.

Сомонаи мустақилли “*OpenDemocracy*”, мақарраш дар Англия, навишт, ки таҳқиқот нишон дод, ки иттиҳомоти ифротгароӣ алайҳи ӯ дорои ангезаҳои сиёсӣ будааст. Дар мақолае, ки ин сомона навиштааст, омада, ки Додситони кулли Тоҷикистон бо интишори баёнияе аз ҳукумати Австрия барои истирдоди “як ифротӣ” ташаккур кардааст. Маҷаллаи мўътабари “The Economist”-и чопи Лондон дар мақолае зери унвони “*Ваҳшонияти бидуни марз: Режимҳои саркӯбгар контроли худро бар шаҳрвандони худ дар хориҷ аз кишвар шадидтар мекунанд*” навиштааст: “*Додгоҳи Олии Австрия истирдоди ӯро бекор кард, аммо ӯ дар ҳоли ҳозир дар маҳкумияти 20-солаи худро барои ифротгароӣ дар зиндон мегузаронад. Режимҳои худокома муддатҳост, ки “листи сиёҳ”-и Интерполро дасткорӣ мекунанд, то мухолифини худро дар хориҷ аз кишвар ба дом биандозанд.*”




**Вокунишҳо дар пайи қарори истирдоди Шовализода**

Вақте додгоҳе дар Австрия қарори истирдоди ӯ ба Тоҷикистонро содир кард, созмонҳои байналмилалию ҳуқуқи башарӣ ва фаъолону гурӯҳҳои сиёсӣ аз ин қарори мақомоти Австрия шадидан интиқод карданд ва аз авоқиби вахими ин қарор ва поймолшавии ҷиддии ҳуқуқи ӯ ҳушдор доданд.

Ҷон Ҳидершов, профессори равобити байналмилалӣ дар донишгоҳи Эксетери Англия навишт: “*Ин ваҳшатнок аст. Агар Шовализода, як фаъол, узви ҳизб ё аз ақаллиятҳоест, ки мавриди ҳадаф қарор гирифтаанд (язгуломӣ будан), мақомоти Австрия бояд хатари бозгардондан ва тааҳҳудоти худ дар баробари қавонини байналмилалиро дарк кунанд. Соири кишварҳои ИА ба ҳамин далел аз депорт ба Тоҷикистон худдорӣ мекунанд.*”

Ду рӯз пеш аз истирдоди ӯ ба Тоҷикистон, фаъолони тоҷик дар Австрия, бо шумули Абдусаттор Бобоев, раиси Кумитаи наҷот ва Шоҳнаим Карим, аз наздикони Шовализода ва зодаи минтақаи Язғулом, дар назди маркази истирдоди пулис дар шаҳри Вена тазоҳуроте баргузор карданд. Ин фаъолон аз ҳукумати Австрия хостанд, ки қарори истирдоди Шовализодаро лағв кунанд, зеро

ӯ дар Тоҷикистон мавриди шиканҷа ва ҳабс қарор хоҳад гирифт.

Вайсиддин Одинаев, як фаъоли дигар тоҷик, дар сӯҳбат ба *Радиои Озодӣ* гуфт, ки Шовализода аз ҳукумати Австрия паноҳандагӣ хост, аммо Австрия ба ҷои паноҳандагӣ ӯро ба ҳукумати худкомаи Тоҷикистон месупорад.

Як фаъоли дигари тоҷик бо интишори баёнияе дар *Твиттер* бо хитоб ба нахуствазири вақти Австрия, ҷаноби Себастиян Куртс ва ҳукумати Австрия гуфт, ки Шовализода бо вуҷуди рискҳои ҷиддии шиканҷаву зиндон шудан ба зудӣ депорт мешавад. Ӯ афзуд: “*Ман замонат медиҳам, ки дар сурати истирдод, ӯ яқинан мавриди шиканҷа ва ҳабси тулонимуддат қарор хоҳад гирифт... Ин як масъалаи воқеан инсонӣ аст*.”




Вайсиддин Одинаев, фаъоли мустақилли тоҷик, ки бародараш Эҳсон Одинаев бо ангезаҳои сиёсӣ аз Маскав чандин сол пеш нопадид шуд, гуфт: “*Мо аз мақомоти Австрия мехоҳем, ки монеъи депорти Ҳ. Шовализода шаванд, вагарна ҷони ӯ дар хатари бузург қарор хоҳад гирифт. Режими Раҳмонов нисбат ба мухолифинаш бераҳмон аст*.”

**Шовализода чӣ тавр депорт шуд?**

Чандин рӯз пеш аз истирдоди Шовализода, фаъолони тоҷик дар Австрия барои ӯ вакили мудофеъе гирифтанд, то монеъи истирдоди ӯ ба Тоҷикистон шавад, аммо ин кор ниёз ба вақти бештар дошт. Сипас, фаъолони тоҷик дар Австрия ба мақомоти мухталифи ин кишвар нома фиристоданд, то қарори истирдоди ӯ бознигарӣ шавад, аммо бидуни натиҷаи малмусе. Бинобар ин, фаъолони тоҷик ду рӯзи пеш аз депорташ, яъне рӯзи 2-уми марти 2020 дар маркази пулис барои депорт дар шаҳри Вена тазоҳурот баргузор намуданд ва аз мақомоти Австрия ва ҷомеаи ҷаҳонӣ талаб карданд, ки қарори истирдоди ӯ нодуруст аст ва дар сурати анҷоми ихроҷаш ба Тоҷикистон мавриди шиканҷа ва ҳабс қарор мегирад.

Бо вуҷуди таъкидҳо ва ҳушдорҳои мудофеъони ҳуқуқи башар, рӯзи 4-уми марти 2020 Шовализода аз фурудгоҳи байналмилалии Вена бо ҳавопаймо аввал ба Туркия ва сипас ба Тоҷикистон мунтақил шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки Додгоҳи аврупоии ҳуқуқи башар дар ҳамон рӯзи истирдоди Шовализода (яъне 4-уми марти 2020) ҷавоби худро ба номаи вакили мудоефи ин ҷавони тоҷик барои бознигарӣ ва ҷилавгирӣ аз депорт фиристод ва қарори Додгоҳи олии Австрияро бетағйир гузошт.

**“Хушҳолӣ”-и ҳукумату нигаронии мухолифин**

5-уми марти 2020, яъне як рӯз баъди депорти Шовализода, Прокуратураи

генералии Тоҷикистон бо интишори *хабарномае* аз истирдоди ӯ хабар дода, аз “ҳамкориҳои мутақобила бо мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Австрия” ситоиш кардааст.

Прокуратураи генералии Тоҷикистон дар баёнияи худ кишварҳои Аврупоиро барои бозгардондани мухолифин ташвиқ карда, дар охири баёния “*миннатдории хешро ба онҳо (кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо) дар самти мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ баён*” намуд.

Бо ҳамони услуби душмантарошӣ ва сиёҳ кардани мухолифин, Прокуратураи генералӣ ӯро узви ҲНИТ *эълон* кард, дар ҳоле ки масъулини ҲНИТ борҳо гуфтанд, ки ӯ узви ҲНИТ набуд, вале, ба гуфтаи онҳо, ӯ аз мухолифин ҳимоят мекард ва ин боис шуда буд, ки ҳукумат ӯро дар кофтукоб қарор бидиҳад ва ӯро ҳамчун террорист муаррифӣ намояд.

**Вазорати хориҷаи Америко дар гузориши солонаи 2020-и худ дар мавриди ҳуқуқи башар аз навҳаи баргузории мурофиаи пушти дарҳои бастаи Шовализода интиқод карда, навиштааст: “Додгоҳи Олӣ ин мурофиаро ҳамчун як мурофаи махфӣ табақабандӣ кард ва аз гуфтугӯи мақомот дар мавриди муҳокимаи Шовализода бо сафоратхонаҳо ва соири тарафҳои зинафъ ҷилавгирӣ кард.”**

Мақомоти Тоҷикистон Шовализодаро дар листи сиёҳи ҳамкорӣ бо терроризм, ки соли 2020 мунташир шуда буд ва дар он номҳои Муҳиддин Кабирӣ ва дигар мухолифин низ шомил аст, дар мақоми 820 бо номи “Шовализода Хизбуллои Абдулло, 27.01.1991” ҷой *доданд*.

Аммо ҲНИТ дар ҷавоб ба иттиҳомоти Прокуратураи генералии Тоҷикистон баёнияе содир карда, *навишт*, ки Шовализода ҳаргиз узви ҲНИТ набудааст, балки ҷонибдори мухолифин аст. Ҳизби наҳзат афзуд, ки депорти ӯро “*як амали мухолиф бо меъёрҳои байналмиллалӣ ва ҳуқуқи башар медонад, зеро Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое аст, ки дар он ҳуқуқи башар риоят нашуда, мақомоти судиаш мустақил нестанд, шиканҷа дар зиндонҳо ва дар марҳалаи тафтиш амалӣ мешавад.*”

**Мурофиаи пушти дарҳои баставу ҳукми 20-сол зиндон**

Яке аз далелҳои қотеъ барои сохта будани иттиҳомоти ҳукумат алайҳи Шовализода, баргузории мурофеаи ӯ пушти дарҳои баста ва иҷоза надодани хонаводааш дар ин мурофеа мебошад. Агар ҳукумат иддао мекунад, ки Шовализода террорист аст ва “қасди анҷом додани амалҳои террористӣ” доштааст, пас чаро мурофеаи ӯ озод, на дар пушти дарҳои баста ва бо ҳузури ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хешовандона баргузор нашуд?

Рӯзи 12-уми июн, яъне баъди 3 моҳ аз депорташ, мурофиаи ӯ пушти дарҳои баста дар боздоштгоҳ баргузор шуда, ӯро ба иттиҳомоти сохтаи узвият дар ҲНИТ ва “хиёнат ба Ватан” ба муддати 20 сол равонаи зиндон карданд.

Хешовандони ӯ ба *Радиои Озодӣ* *гуфтанд*, мақомот ба онҳо занг заданд ва аз ҳукми наздикашон хабардор карданд, ки ӯро 20 сол аз озодӣ маҳрум кардаанд. Мақомот онҳоро

аз замони мурофиааш хабар надоданд, ки худ ин як амали ғайрқонунӣ аст.

Вазорати хориҷаи Амрико дар гузориши солонаи 2020-и худ дар мавриди ҳуқуқи башар аз навҳаи баргузории мурофиаи пушти дарҳои бастаи Шовализода интиқод карда, навиштааст: “*Додгоҳи Олӣ ин мурофиаро ҳамчун як мурофаи махфӣ табақабандӣ кард ва аз гуфтугӯи мақомот дар мавриди муҳокимаи Шовализода бо сафоратхонаҳо ва соири тарафҳои зинафъ ҷилавгирӣ кард*.”

Мақомоти Тоҷикистон аз додани маълумот дар бораи ин парванда ба далели махфӣ будани он худдорӣ карданд. Дар Тоҷикистон тақрибан ба ҳамаи мурофеаҳое, ки дорои ангезаҳои сиёсӣ ҳастанд, мӯҳри махфӣ мезананд, то ҷомеа аз ҷузъиёти иттиҳомоти сохтаву бофтаи ҳукумат мутталеъ нашавад.

Маҳкум шудани Шовализода ба 20-сол зиндон интиқодҳои шадид аз ҳукумати худкомаи Эмомалӣ Раҳмонро ба бор овард, вале созмонҳои байналмилалӣ ва мудофеъони ҳуқуқи башару фаъолони сиёсӣ ба ин муддати тулонӣ маҳкум шудани ӯро пешбинӣ мекарданд ва ҳамеша кишвари Австрия хушдор медоданд, ки дар сурати истирдод, Шовализода мавриди шиканҷа ва

**Анҷумани ҳуқуқи башар дар Осиёи Марказӣ, мегӯяд, ҳоло санадҳои марбут ба қазияи Ҳизбуллоҳро барои баррасӣ ба Комиссари ҳуқуқи башари Иттиҳоди Аврупо ва ба Кумитаи ҳуқуқи башари Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод хоҳанд кард ва имкони баргардондани ӯро баррасӣ дорад.**

ҳабс қарор хоҳад гирифт. Аммо ҳукумати Австрия, ки дар дасти Ҳизби мардумии Австрия (ÖVP) буд ва сиёсати зидди муҳоҷиротӣ дошт, ба ин хушдорҳо эътиное накард.

**Интиқоди шадид аз Австрия ва кишварҳои аврупоӣ барои депорти мухолифин**

Ҳарчанд 4 моҳ баъд аз депорти Шовализода ва баъди 25 рӯз аз содир шудани ҳукми

**Дар худи Австрия ҳукумати ин кишвар мавриди интиқод қарор гирифт. “*DerStandard*”, яке аз рӯзномаҳои бонуфузи Австрия, имрӯз, 17-уми июли 2020 дар мавриди қазияи Шовализода зери номи “*Австрия бояд тоҷики истирдодшуда бозгардонад*” хабари таҳлилие нашр кард ва аз ҳукумати ин кишвар ба шиддат интиқод кард.**

Шовализода, додгоҳи федералии Австрия рӯзи 7-уми июли 2020 қарори депорташро ғайриқонунӣ донист, аммо аллакай хеле дер шуда буд. Дар замоне, ки ин ҳукми додгоҳи Австрия содир шуд, Шовализода бо доштани ҳукми 20-сол зиндон дар кунҷи зиндон дар Тоҷикистон қарор дошт.

Надежда Атаева, раиси Анҷумани ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ, ба Радиои Озодӣ гуфт: “*Вакилони мудофеъ дар Австрия маълумоти муфассалро дар бораи қазияи Ҳизбуллоҳ пешниҳод карданд. Маълум мешавад, мақомоти додгоҳии Австрия дар таҳқиқи қазияи ӯ беинсофона бархӯрд кардаанд. Инчунин, муносибати сарди мутахассисони идораи муҳоҷирати ин кишварро мушоҳида намудем*.”

Дар худи Австрия ҳукумати ин кишвар мавриди интиқод қарор гирифт. “*DerStandard*”, яке аз рӯзномаҳои бонуфузи Австрия, имрӯз, 17-уми июли 2020 дар мавриди қазияи Шовализода зери номи “*Австрия бояд тоҷики истирдодшуда бозгардонад*” хабари таҳлилие нашр кард ва аз ҳукумати ин кишвар ба шиддат интиқод кард.

Дар идомаи мақола омадааст: “*Ин тоҷик гуфтааст, ки ӯ дар ватани худ таҳти таъқиб ва озору азият аст, зеро ӯ язғуломӣ аст. Ҳамчунин ӯ муттаҳам (аз тарафи ҳукумат) ба мансубият ба Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон аст. Ҳизбе ки аз тарафи президенти худкома Эмомалӣ Раҳмон мамнуъ эълон шуд, ки бар асоси додаҳои созмонҳои ҳуқуқи башар мисли Дидбони Ҳуқуқи Башар ин як иқдоми густурдае тавассути раҳбарияти иқтидоргаро ва мустабид дар Душанбе сурат гирифт, то мухолифин ва мунтиқидонро ҳамчун ҷинояткор муаррифӣ кунад.*”

**Хю Виллиямсон, мудири Шӯъбаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар Дидбони Ҳуқуқи Башар бо интиқоди шадид аз ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамчунин аз ҳукумати Австрия гуфт: “Австрия акнун муваззаф аст, ки аз тамоми абзорҳои дипломатик барои бозгардондани Шовализода ба Австрия истифода кунад, то иштибоҳе ки боис шуд, як мард ба муддати 20 сол дар зиндон бимонад, ислоҳ шавад. Пуштибонии Иттиҳодияи Аврупо (дар ин қазия) низ муҳим аст.”**

Ҳамчунин дар ин матлаб омадааст: “*Бар асоси додаҳо, президент Раҳмон тақрибан тамоми қудратро дар даст дорад ва дастгоҳҳои иҷроӣ, қонунгузорӣ ва додгустариро контрол мекунад. Вақте суҳбат дар мавриди мубориза бо терроризм меравад, системаи қонунгузории Тоҷикистон фарқеро байни ифротгароии ғайри-хушунатомез ва хушунатомез қоил нест. Ин ҷиноятсозии ба ин ҳад васеъ дар саркуби мухолифин низ амал мекунанд.*”

**Оё Австрия муваззаф аст, Шовализодаро баргардонад?**

Кишвари Австрия, ки яке аз кишварҳои пешрафтаи демократӣ дар Аврупо маҳсуб мешавад, барои нодида гирифтани ҳушдорҳои созмонҳо ва мудофеъони ҳуқуқ дар мавриди депорти ин мухолифи тоҷик, мавриди интиқодҳои шадид қарор гирифт.

Рӯзномаи бонуфузи австриягӣ “*DerStandard*” менависад, ки Австрия муваззаф аст, ки тадбиреро иттихоз кунад, то Шовализода дубора ба Австрия баргардонад.

**Кишвари Австрия, ки яке аз кишварҳои пешрафтаи демократӣ дар Аврупо маҳсуб мешавад, барои нодида гирифтани ҳушдорҳои созмонҳо ва мудофеъони ҳуқуқ дар мавриди депорти ин мухолифи тоҷик, мавриди интиқодҳои шадид қарор гирифт.**

Дидбони Ҳуқуқи Башар мегӯяд, Австрия ҳадди ақал муваззаф аст, талошҳои дипломатии худро барои итминон аз амнияти ӯ дар зиндон анҷом диҳад.

Аммо ҳукумати Тоҷикистон дигар раъй дорад. Ҳамон ҳукумате, ки аз ҳамкории Австрия барои бозгардондани Шовализода ташаккур кард, боз ҳамин ҳукумат мегӯяд: "*Қарори додгоҳи Австрия дар Тоҷикистон амал намекунад.*" Яъне ҳукумати Тоҷикистон дар масъалаи депорти мухолифини худ ба Тоҷикистон бо ҳар васила ғайриқонунӣ ҳамкорӣ мекунад, аммо инки афроди ҳадафқароргирифта ба Тоҷикистон истирдод шаванд, дигар ҳукумат ҳеч гуна ҳамкорие дар ин масъала нахоҳад карd.

Бо вуҷуди ин, Анҷумани ҳуқуқи башар дар Осиёи Марказӣ, *мегӯяд*, ҳоло санадҳои марбут ба қазияи Ҳизбуллоҳро барои баррасӣ ба Комиссари ҳуқуқи башари Иттиҳоди Аврупо ва ба Кумитаи ҳуқуқи башари Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод хоҳанд кард ва имкони баргардондани ӯро баррасӣ дорад.

**Грегор Кламмер, адвокати Шовализода, аз Австрия хост, ин кишвар эътироф кунад, ки масъулият дар қиболи (иштибоҳҳои) кормандони худро бар ухда дорад. Ӯ афзуд, ки фишорҳои умумӣ бар мақомоти ин кишвар афзоиш ёфтааст.**

Илова бар ин, Грегор Кламмер, адвокати Шовализода, аз Австрия хост, ин кишвар эътироф кунад, ки масъулият дар қиболи (иштибоҳҳои) кормандони худро бар ухда дорад. Ӯ афзуд, ки фишорҳои умумӣ бар мақомоти ин кишвар афзоиш ёфтааст.

Ҳамчунин, Ҳю Виллиямсон, мудири Шӯъбаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар Дидбони Ҳуқуқи Башар бо интиқоди шадид аз ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамчунин аз ҳукумати Австрия *гуфт*: "*Австрия акнун муваззаф аст, ки аз тамоми абзорҳои дипломатик барои бозгардондани Шовализода ба Австрия истифода кунад, то иштибоҳе ки боис шуд, як мард ба муддати 20 сол дар зиндон бимонад, ислоҳ шавад. Пуштибонии Иттиҳодияи Аврупо (дар ин қазия) низ муҳим аст.*"

**ҲНИТ дар ҷавоб ба иттиҳомоти Прокуратураи генералии Тоҷикистон баёнияе содир карда, навишт, ки Шовализода ҳаргиз узви ҲНИТ набудааст, балки ҷонибдори мухолифин аст. Ҳизби наҳзат афзуд, ки депорти ӯро "як амали мухолиф бо меъёрҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи башар медонад, зеро Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое аст, ки дар он ҳуқуқи башар риоят нашуда, мақомоти судиаш мустақил нестанд, шиканҷа дар зиндонҳо ва дар марҳалаи тафтиш амалӣ мешавад."**



## “То ҷон дар бадан дорам, аз ҳаққи падарам дифоъ мекунам”

**Нилуфар Раҷабова, духтари Раҳматуллои Раҷаб, яке аз раҳбарони Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ки ҳаминак дар зиндон ба сар мебарад ва хоҳари Шӯҳрати Раҳматулло, рӯзноманигор ва фаъоли сиёсии тоҷик, дар гуфтугӯ бо Мавҷуда Соҳибназарова, фаъоли сиёсӣ ва муовини раиси Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсӣ (КШНГЗС), бо баёни ин ки се моҳ боз берун аз Тоҷикистон дар яке аз кишварҳои аврупоӣ қарор дорад, гуфт: “Бо як азобу машаққат ба инҷо расидам. Ҳоло фарзандонам зери назари духтурон қарор доранд. Аммо аз вазъи падарам ман хеле нигарон ҳастам. Ва то ҷон дар бадан дорам, аз ҳаққи падарам дифоъ мекунам... Алайҳи ман бар асоси моддаи 307 қисми ду парванда боз шудааст. Моддае, ки онро ба сари аксари тоҷикони дар Аврупо қарор дошта бор кардаанд. Ман худро гунаҳкор намеҳисобам ва кӯшиш мекунам, ки ба гӯши ҷаҳониён он чизеро, ки дар зиндонҳои Тоҷикистон мегузарад, расонам.”**

**Мавҷуда Соҳибназарова:** Мақомоти Тоҷикистон алайҳи Нилуфар Раҷабова бо гумони ифротгароӣ парванда боз намудаанд. Ин ҳамон Нилуфар Раҷабоваест, ки яке аз саҳифаҳои ин маҷалларо барояш ихтисос дода будем. Нилуфар духтари Раҳматуллои Раҷаби зиндонӣ, бо фишор, таҳдид ва беадолатӣ бо ду фарзанди маъюбаш рӯ ба рӯ мешуд. Ва ҳамаи ин барои он буд, ки ӯ духтари зиндонии сиёсӣ, хоҳарӣ мухолифи сиёии дар Аврупо буда ва ҳамчунин бонуи сатрпӯш аст, ки мақомоти Тоҷикистон ин тарзи пӯшишро хуш надорад. Ҳоло ин бону дар яке аз кишварҳои аврупоӣ қарор дорад ва мо аз фурсат истифода бурда, аз ҳолаш ва он чизе, ки дар Тоҷикистон ба сараш оварданд, пурсидем:



Бо зиндонӣ кардани падарам, ҳамаи моро зиндонӣ карданд гӯям ҳам хато намекунам. Мо маҳбус шудем; маҳбуси режими ҳукумати Раҳмон.

**- Нилуфар, шумо ҳоло дар Аврупо қарор доред, аммо дар Тоҷикистон алайҳи шумо парванда боз карданд, магар ин қадар азияте, ки шуморо дар Тоҷикистон карданд, барояшон бас набуд?**

- Мақомоти Тоҷикистон алайҳи ман парванда боз карданро ба он рабт медиҳанд, ки гӯё ман дар Аврупо бо мухолифин пайвастааму зидди ҳукумати Тоҷикистон дар канали ”*Аздо ТВ*” ва ”*Паём*”, ки канали мухолифин маҳсуб меёбад, суханронӣ намудаам. Ин парвандаро алайҳи ман Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон боз намудааст.

(*Кумитае, ки ба гуфти Нилуфар, чанд сол боз барои ӯ ва фарзандонаш “запрет” задаву ин ”запрет“ намегузоштааст, ки ӯ фарзандони*

*маъюбашро, ки беморияшон махсуби бачаҳои "булӯрин" ҳастанд, барои табобат ба хориҷӣ кишвар барад.*)

**- Дар бораи мамнӯъ кардани сафаратон ба хориҷи кишвар шуморо огоҳ карда буданд?**

- Ин соли 2016 буд. Баъди ҳабси падарам, тамоми хонаводаро мамнӯъхуруҷ карданд. Борҳо бародарам ва хоҳарам аз мақомот тақозо карданд, ки иҷозат диҳанд, ки онҳо ба Русия рафта кор кунанд ва шароити вазнини иқтисодии оиламонро андаке беҳбуд бахшанд. Аммо ин иҷозатро бароямон надоданд. Бо зиндонӣ кардани падарам, ҳамаи моро зиндонӣ карданд



гӯям ҳам хато намекунам. Мо маҳбус шудем; маҳбуси режими хукумати Раҳмон. Ҳатто шиносномаҳои ду фарзанди маъюбамро аз дастам гирифтанд. Ин баъди як соли зиндонӣ будани падарам буд. Мо агар падарамро гузошта берун рафтанӣ мешудем, ин корро барвақт мекардем, инро борҳо ба мақомдорон фаҳмондем, аммо гӯш намекарданд.

Ба духтарчаи 1,5-солаам низ хориҷ шудан аз Тоҷикистонро мамнӯъ карданд. Ягон аъзои хонаводаамон интисно нашуданд. Ба замми ин, вазъи сиххати фарзандонам рӯз ба рӯз бад мешуд. Чандин бор ба мақомот муроҷиат намудам, ки иҷозат диҳанд фарзандонамро барои табобат бибарам. Аммо фақат ҷавоби рад мешунидам ва илова мекарданд, ки ту дурӯғ мегӯӣ, бачаҳоят бемор нестанд.

Рӯзе аз боғчаҳои бачагон, ки фарзандонам онҷо буданд, ба ман занг зада гуфтанд, ки зуд расида биё, ки ҳоли бачаат бад аст. Намедонам, чӣ гуна худамро ба боғча расондам. Куртаи сафеди писарам аз хун сурх шуда буд ва хун аз биниаш фаввора мезад. Зуд писарамро ба даст гирифтаму ба назди Кумитаи амният давидам. Чун ба назди ин идора расидам, бо овози баланд фиғон кашидам. Фиғоне, ки як модар барои фарзанди захмхӯрда ё вафоткардааш мекашад. Фиғони ман он лаҳза ояд, санги хороро об мекард, роҳгузарон бо андӯҳ ба ман менигаристанд, аммо кормандони амният оромона аз панҷараи утоқҳояшон ин ҳамаро наззора мекарданд, мисле, ки фарзанди инсон набошанд.

Барои пайваста зери муойинаи духтурон будани фарзандонам, маблағи кофӣ ҳам надоштам, аммо шабу рӯз хизмати мардумро мекардам, ки барои табобати фарзандонам пул пайдо кунам. Ҳатто нафақае, ки барои бачаҳо муайян шуда буд, нисф карда медоданд, ки барои доруи як нафарашон ҳам намерасид.

Хулоса, боз ҳам рафтам ба яке аз бемористони худамон, ки каме дарди фарзандонамро сабук созам. Писарам сиххат мешуд, ягон ҷойи

**Пайваста зери назар будан ба ҳолати равониям таъсири бад мегузошт. Духтурон ба ман гӯшакӣ мекарданд, ки онҳо ҳам барои ман зери фишор қарор доранд. Баёноти хаттӣ ҳам аз онҳо талаб намудаанд, ки воқеан ҳам мариз будани фарзандонамро тасдиқ кунанд.**

духтарам мешикаст. Вақти зиёдам дар бемористонҳо мегузашт, аммо онҷо ҳам оромӣ надоштам. Дар ҳар бемористоне, ки бо фарзандонам бистарӣ мешудем, як ё ду нафар корманди амният онҷо навбатдор буданд. Ҳатто ҷинояткори хатарноктаринро шояд чунин думболагирӣ накунанд. Пайваста зери назар

будан ба ҳолати равониям таъсири бад мегузошт. Духтурон ба ман гӯшакӣ мекарданд, ки онҳо ҳам барои ман зери фишор қарор доранд. Баёноти хаттӣ ҳам аз онҳо талаб намудаанд, ки воқеан ҳам мариз будани фарзандонамро тасдиқ кунанд.

**- Чӣ гуна ба шумо муяссар шуд, ки зери ин ҳама фишор ва таъқиб тавонистед, ки фарзандатонро ба Ҳиндустон барои табобат баред?**

- Се моҳ даводав кардам. Рӯз дар миён ба Вазорати корҳои хориҷӣ ва Кумитаи давлатии амният мерафтам. Чун тӯби футбол аз ин идора ба идораи дигар маро мефиристоданд. Дар Кумитаи амният мегуфтанд, ту кӣ ҳастӣ, ки туро запрет монем? Ба шӯъбаи шиносномадиҳии назди хона рафтам. Илтимос кардам. Нафарҳои хайрхоҳ ҳам дар байнашон буданд, ки ба ман кӯмак кардан мехостанд. Дар шӯъбаи шиносномадиҳӣ гуфтанд, ки запретро амниятиҳо мондаанд. Вақте ки яке аз кормандон маро ба назди сардори шӯъба мебурд, ҳуҷҷатҳоям аз дасташ афтиданд, ки воқеан то духтарчаи яксолаву семоҳаам запрет дорад. Дар ҳуҷҷатҳо се мӯҳр буд бо рангҳои сурху сабзу кабуд.

**Коляска ҳам надоштам, ки кӯдаки маъюбамро дар он шинонам. Ҳамин тавр кӯдаки маъюб дар даст дар фурудгоҳ саргардонии зиёдеро паси сар кардам. Камарам ҳам аз вазнинии зиёд зарб хӯрд. Дар Ҳиндустон рӯз мондем. Каляска надоштам. Кӯдака мебардоштам, грижа шудам.**

Хуллас, баъди даву ғеҷ ва истодагарии зиёд назди Ятимов даромадам. Гуфтам, ки ман тавассути расонаҳо сухан ронда ин ҳама зулми шуморо ба гӯши ҷаҳониён мерасонам, ки бо як кӯдаки бемор ва маъюб чӣ гуна меҷангед. Бошад, маро ҷазо медиҳед, аммо бо кӯдакон ин рафтори золимона чаро? Хуб, маро ҷазо медиҳед, аммо ба фарзандонам раҳм кунед. Ахиран, иҷозат доданд.

Дар назди “Садбарг” як корманди амният бо номи Ёров Комрон, ки мо зери назорати ӯ будем, ҳуҷҷатҳоямро дода гуфт, ки фақат бо писарат меравӣ, духтарчаатро намебарӣ. Ҳамин тавр ба Ҳиндустон ҳам зери назари амниятиҳо рафтам. Дар онҷо писарам ду се ҷарроҳии хеле вазнинро



аз сар гузаронд, аммо амниятиҳо ба ин нигоҳ накарда, оромам намегузоштанд. Духтурони ҳиндӣ хеле дилсӯзӣ мекарданд. Мегуфтанд, ки мо ҳамдини ту набошем ҳам, диламон ба фарзандат месӯзад, аммо инҳое, ки бо шумо инҷо ҳастанд, аз инсоният бӯе набурдаанд. Рӯзи бозгашт ба ватан ҳам, ба ман мушкилии зиёде эҷод карданд. Гуфтанд, ки ту раву кӯдакат бо рейси дигар меравад. Писарам аз ман ҷудо шудан намехост, ман аз ӯ. Ахиран, бо он рейс парвоз карда натавонистем. Як духтареро, ки аз амният бо ман вобаста карда буданд, ӯ ҳам билеташиро бозпас гардонд. Коляска ҳам надоштам, ки кӯдаки маъюбамро дар он

шинонам. Ҳамин тавр кӯдаки маъюб дар даст дар фурудгоҳ саргардонии зиёдеро паси сар кардам. Камарам ҳам аз вазнинии зиёд зарб хӯрд. Дар Ҳиндустон рӯз мондем. Каляска надоштам. Кӯдака мебардоштам, грижа шудам.

**- Падари фарзандонатон кӯмак намекард?**

- Чӣ гӯям, вақте ки ба сари мо ин фоҷеа омад, ӯ аз мо рӯ тофт. Се фарзанд дорам. Шукри Худо, фарзанди калониям солим аст. Падарашон ба ҷойи ба бачаҳош кӯмак кардан дар баробари фишори мақомот, ба мо фишор меоварджнои. Намедонам, шояд мақомот аз ӯ ин дархостро карда буданд. Вақте ки ба додгоҳ аз болояш шикоят намудам, додгоҳ ба манфиати ӯ корро ҳал кард.

**- Дигар аъзои хонаводаатон ҳам зери назорат буданд?**

- Бале, дар хонаи ҳамсоя ду камераи назоратӣ насб кардаанд. Ҳар касе, ки ба хонаи мо меомад, мепурсиданд кӣ буд ва барои чӣ омад. Дар санаторияи барои кӯдакони маъюб дар Варзоб номнавис ҳастам. Соле як бор навбатамон меояд. Ҳатто то ҳамон санатория кормандони амният ману модарамро ҳамроҳӣ карданд. Вақте ки ҷавонони "Авангард" ба хонаи мо ҳуҷум карданду хонаи моро тухмшаппак карданд, мо ба Кумитаи амният ва ВКД муроҷиат кардем. Аммо ҷорае надиданд.

Баъди як рӯзи ҳамон ҳодиса, бо модарам дар маршрутка мерафтем, ки аз радиои он сӯҳбати Рамазон Раҳимзода бо хабарнигоре оид ба ин масъала мерафт. Рамазон Раҳимзода ба суоли хабарнигор дар мавриди чӣ чора мебинанд, посух дод, ки аз ин хонавода касе ба мо расмӣ муроҷиат накардааст. Аз маршрутка пиёда шудему рост рафтем ба назди ВКД. Сару садо кардем, ки ҷаро аризаи моро қабул накардед? Аз онҷо моро пеш карданд. Баъди се моҳ делоро маҳкам карданду гуфтанд, ки ба хонаи мо касе ҳуҷум накардааст, се занак назди хонаи шумо омада будаанд, ки мо онҳоро дусад сомонигӣ ҷарима бастем.



**Ҳар бор, ки ба мулоқоти падарамон мерафтем, осори шиканҷаро дар чеҳрааш медидем. Падарам шиканҷа шуданаро аз мо пинҳон медошт. Як рӯз ҳангоми вохӯрӣ, кепкаи падарамро нохост аз сараш гирифтам. Сараш ва пушти гарданаш сиёҳ ва кабуд буд. Маҷбураш кардам, ки куртаашро боло кунад. Изи шиканҷа дар гурдаҳояш ҳам дида мешуд.**

**- Дар бораи вазъи падаратон каме маълумот медодед. Ҳолаш чӣ тавр аст?**

- Ҳар бор, ки ба мулоқоти падарамон мерафтем, осори шиканҷаро дар чеҳраааш медидем. Падарам шиканҷа шуданаро аз мо пинҳон медошт. Як рӯз ҳангоми вохӯрӣ, кепкаи падарамро нохост аз сараш гирифтам. Сараш ва пушти гарданаш сиёҳ ва кабуд буд. Маҷбураш кардам, ки куртаашро боло кунад. Изи шиканҷа дар гурдаҳояш ҳам дида мешуд. Бо қаҳр хестаму назди Мӯҳтоҷзода рафтам. Гуфтам, ҷаро падарамро шиканҷа мекунед ва ҷаро падарам дар ШИЗО аст? Ман ба ташкилотҳои дахлдор муроҷиат мекунам. Мӯҳтоҷзода масхаракунон гуфт, ШИЗО ҷойи зӯрай, онҷо ананас мехӯранд, банан мехӯранд.

Онҷо ду зани дигар ҳам истода буданд, ки фарзандҳояшонро дар ШИЗО ҷой дода буданд.

Онҳо ин ҳарфи Мӯҳтоҷзодаро бовар карда, хеле ба ӯ миннатдорӣ карда рафтанд. Барои дидани падарам исрори зиёд кардам. Назди Умаров рафтам. Талаб намудам, ки падарамро аз склонка гиред. Ӯ ҳам тамасхур кард. Гуфт, дидӣ шикастани шумо ду кара ду аст. Ба падарам таҳдид карданд, ки понздаҳ нафар дар ШИЗО омада, ду нафари наҳзатиро шикастан, акнун навбати туст.

**- Бо падарат вохӯрдӣ ва ӯ шиканҷа шудани зиндониёнро тасдиқ кард?**

- Падарам нақл кард. Абдуқаҳҳори Давлат дар зиндони нав буд. Маро гуфтанд, ки Абдуқаҳҳори Давлат туро дидан мехоҳад. Як қадам гузоштам, ки ду нафар Абдуқаҳҳори Давлатро кашола карда оварданд ва ба ман гуфтанд, ки ту қоъидаи зиндонро вайрон кардӣ. Ана, барои ту шуда, Абдуқаҳҳори Давлат ҳам ҷазо мегирад. Ба модарам таҳдид карданд, ки чун бо расонаҳо сӯҳбат кардааст, вазъи падарамро бадтар хоҳанд кард.

Вақте ки ҳафт нафар аз хонаводаи мо ва Зубайдуллои Розиқ, барои дидорбинӣ рафтанд, ба мо таҳдид карданд, ки шумо митингкунӣ омадаед. Акнун, ки ман берун ҳастам, ба модарам таҳдид карда гуфтанд, ки Раҷабова Лола кӣ аст? Наметарсад, ки духтарчаи хушрӯ дорад? Худаш ҳам зебо аст?

**- Ба иттиҳоме, ки имрӯз нисбатат бастанд, чӣ назар дорӣ?**

- Ман се моҳ боз берун аз Тоҷикистон дар яке аз кишварҳои аврупоӣ қарор дорам. Бо як азобу машаққат ба инҷо расидам. Ҳоло фарзандонам зери назари духтурон қарор доранд. Аммо аз вазъи падарам ман хеле нигарон ҳастам. Ва то ҷон дар бадан дорам, аз ҳаққи падарам дифоъ мекунам. Магар дифоъ аз ҳаққи падар гуноҳ аст? Дар кадом қонун ин гуфта шудааст? Алайҳи ман бар асоси моддаи 307 қисми ду парванда боз шудааст. Моддае, ки онро ба сари аксари тоҷикони дар Аврупо қарор дошта бор кардаанд. Ман худро гунаҳкор намеҳисобам ва кӯшиш мекунам, ки ба гӯшм ҷаҳониён он чизеро, ки дар зиндонҳои Тоҷикистон мегузарад, расонам.





# 5-соли ҳабси табиб Мирзои Ҳоҷимуҳаммад барои фошкориҳо оиди сиёсати коронавируси ҳукумат

*Ба қалами МАҲМУДҶОН ФАЙЗРАҲМОНОВ, раиси департаменти умури хориҷаи ПМТ*



Табиби тоҷик Мирзоқул Ҳоҷиматов (маъруф ба Мирзои Ҳоҷимуҳаммад) ба хотири постҳои фейсбукӣ ва фошкориҳояш дар мавриди вазъияти вабои ҳамагир дар Тоҷикистон, бо иттиҳомоти сохта ба 5 соли зиндон маҳкум шуд.

Ӯ, ки шаҳрвандии Русияро дошт ва дар вилояти Тюмени Русия ба ҳайси табиб кору зиндагӣ мекард, рӯзи 22-уми майи 2021 дар зодгоҳаш, ноҳияи Ашт боздошт шуд ва баъди 8 рӯз, яъне 1 июни 2021 ба бо иттиҳоми узвият дар ташкилоти экстремистӣ (моддаи 307, иловаи 3-и Кодекси ҷиноӣ), яъне узвият дар ҲНИТ, ба муддати 5 сол равонаи зиндон шуд. Ин дар ҳолест, ки ҲНИТ мегӯяд, ки ӯ соли 2015 ин ҳизбро тарк кардааст ва ягон фаъолияти сиёсӣ надоштааст.



**Мирзоқул барои фошкориҳояш оиди COVID-19 зиндонӣ шуд?**

Аксари хабаргузориҳо ва таҳлилгарон сабаби боздошт ва зиндонӣ шудани Мирзои Ҳоҷимуҳаммадро дар фаъолиятҳои фейсбукии ӯ медонанд, вале агар дақиқтар назар кунем, мебинем, ки ӯ барои фошкориҳояш дар мавриди сиёсати ғалати ҳукумати Тоҷикистон бо раҳбарии Эмомалӣ Раҳмон нисбати коронавирус зиндонӣ шуд.

Дар ҳоле, ки ҳукумат сиёсати пинҳонкорӣ дар мавриди коронавирусро ихтиёр карда буд, табиб Мирзои Ҳоҷимуҳаммад яке аз нодир табибони тоҷик ба шумор мерафт, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ин сиёсати ғалати ҳукуматро фош мекард. Ин амал ва фошкориҳои ӯ, ки он вақт дар вилояти Тюмени Русия кору зиндагӣ мекард, ҳукумати Тоҷикистонро нороҳат мекард, ки билохира боис шуд ӯро ба кунҷи зиндон барад.

Барои мисол, дар ҳоле, ки ҳукумати Тоҷикистон аз моҳи феврали 2020 (пайдоишу интишори коронавирус дар қариб тамоми кишварҳои ҷаҳон дар ин моҳ гузориш мешуд) то моҳи майи 2020 вуҷуди мавориди коронавирус дар Тоҷикистонро ба шиддат инкор мекард, Мирзои Ҳоҷимуҳаммад рӯзи 27-уми апрели 2020 алайҳи ин сиёсати пинҳонкории ҳукумат овоз баланд кард. Ӯ бо бознашри матлаби

"Кишвари тиллоӣ" ё баҳси буду набуди COVID-19 дар Тоҷикистон" навишт: "*Чунин таҳлилу масъалагузориҳо ба нафъи миллат ва кишвар, ҳатто ҳукуматдорон низ ҳаст. Мадҳу васфҳои чоплусона дигар ба дарди ҷомеа намехуранд.*" Ӯ афзуд: "*Вабо оламгир шудааст, Тоҷикистон ҷузъи хеле кучаки дунё аст, мо ягон имтиёзу бартарие*



*надорем.*"

Дар моҳи апрели 2020 масъалаи буду набуди коронавирус ҷомеаи тоҷикро ба ду даста тақсим карда буд. Аз постҳои дигари Мирзои Ҳоҷимуҳаммад дар ин моҳ маълум мешавад, ки аз ин пинҳонкории ҳукумат нороҳат аст. Ҳатто ӯ дар як пости худ ғайримустақим аз фишору душмантарошии фейкҳои ҳукумат шикоят карда, навишт: "*Хеле мутаассифам, ки ҳатто дар чунин рӯзҳо ҳам баъзе аз ҳамватанони азизамон, ки на ному насаби аслияшон маълум ва на касбу кор ва сатҳи таҳсилоташонро касе медонад, дар фазои иттилоотӣ хабарнигорон ё фаъолони шабакаҳои иҷтимоиро ба хиёнату ватанфурӯшӣ ва воҳимапароканиву мардумро нооромсозӣ муттаҳам мекунанд.*"

Пас, ҳувайдо аст, ки ӯ ба ҳайси як табиб барои ин фошкориҳояш мавриди ҳуҷуми фейкҳои наздик ба ҳукумат қарор гирифта буд.

**Таъсиси гурӯҳи фейсбукӣ таваҷҷӯҳи ҳукуматро бештар кард**

Рӯзи 7-уми майи 2020 гурӯҳи фейсбукии "Тавсияҳои табиб Мирзои Ҳоҷимуҳаммад"-ро таъсис дод ва беш аз 4 ҳазор нафар бо мурури замон дар ин гурӯҳ узв шуданд. Ин амали ӯ таваҷҷӯҳи ҳукуматро нисбати ӯ бештар кард.

Вақте мақомоти тоҷик шурӯъ аз моҳи январи 2021 пофишорӣ мекарданд, ки кишвар орӣ аз бемории коронавирус мебошад, бори дигар аз навиштаҳои Мирзои Ҳоҷимуҳаммад дар моҳи январи 2021 маълум мешавад, ки ба ин сиёсат ва пофишории ҳукумат чандон розӣ нест.

Ӯ дар посте дар ҳамин гурӯҳи фейсбукӣ "*якбора хеле паст рафтан ва ба сифр наздик шудани теъдоди гирифторони Кувидбемориро*" ба шакле зери суол бурд.

**Рӯзи 28-уми январи 2021, Мирзои Ҳоҷимуҳаммад дар посте бо бознашри матлаби хабаргузории Азия-плюс зери номи "Таҳқиқ: Фавт дар соли 2020 зиёд шуд. Чаҳор ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон аз чӣ фавтид?" навишт: "ТАҲЛИЛИ ОМОРИ ФАВТ ДАР ҶТ, ки Азия-плюс шиносамон кард, воқеан ҷолиб аст". Ӯ дар зери ҳамин пост "омори расмии сироятёфтагон ва фавтидагон" аз коронавирусро хулосаи сатҳӣ ва зоҳирӣ номид.**

Рӯзи 28-уми январи 2021, Мирзои Ҳоҷимуҳаммад дар посте бо бознашри матлаби хабаргузории Азия-плюс зери номи "*Таҳқиқ: Фавт дар соли 2020 зиёд шуд.*

*Чаҳор ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон аз чӣ фавтид?*" навишт: "*ТАҲЛИЛИ ОМОРИ ФАВТ ДАР ҶТ, ки Азия-плюс шиносамон кард, воқеан ҷолиб аст*". Ӯ дар зери ҳамин пост "омори расмии сироятёфтагон ва фавтидагон" аз коронавирусро хулосаи сатҳӣ ва зоҳирӣ номид.

**Сафар ба Тоҷикистон, мамнуъул-хуруҷ ва боздошту зиндонӣ**

Мирзои Ҳоҷимуҳаммад, ба гуфтаи наздиконаш, 4-уми феврали 2021 аз Русия ба Тоҷикистон ба зиёрати модари бемори худ дар зодгоҳаш, ноҳияи Ашт дар шимоли Тоҷикистон рафт. Ҳарчанд ӯ билети бозгашт ба Русияро барои рӯзи 19-уми феврал дошт, вале мақомоти тоҷик ба ӯ иҷозаи берун шудан аз кишварро надоданд ва ба ӯ гуфтанд, ки алайҳаш парванда кушода *шудааст*.

**Мирзои Ҳоҷимуҳаммад, ба гуфтаи наздиконаш, 4-уми феврали 2021 аз Русия ба Тоҷикистон ба зиёрати модари бемори худ дар зодгоҳаш, ноҳияи Ашт дар шимоли Тоҷикистон рафт. Ҳарчанд ӯ билети бозгашт ба Русияро барои рӯзи 19-уми феврал дошт, вале мақомоти тоҷик ба ӯ иҷозаи берун шудан аз кишварро надоданд ва ба ӯ гуфтанд, ки алайҳаш парванда кушода шудааст.**

Баъди рафтан ба Тоҷикистон бори аввал рӯзи 29-уми апрел посте бо лаҳни наздик ба сиёсатҳои ҳукумат ва бо мадҳи зиёд аз оромию пешравиҳо навишт ва иддао кард, ки онро аз телефони дигар шахс *навиштааст*. Дар ин пост, ӯ навишт: "*Шукри Аллоҳ, Ватанро тинҷу орому обод дидаму, нишоне аз кувидбеморӣ надидам*."

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки ҳукумат шурӯъ аз моҳи январи 2021 то июни 2021 пофишорӣ кард, ки ҳеҷ мавриди гирифторӣ ба коронавирус сабт нашудааст ва кишвар аз коронавирус орӣ будааст. Иддаое ки аз тарафи коршиносон ва созмонҳои байналмилалӣ зери суол қарор гирифт ва ин табиби мамнуъулхуруҷ ин иддаои ҳукуматро тасдиқ кард.

Агар навиштаҳои Мирзои Ҳоҷимуҳаммад дар Фейсбук таҳқиқ ва пайгирӣ шаванд, ҳар инсони оқил дарк мекунад, ки лаҳни навиштаҳояш пас аз бозгашташ ба Тоҷикистон дар моҳи феврали 2021 аз постҳои пешинааш хеле фарқкунанда мебошанд ва дар он постҳо бештар вожаҳои таблиғотие, ки дар навиштаҳои шахсони наздик ба ҳукумат дида мешаванд, истифода шудаанд.

Барои мисол, ӯ рӯзи 7-уми майи 2021 дар пости дигараш чунин менависад: "*Шукри Худо, ин вабо кишвари моро тарк гуфт, шикаст хурд, нобуд шуд*."

Ӯ дар зери ҳамин пост ба саволи як корбар "*Чӣ тур шуд, ки дар тамоми дунё вабо худ ба худ нест нашуд ва бедодагариҳояш дар хуруш, вале дар мо нест шуда бошад, ва он ҳам бо 13,000 нафари сироятёфта?*" чунин *ҷавоб дод*: "*Аввалан, бо меҳнати қаҳрамононаи кормандони тиб ва чораҳои муваффақонаи ниҳодҳои давлатӣ ин натиҷа дастраси мардуми мо шуд*."

Бинобар ин, баъзе аз наздикон ва шиносони Мирзои Ҳоҷимуҳаммад муътақиданд, ки пас аз бозгашташ дар моҳи феврали 2021 то боздошташ дар моҳи майи 2021 зери назорати шадиди мақомот буд ва ӯ аллакай

иҷозаи хориҷ шудан аз Тоҷикистонро надошт.

Мутаассифона, ҳеҷ маълумоти кофӣ дастрас нест, ки мақомоти ҳукуматӣ бо ӯ аз рӯзи бозгашташ ба Тоҷикистон (4-уми феврали 2021) то боздошташ (22-уми июн), яъне ҳудуди беш аз 3 моҳ, чӣ гуна рафтор карданд, зеро аз замони бозгашташ ба Ватан тафтиши парвандаи ӯ шурӯъ шуда буд.

**Риски баргаштан ба Тоҷикистон ва ваъдаи бардурӯғи авфи мақомот**

Мирзои Ҳоҷимуҳаммадба Тоҷикистон барои зиёрати модари пиронсолаш ва хешу табор ба зодгоҳаш баргашт. Бисёриҳо савол медиҳанд, ки чаро ӯ бо вуҷуди имкони боздошт ба хотири собиқаи фаъолиятҳои сиёсӣ ва фейсбукиаш чунин рискро анҷом дод?

Чанд авомиле вуҷуд доранд, ки ӯро то ҳадде мутмаин сохт, ки дар сурати баргаштан ба Ватан боздошт нахоҳад шуд.

Яке аз ин авомил, ба ваъдаи авфи мақомот бовар кард. Ҳарчанд, ӯ соли 2015 бо навиштани аризае аз сафи ҲНИТ хориҷ шуда буд ва машғули корҳои пизишкӣ буд ва ҳамчунин, ба гуфтаи писараш, соли 2019 ариза навишта буд, ки ҳеҷ фаъолияти сиёсие надорад, аммо бо вуҷуди ин ҳама боздошт ва бо иттиҳоми узвият ба ҲНИТ равонаи зиндон шуд.

Борҳо фаъолону мухолифини тоҷик гуфтанд, ки мардум набояд ба ваъдаҳои авфи мақомоти тоҷик бовар кунанд ва аз баргаштан ба Ватан, дар ҳолати вуҷуди камтарин риск, худдорӣ кунанд. Аммо баъзеҳо ба ин ваъдаҳои дурӯғини мақомот бовар мекунанд ва дар натиҷа баҳои ин хушбовариро мепардозанд.

Фарҳод Ҳоҷиматов, писари Мирзоқул Ҳоҷиматов, ба Радиои Озодӣ гуфт, аз соли 2015 ба ин тараф падараш бо мақомот ҳеҷ мушкил надошт: "*Чанд сол пеш барои афв рафта буданд, мақомот гуфта буданд, ба афв эҳтиёҷ надоред, бемалол гардед. Соли гузашта дар вақти вафоти бародарашон рафта буданд. Ҳеҷ мушкил набуд.*"

Яке аз авомили дигар шояд ин бошад, ки ӯ




шаҳрвандии Русияро дошту дар яке аз беморхонаҳои Русия кор мекард. Илова бар ин, умраш (63-сол)низ ба ҷое расидаасту мехост модари пиронсолу маризашро зиёрат кунад. Чандин фаъолони тоҷик, ки шаҳрвандии Русияро доштанд, аз ҷумла Иззат Амону Кароматт Шарипов (Худо раҳматаш кунад), ба Тоҷикистон ба зур баргардонда шуданд.

ҲНИТ бо интишори баёнияе дар пайи боздошти Мирзои Ҳоҷимуҳаммад хитоб ба тамоми собиқ аъзо, ҷонибдорон ва дар умум мухолифоне, ки дар хориҷи кишвар қарор доранд, тавсия дод, то "*ба ваъдаҳои мақомот бовар накарда ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба кишвар сафар накунанд.*"

**Навиштаҳояш оиди коронавирус, Фейсбук ва собиқаи фаъолият дар ҲНИТ**

Чи тавре пештар гуфта шуд, навиштаҳояш дар мавриди коронавирус дар Фейсбук ва таъсиси гурӯҳи фейсбукии "Тавсияҳои табиб Мирзои Ҳоҷимуҳаммад", ки ба бархе сиёсатҳои ҳукумат ҳамнаво набуданд, таваҷҷуҳи мақомоти амниятии Тоҷикистонро ба худ ҷалб кард.

Илова бар ин, ӯ шояд ба сабаби инки дар Русия ҳамчун духтур кору зиндагӣ мекард ва шаҳрвандии Русияро дошт, фикр мекард, ки навиштаҳояш дар Фейсбук ҳатто пеш аз коронавирус барои ӯ дар Тоҷикистон дарди сар нахоҳад сохт.

Ба гуфтаи наздиконаш, далели асосӣ ба зидди ӯ "як навиштааш дар Фейсбук будааст", вале маълум нест, ки кадом яке аз навиштаҳояш бошад. Ҳукми суди ӯ низ дастрас нест.

Яке аз авомили муҳимми дигар дар зиндонӣ шудани ӯ, собиқаи фаъолияташ дар ҲНИТ буд. Мирзои Ҳоҷимуҳаммад 63 сол дорад ва пеш аз 2015, дар мақоми муовини раиси ҲНИТ дар вилояти Суғд кор кардааст ва узви Раёсати Олии ҲНИТ буд.

Ӯ фикр мекард, ки бо гузашти 5 сол аз бастани ҲНИТ ва сарукор нагирифтан ба фаъолиятҳои сиёсӣ ҳукумат аз ӯ интиқом нахоҳад гирифт. Агар собиқаи фаъолият дар ҲНИТ намедошт, ба эҳтимоли зиёд сарнавишташ ба 5-сол зиндон намепечид. Ҳукумат борҳо собит кард, ки онҳоеро ки як замоне фаъолияти сиёсӣ доштаанд ва баъдан ба корҳои ғайрисиёсӣ баргаштанд, пурра намебахшад. ҲНИТ дар навбати худ боздошти ӯро "*як навъ интиқомҷӯӣ аз аъзои собиқи ҲНИТ донист*."

Мисли дигар парвандаҳои дорои ангезаи сиёсӣ, мурофиаи М. Ҳоҷимуҳаммад 1-уми июни 2021 дар бинои СИЗО-и рақами 2-и Хуҷанд зоҳиран бидуни ширкати наздиконаш ва бидуни расонаҳо баргузор шудааст. Мақомот низ дар бораи ҷузъиёти парванда ва иттиҳомот алайҳи ӯ маълумоти бештаре ироа накарданд.

**Ба ҷои охирсухан**

Дар замони вабои ҳамагир, ки ҳамаи кишварҳои ҷаҳон аз хидматҳои кормандони соҳаи тиб қадрдонӣ карданд ва мекунанд, ҳукумати Тоҷикистон табиби тоҷик Мирзои Ҳоҷимуҳаммадро зиндонӣ кард.

"*Соли гузашта баробари шурӯъи пандемии вируси коруно ин пизишки мардумӣ дар Фейсбук саҳифа боз кард ва шабонарӯзӣ маълумот дарҷ мекарду маслиҳат медод ва ба суолҳои мардум посух мегуфт. Баррасии навиштаи корбарон дар саҳифааш нишон медиҳад, ки ҳазорҳо нафар аз маслиҳатҳои ӯ суд бардоштаанд ва ба суолҳояшон посух гирифтаанд*."

Бор дигар сарнавишти ин табиби тоҷик, ки собиқаи фаъолияти сиёсӣ дошт, нишон дод, ки мақомоти тоҷик ба ваъдаи авфи фаъолони сиёсӣ пойбанд нестанд ва таҳаммули дигарандеширо надоранд. Дигарандеш будан дар Тоҷикистон кори осон нест ва баҳои сангине мисли шиканҷаву зиндонӣ шуданро металабад.



# Маркази Тоҷикон дар Москва мавриди таҳдиди ҳукумати Раҳмон қарор гирифт // Чаро Иззат Амон боздошт шуд?

*Ба қалами АМРУЛЛОҲИ НИЗОМ, рӯзноманигор ва фаъоли сиёсӣ*



Маркази тоҷикон дар Маскав фаъолиятҳои худро қатъ кардааст, вале коркунони онро хатари боздошт ва истирдод ба Тоҷикистон таҳдид мекунад. Баъди боздошти Иззат Амон, роҳбари ин марказ ва истирдоди ӯ ба Тоҷикистон, коркунон ва хонаводаҳояшон дар Тоҷикистон мавриди фишор ва таъқиб қарор гирифтанд.

Ҳарчанд ин марказ тавассути гурӯҳи ҳуқуқдонҳои тоҷик ва ҳомиёни ҳуқуқи муҳоҷирон созмон ёфта буд, баъди 9 сол ҳукми зиндон гирифтани Иззат Амон - ин ҳомии машҳури муҳоҷирон, ки фаъолияташ чун хор ба чашми режими Раҳмон мехалид, на фақат дар ҳалли мушкили муҳоҷирон, балки мушкилоти худашон низ оҷиз монданду ҳукми истирдод ба Тоҷикистон онҳоро низ думболгир буд. Шӯҳрат Кудратов ва Бахтовар Ҷумъаев дар саҳифаҳои шахсии худ дар Фейсбук хабар доданд, ки фишор болои онҳо хеле зиёд гардида имкони истирдодашон ба Тоҷикистон вуҷуд дорад.



Ҳанӯз соле пештар мақомоти корҳои дохилии Русия дафтари марказро дар хиёбони Волгоград 28, бинои 1, ки он вақт Иззат Амон ҳам дар озодӣ буд ва дар Русия қарор дошт, мавриди тафтиш қарор доданд. Аммо чизеро пайдо накардад ва иттиҳомеро, ки баъзе манфиатҷӯён нисбати ақидаҳои диниро паҳн кардани аъзои марказ паҳн карда буданд, ботил бароварданд. Дар ин муддат марказ ба муҳоҷирон на фақат ёрии ҳуқуқӣ, балки дар давраи авҷи бемории ҳамагири "куруно" кӯмаки молӣ ва ғизоӣ мерасонд. Ин ҳамаро ҳукумати Тоҷикистон нодида мегирифт ва чун дар чеҳраи Иззат Амон як мухолифи қавиро медид бо ҳар роҳ кӯшиш мекард, ки ба фаъолияти ин марказ зарба занад.

4-уми марти соли 2021 Додгоҳи ноҳияи Твери шаҳри Маскав Иззат Амон, раҳбари "Маркази Тоҷикон"-ро ба "фаъолияти ғайриқонунӣ" гунаҳкор кард. Ин ҳукми додгоҳ боис шуд, ки ӯро хатари ихроҷ аз

Русия таҳдид кунад. 16-уми март ҳукми қабул шуда, мавриди иҷро қарор гирифт.

25-уми марти соли 2021 ҳамкорони Иззат Амон аз нопадид шудани ӯ хабар доданд. Худи ҳамон рӯз видеое аз қабл сабт шудани

**Кормандони Маркази тоҷикон дар Маскав ҳама таҳсилкарда, дилсӯз ба ватан ва ҳомии ҳуқуқи муҳоҷирон, лаёқати раҳбарӣ ва мудирияти давлат ва бӯҳронро доранд ва аз сӯи дигар дар баъзе баёнияҳои сиёсии онҳо ин нукта садо медод, ки онҳо метавонад дар оянда ҳамчун номзад ба мақоми президентӣ пешбарӣ шаванд, мақомот ва ба хусус Эмомалӣ Раҳмон ин чизро хуб дарк карда, даст ба амал шуданд.**

Иззат Амон дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр шуд, ки мегуфт, вай аз соли 1996 шаҳрвандии Русияро дорад, вале чанд рӯз қабл (16-уми март) шиносномаи ӯро беэътибор эълон карданд.

26-уми март Вазорати корҳои дохилаи Тоҷикистон алайҳи Иззат Амон айб эълон кард ва ӯро ба қаллобӣ муттаҳам намуд. Ин айбномаи ВКД пас аз истирдод ва боздошти ӯ дар шаҳри Душанбе эълон шуд.

Ҳамкорони Иззат Амон аз ҳамон рӯзҳои аввали нопадид шудани ӯ дар Маскав ба ҳарос афтода, гуфтанд, ки аз ҷониби мақомоти низомӣ ва интизомии Тоҷикистон мавриди таҳдид қарор гирифтаанд. Бахтовар Ҷумеав, ҳамкори Иззат Амон ва ёраи ӯ дар ин марказ аз аввалин касоне буд, ки мегуфт, хатари боздошт ва истирдоди кормандони “Маркази тоҷикон”-ро таҳдид мекунад. Баъдан Бахтовар Ҷумаъев дар саҳифаи фейсбукии худ хабар дод, ки дар додгоҳ пирӯзӣ ба даст овардааст ва акнун ӯро ба Тоҷикистон истирдод намекунанд. Ва хушбин аст, ки хатаре дигар ба ӯ таҳдид намекунад. Бояд гуфт, ки тоҷикони зиёде тӯли солҳои охир дар додгоҳҳои Русия пирӯзӣ ба даст оварданд, вале баъдан бо кмдом роҳҳое рабуда шуда ва дар Тоҷикистон пайдо шуданд. Ин омил имрӯз боиси нигаронии амиқи мухолифон чӣ дар Русия ва чӣ дар Аврупо гаштааст.

Ҳамкорони Иззат Амон сабаби зиндонӣ шудани ӯро дар он мебинанд, ки чун сафорат ва консулгариҳои Тоҷикистон дар Русия ба доди мардуми намерасиданд, ҳомиёни ҳуқуқи муҳоҷирон ба мисли кормандони Маркази тоҷикон баъзан интиқодҳои тунд мекарданд.

Ин интиқодҳои тунд ва дар хеле мавридҳо интиқодҳои сиёсии ҳомиёни ҳуқуқи



муҳоҷирони Маркази тоҷикон ва шуҳрат ёфтани онҳо мақомоти Тоҷикистонро нигарон кард. Таҷриба ва таърихи давлатдории Эмомалӣ Раҳмон дар ин 30 соли раҳбариаш нишон медиҳад, ки ҳар вақте аз ҳар ҷиҳате ба ҷойгузин шудани касе дар мақомаш огоҳ шуд, аз ҳама гузинаҳои тавонияш истифода карда, рақибон ва

ҳарифони сиёсиашро кушт, зиндонӣ ва ё иҷбор аз ватан табъид кард.

Кормандони Маркази тоҷикон дар Маскав ҳама таҳсилкарда, дилсӯз ба ватан ва ҳомии ҳуқуқи муҳоҷирон, лаёқати раҳбарӣ ва мудирияти давлат ва бӯҳронро доранд ва аз сӯи дигар дар баъзе баёнияҳои сиёсии онҳо ин нукта садо медод, ки онҳо метавонад дар оянда ҳамчун номзад ба мақоми президентӣ пешбарӣ шаванд, мақомот ва ба хусус Эмомалӣ Раҳмон ин чизро хуб дарк карда, даст ба амал шуданд.

Кормандони Маркази тоҷикон дар Маскав қасди тарки Русияро надоранд, вале бо вуҷуди қатъи фаъолияти марказ ва костан аз фаъолиятҳои ҳуқуқи башарӣ барои муҳоҷирон ҳамоно ҳама тарсу ҳарос доранд ва мегӯянд ҳар лаҳза метавонад хатари боздошт ва истирдод ба Тоҷикистон онҳоро таҳдид кунад, вале онҳо аз роҳи интихобкардаашон нахоҳанд баргашт.

**Кормандони Маркази тоҷикон дар Маскав қасди тарки Русияро надоранд, вале бо вуҷуди қатъи фаъолияти марказ ва костан аз фаъолиятҳои ҳуқуқи башарӣ барои муҳоҷирон ҳамоно ҳама тарсу ҳарос доранд ва мегӯянд ҳар лаҳза метавонад хатари боздошт ва истирдод ба Тоҷикистон онҳоро таҳдид кунад, вале онҳо аз роҳи интихобкардаашон нахоҳанд баргашт.**





# Нопадид шудани мухолифони сиёсии Тоҷикистон дар Русия



*Ба қалами САЛИМ СУЛТОНЗОДА, узви Шӯрои раҳбарии Анҷумани Озодандешони Тоҷикистон*

Моҳи сентябри соли 2020 Шобуддин Бадалов, узви ҳаракати сиёсии Гурӯҳи-24 дар Русия нопадид шуд ва баъдан аз Тоҷикистон хабари ба 7 соли зиндон маҳкум шуданаш расид. Сабаби нопадид шудани Шобуддин Бадаловро ба он рабт медиҳанд, ки ӯ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле фаъол буд ва аз камбудиҳои Ҳукумати Тоҷикистон интиқод мекард.

Ҳангоми сафари президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Москва дар тобистони ҳамон сол, Шобуддин Бадалов бо ҳамроҳии аъзои дигари ҳаракати сиёсии Гурӯҳи-24 Раҳматҷони Маҳмадҷон дар майдони Сурхи Маскав бо нишони эътироз пикет доир карда буданд. Гуфта мешавад, то вақти нопадид шуданаш, ӯ дар Русия мақоми паноҳандагиро дошт.



Муддате аз нопадид шудани Шобуддин Бадалов нагузашта, ба сари Раҳматҷони Маҳмадҷон узви дигари Гурӯҳи 24, ки ҳамроҳ бо Бадалов пикет карда буд низ ин мушкил омад. Бино бо маълумотҳои дар ВАО нашршуда, ӯ низ аз Русия дуздида шуда дар Тоҷикистон пайдо шудааст. Додгоҳи Душанбе ин ҷавонро паси дарҳои пӯшида ба 20 сол равонаи зиндон кард.

Ин бори аввал нест, ки мухолифони тоҷик аз Русия рабуда шуда, баъдан дар Тоҷикистон пайдо мешаванд. Байни Русия ва Тоҷикистон рафтуои бидуни раводид вуҷуд дорад ва шахсиятҳои зиёде, ки бо ҳукумати Тоҷикистон мушкил доранд, ба ин кишвар паноҳ мебаранд, аммо солҳои охир мақомоти фасодзадаи тоҷик дар якҷоягӣ бо ҳамтоёни русиягии худ мухолифонро рабуда тaслими Тоҷикистон мекунанд.

Аз ин пеш даҳҳо мухолифони фаъол ва собиқи Тоҷикистон дар Русия нопадид шуданд. Барои мисол метавон аз раиси собиқи Ҳизби Демократии Тоҷикистон Маҳмадрӯзи Искандаров, блогери тоҷик Эҳсон Одинаев, фаъоли сиёсӣ ва роҳбари Ҳаракати ҷавони Тоҷикистон Максуд Иброҳимов, Каромат Шарипов, собиқ аъзои

ҲНИТ домулло Наимҷон Самиев, Иззат Амон ҳомии ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик ва даҳҳои дигарро метавон ном бурд, ки барои фаъолияти сиёсиашон Тоҷикистон онҳоро зери пайгард қарор дода, баъдан бо роҳҳои ғайриқонунӣ ба Тоҷикистон интиқол додаанд.

Дар ҳоле, ки ин мавод омода мешуд, аъзоёни Маркази тоҷикони шаҳри Москва, Бахтовар Ҷумъаев ва Шӯҳрат Қудратов, ки ба муҳоҷирони корӣ ёрии ҳуқуқӣ мерасонданд, таҳдид ба истирдод ва рабуда шуданро гирифтанд. Мутаассифона, ҷун мурочиати пай дар пайи мухолифони тоҷик аз Аврупо ба мақомоти Русия барои хотима додан ба чунин қонуншиканӣ ва нодида гирифтани ҳуқуқи инсон натиҷаи мусбат надодаанд, мақомоти Тоҷикистон бештар ҷуръат гирифта, одамрабоиро дар Русия зиёдтар карда, бо ин роҳ тарсу ҳаросро дар байни муҳоҷирони корӣ паҳн мекунанд.

**Нопадид шудан дар Русия ва баъдан дар зиндонҳои Тоҷикистон пайдо шудани мухолифон зидди тамоми меёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мебошад, аммо чун кишварҳои аврупоӣ аз кори Эмомалӣ Раҳмон чашм мепӯшанд, нафароне, ки аз Русия нопадид шуданд, ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ пушти дарҳои баста ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ на фақат зиндон, балки ҳамарӯза шиканҷа ва мавриди бадрафторӣ қарор мегиранд.**

Нопадид шудан дар Русия ва баъдан дар зиндонҳои Тоҷикистон пайдо шудани мухолифон зидди тамоми меёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мебошад, аммо чун кишварҳои аврупоӣ аз кори Эмомалӣ Раҳмон чашм мепӯшанд, нафароне, ки аз Русия нопадид шуданд, ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ пушти дарҳои баста ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ на фақат зиндон, балки ҳамарӯза шиканҷа ва мавриди бадрафторӣ қарор мегиранд. Баъзеашон умуман нопадид мешаванд, ки хешу таборашон дар бораи тақдири минбаъдаи онҳо чизе намедонанд.





# Боздоштҳои гурӯҳӣ ба иттиҳоми узвият дар Ихвонулмуслимин

*Ба қалами МУҲАММАДСАЪИД РИЗОӢ, фаъоли сиёсӣ ва узви Шӯрои раҳбарии ПМТ*



Тайи чанд сол аст, ки ҳукумати Тоҷикистон дар чеҳраи ҳар нафаре, ки дорои қобилият аст ва дар байни мардум обрӯву эътибор дорад душман дида, бо бадтарин шева бо ӯ бархӯрд мекунад. Дар чанд соли ахир, аниқтараш баъди манъи фаъолияти ҲНИТ "бо қарори Додгоҳи олӣ", як қатор сиёсатмадорон ва сиёсатшиносону журналистон, ҳуқушиносон ва соҳибкорону онҳое, ки озодандешанд мавриди фишор қарор гирифта, қисме барои солҳои тӯлонӣ равонаи зиндон ва як қисми дигар ба хотири халосӣ аз таъқиб ва зиндонӣ шудан, маҷбур ба тарки Ватан шуданд. Мақомоти Тоҷикистон бе доштани кадом далеле, бо парвандаҳои сохта, тамоми онҳое, ки мухолифи хилофкориҳои ҳукумат ҳастанд, паси панҷара мебарад.



Шурӯъ аз моҳи январи соли 2020, мақомоти қудратии Тоҷикистон садҳо нафар шаҳрвандони ин кишварро бо иттиҳоми узвият дар гурӯҳи Бародарони Мусалмон (Ихвон-ал-муслимин) боздошт карданд, ки байни ин боздоштшудаҳо даҳҳо нафар аз устодони донишгоҳҳо, руҳониёну нависандагон ва рӯзноманигорон қарор доранд. Ин ҳам дар ҳоле буда, ки ба гуфтаи хешовандон ва вакилони дифоъи боздоштшудаҳо, қисми зиёди боздоштшудаҳо умуман намедонанд, Бародарони Мусулмон (Ихвон-ал-муслимин) чи гурӯҳ ё чи ҳизбу созмонест.

Бори аввал Прокуратураи генералии Тоҷикистон моҳи январ таъйид карда буд, ки 113 нафарро бо гумони узвият дар созмони "Бародарони мусулмон" боздошт ва алайҳи онҳо парвандаи ҷиноӣ боз намудааст.

Юсуф Раҳмон, прокурори генералии Тоҷикистон, боздошти "садҳо нафар"–ро рад карда бошад ҳам, тасдиқ кард, ки дар миёни боздоштшудаҳо кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, нафарони зиёде аз донишгоҳҳои олӣ ва намояндагони дигар мақомоти ҳукуматӣ низ ҳузур доранд. Омори расмӣ адади боздоштшудаҳоро 314 нафар гуфта, вале ҷомеъаи шаҳрвандӣ ин рақамро аз шумораи расмӣ ба маротиб бештар аз 1000 нафар медонад.

Додгоҳи олии Тоҷикистон рӯзи 7 июл дар боздоштгоҳи №1 пушти дарҳои баста муҳокимаи парвандаи “Ихвон-ул-муслимин”-ро оғоз кард. Дар чорчӯби ин парванда 116 нафар – 114 шаҳрванди Тоҷикистон ва 2 шаҳрванди Миср – боздошт шудаанд. Дар байни онҳо раиси дастгоҳи шаҳрдории Исфара, беш аз 20 устоди донишгоҳ, чанд донишҷӯ ва ҳамчунин устодони марказҳои забономӯзӣ буданд.

Бар зидди онҳо бар асоси 4 моддаи Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон - 179, замимаи 2-и Кодекси ҷиноӣ (маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти терористидошта) ва моддаи 307, замимаи 1 (Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм), моддаи 307, иловаи 2 (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), моддаи 307, иловаи 3 (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) – айб эълон кардаанд.

Рӯзи 14 июли соли ҷорӣ, зимни нишасти матбуотии Прокурори генералии Тоҷикистон эълон карда шуд, ки парвандаи як гурӯҳи калони аъзои созмони “Бародарони мусулмон” дар Прокуратури генералии Тоҷикистон такмил шуда, тасдиқи фикри айбдоркунӣ бо иттиҳоми “экстремистӣ–террористӣ” ба Суди олӣ ирсол карда шуда, нисбати 73 нафари дигар, ки аз тафтишот пинҳон шудаанд, кофтуков эълон шудааст”.

Ин боздоштҳо аз як тараф ангезаи нишондани тарс дар зеҳни мардум бошад, аз ҷониби дигар барои афроди махсуси наздик ба мақомот ва кормандони судӣ манбаи даромад аст. Корупсия дар идороти расмии ҳукуматӣ дар Тоҷикистон як падидаи маъмулӣ аст, даҳҳо нафар боздоштшуда хонаву мошин ва ашёои қимматбаҳои худро фурӯхта, ба ин ё он корманди мақомот ришва дода, аз кишвар берун, дар Руссия, Қазоқистон ва Туркияву дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ фирорӣ шудаанд.

**Додгоҳи олии Тоҷикистон рӯзи 7 июл дар боздоштгоҳи №1 пушти дарҳои баста муҳокимаи парвандаи “Ихвон-ул-муслимин”-ро оғоз кард. Дар чорчӯби ин парванда 116 нафар – 114 шаҳрванди Тоҷикистон ва 2 шаҳрванди Миср – боздошт шудаанд. Дар байни онҳо раиси дастгоҳи шаҳрдории Исфара, беш аз 20 устоди донишгоҳ, чанд донишҷӯ ва ҳамчунин устодони марказҳои забономӯзӣ буданд.**

Мутаассифона ин афрод, то ҳол аз шеваи додани ришва, чи миқдор ва ба кадом мақомот додан ва бо кадом роҳ аз Тоҷикистон берун шудан худдорӣ мекунанд, зеро мақомоти ришваситон тавассути миёнравҳо, дар сурати ифшои он “ба бозмондагонатон зарар мерасад” гуфта, таҳдид кардаанд.

Бинобар ин, дар аксари ҳолат мардум аз чигуна гузаштани рафти мурофиа бехабар мемонанд, чунки ҳама ҳукмҳои боздоштшудагон паси дарҳои баста сурат мегирад.

Нуқтаи дигари даст задани мақомоти Тоҷикистон ба ҳабсу ба зиндони дастаҷамъӣ андохтани мухолифони сиёсӣ дар он аст, ки то имрӯз аз падидаи шуми “терроризм” як

таърифи дақиқ, ки мавриди қабули ҳамаи кишварҳо буда бошад, аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид вуҷуд надорад. Меъёри пазируфташуда то имрӯз ин аст, ки “тероризм истифода аз хушунат ё таҳдид барои дастёбӣ ба аҳдофи сиёсӣ, мазҳабӣ ё идеологӣ” гуфта мешавад.

Тоҷикистон ҳама мухолифини сиёсӣ, журналистон, соҳибкорону онҳое, ки озодандешанд ва ҳуқушиносоне аз онҳо дифоъ мекунанд, тамғаи “террористӣ” зада, ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ ва ё умрбод ҳабс мекунад. Ҳуқукшиносони тоҷик мегуяд: “*Парвандаи "ихвониҳо" парвандаи ақидавӣ аст, яъне ақидаи боздоштшудагонро мақомот "ихвонӣ" меҳисобанд, худи онҳо чунин намеҳисобанд. Тибқи карори Додгоҳи олӣ фаъолияти ин созмон дар Тоҷикистон манъ ва аз ин рӯ узв шудан ба он ҷиноят аст*.”



Вакилони гумонбаршудагон аз сӯҳбат бо расонаҳо худдорӣ мекунанд ва фақат зикр намуданд, ки парванда зери муҳри "махфӣ" баррасӣ мешавад, биноан, ҳаққи додани маълумотро надоранд.

Хешовандони бисёре аз муттаҳамон низ ба хотири тарс аз сӯҳбат канораҷӯӣ мекунанд, аммо яке аз онҳо, Нусратулло Алиев аз шаҳри Бохтар, гуфт, ба ӯ дар бораи парвандаи писараш маълумоте надодаанд: “*То ҳол намедонам, барои кадом кор ӯро боздошт кардаанд. Ман фақат ба боздоштгоҳ ғизо мебарам ва то ҳол худи писарамро надидаам. Адвокати мо қариб бо мо гап намезанад*.” Ин шахс афзуд, писараш дар Донишгоҳи исломӣ аз забони англисӣ дарс медод ва моҳи феврал дастгир шуд.

Рӯйхати иддае аз боздоштшудагонро, ки бо иттиҳоми узвият дар ҳаракати Бародарони Мусулмон (Ихвлнулмуслимин) боздошт шудаанд, замима мекунем:

**1)** Сатторов Икромшоҳ, муаллими калони Донишгоҳи забонҳои Тоҷикистон, собиқ мудири кафедраи Авруосиё, зодаи ноҳияи Данғара;

2) Сафаров Меъроҷиддин, доктори улуми филологӣ, корманди радио, зодаи ноҳияи Файзобод;

**3)** Тоҷиддин Ёқубов, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**4)** Абдулваҳҳоби Абдуманнон, докторанти ДМТ, собиқ устоди Донишкадаи Исломии ба номи Имом Абуҳанифа, зодаи ноҳияи Восеъ;

**5)** Фирдавс Раҳимӣ, роҳбари дастгоҳи ҳукумати ноҳияи Исфара, мири собиқи шаҳраки Шӯроб, раиси собиқи ҷамоати Чоркӯҳ, зодаи Исфара;

**6)** Каххоров Исмоил (Мулло Исмоил, домоди Тӯраҷонзода, домулло, шоир, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, муаллифи чанд маҷмӯаи шеърӣ, аз ҷумла “Насимнома”, сокини шаҳри Ваҳдат;

7) Мулло Қурбоналӣ, набераи домуллои номӣ Мулло Сафаралӣ, имоми собиқи масҷиди шаҳри Бохтар, ӯро тахминан бо шогирдаш боздошт намуданд;

8) Амонуллоҳ Абдурозиқ, сардори маркази забономӯзии "Дӯстӣ", зодаи ноҳияи Рӯдакӣ;

9) Амриддин Аслиддин, омӯзгор, сокини ноҳияи Фархор;

10) Убайдулло, омӯзгор, сокини ноҳияи Нуробод;

11) Абдуғаффор, устоди донишгоҳ, сокини шаҳри Истаравшан;

12) Аҳлиддин Ҳалимов, сокини кӯчаи Ҷалилови шаҳри Бохтар, чияни шодравон Саид Абдулло Нурӣ;

13) Ҳасанов Абдухолиқ, сокини шаҳри Душанбе;

14) Тағоев Комил Саидмуродович, мутаваллиди соли 1981, сокини кӯчаи Гулистони ҷамоати Пули Сангини шаҳри Норак;

15) Абдуллоев Муслиҳиддин Отамуродович, мутаваллиди 1983, сокини ҷамоати Тутқи шаҳри Норак;

16) Қорӣ, набераи Абдулло-Сиёҳак, сокини ҷамоати Тутқавули шаҳри Норак;

17) Мухаммадҷони Иброҳим, мудири маркази ташхиси тиббии "Руҳафзо" – бемористони Қарияи Болои шаҳри Душанбе;

18) Алиёров Муҳаммадюнус, устоди кафедраи забони арабии Донишкадаи забонҳо;

19) Домулло Абдулазиз, сокини ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ;

20) Аҳлиддин Салимов, сокини ноҳияи Вахш;

21) Боймуҳаммад, имомхатиби собиқи ноҳияи Зафаробод;

22) Раҳимов Маъруф, устоди собиқи мадраса, сокини Ваҳдат;

23) Файзуллоев Зиннатулло, хатмкардаи мадрасаи Алазҳари Миср, сокини Истаравшан;

24) Латипов Абдусамад, хатмкардаи мадрасаи Алазҳари Миср, сокини Истаравшан;

**Юсуф Раҳмон, прокурори генералии Тоҷи-кистон, боздошти "садҳо нафар"–ро рад карда бошад ҳам, тасдиқ кард, ки дар миёни боздоштшудаҳо кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, нафарони зиёде аз донишгоҳҳои олӣ ва намояндагони дигар мақомоти ҳукуматӣ низ ҳузур доранд.**

25) Нодир, устоди федератсиони футбол дар шаҳри Исфара;

26) Ҳабибулло, тоҷир, сокини шаҳри Исфара;

27) Фатҳулло Латифӣ, омӯзгор, сокини ноҳияи Айнӣ;

28) Хайриддин Абдуллоҳ (Хайриддин Достаков), ҳомии ҳуқуқи муҳоҷирон, сокини шаҳри Душанбе;

29) Файзуллоев Руҳулло, сокини шаҳри Истаравшан;

30) Ҳабибулло, сокини шаҳри Истаравшан;

31) Домулло Сафархоҷа, имомхатиби собиқи ноҳияи Вахш, баъди шиканҷа ва бозпурсӣ вафот кардааст;

32) Абдухолиқ Ҳамроев, сокини ноҳияи Ҷайҳун;

33) Маҳмудҷон Латифӣ, устоди забони арабии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон,

номзад ба парлумон дар соли 2010, сокини шаҳри Ваҳдат;

**34)** Наимҷон Латифӣ (писари Маҳмудҷон Латифӣ), устоди забони арабии ДМТ;

**35)** Сайфулло, сокини Истаравшан;

**36)** Муҷоҳид Қаҳҳоров (писари Исмоил Қаҳҳоров), шаҳри Ваҳдат;

**37)** Қорӣ Каримҷон, сокини Конибодом;

**38)** Ҳасанов Субҳиддин, узви собиқ ва муовини раиси ҳизб дар ноҳияи Ҳисор;

**39)** Ҳасанов Муҳаммадиқбол (бародари Ҳасанов Субҳиддин), сокини шаҳри Ҳисор;

**40)** Шарипов Далер, журналист, сокини шаҳри Душанбе;

**41)** Ҳикматшоҳ Ҳомидиён, устоди забони арабии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, номзади илмҳои филологӣ, сокини ноҳияи Масчо;

**42)** Тӯраев Зиёдалӣ, устоди факултаи сиёсатшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, сокини ноҳияи Деваштич;

**43)** Ҷабборов Хайрулло Абдуразоқович, духтур, доктори илми тибб, хатмкардаи Донишгоҳи тибби Хартуми Судон, сокини шаҳри Норак;

**44)** Шарипов Ҳикматулло, сокини шаҳри Норак;

**45)** Шарипов Хайриддин, сокини шаҳри Норак;

**46)** Шарипов Мунис, сокини шаҳри Норак;

**47)** Шарипов Абдуҳалим, сокини шаҳри Норак;

**48)** Идриси Мурод, хатмкардаи Донишгоҳи Судон, сокини шаҳри Норак;

**49)** Хизмати Мурод, сокини шаҳри Норак.





# Қатл ва рабудани мухолифон тавассути ҳукумат ва шиканҷаи зиндониёни сиёсӣ дар Тоҷикистон

*Ба қалами МУҲАММАДҶОН НУРӢ, фаъоли сиёсӣ ва узви Риёсати Олии ҲНИТ*



Баъд аз ба имзо расидани созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ, ҷониби дигар яъне ҳукумати имрӯза дар баробари он на танҳо пойбанд ба аҳдоф, тааҳҳудот ва принсипҳои ин созишнома намонд, балки дар ду даҳсолаи ахир даст ба



ҳаракатҳое зад, ки ҳадсу гумон роҷеъ ба ғайриқобили инкор шудан ва нақши ҳукумати Тоҷикистон ва дар раъси он Эмомалӣ Раҳмон дар бораи бастани созмонҳо, ҳизбҳо ва саркӯбу фишор бар мухолифонро чи дар дохил ва чи дар хориҷ зиёд кард. Инчунин бо сохтану бофтани ҳодисаҳои гуногун ба қатлу зиндон ва боиси тарки кишвар ва фирори мунтақидон, сиёсатмадорон ҳуқуқшиносон, журналистон, дигарандешон ва шахсиятҳой бисёри сиёсиву ҷамъиятӣ гардид, ки мутаассифона то ба имрӯз ба он баҳои ҳуқуқӣ ва воқеи дода нашудааст.

Дар ин мақола, дар бораи қатл ва рабудани мухолифон тавассути мақомоти ҳукумати вақти Тоҷикистон ва ҳамчунин қатл ва шиканҷаи зиндониёни сиёсӣ дар зиндонҳои Тоҷикистон дар солҳои ахир оварда мешавад ба шарҳи зерин:

**а) Қатли ду раҳбари фақиди ҲНИТ:**

Оид ба заҳролуд шудани собиқ роҳбари Иттиҳоди Нерӯҳои Мухолифини Тоҷик, Саид Абдуллоҳ Нурӣ (1947- 2006) ва низ шахси дуввуми Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) Муҳаммадшариф Ҳимматзода (1951- 2010), дар сатҳҳои гуногун ва маҳфилҳои алоҳида гуфта шуда бошад ҳам, аммо ҳукумати имрӯза ва мақомоти зирабташ то ба ҳол вокунише ба он накрада ва далелҳои қонеъкунандае дар радди ин ду ҷиноят пешкаш накардааст, ки ҳадсу гумонҳоро рӯз ба рӯз бештар мекунад.

**б) Қатли Сӯҳроб Шарипов ва Файзиниссо Воҳидова аз тариқи заҳролуд кардан:**

Шахсиятҳое мисли Сӯҳроб Шарипов (1963-




2015), собиқ роҳбарӣ Марказӣ Тадқиқоти Стратегии назди президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо нишонаҳои захролудшавӣ ва



инчунин ҳуқуқшинос ва фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ Файзиниссо Воҳидова (1963-2019) низ бо ҳамин аломатҳо аз дунё даргузашта ва маргашон мармуз ва бо фаъолиятҳояшон марбут аст.

**в) Қатли Умаралӣ Қувватов, муассис ва раҳбари Гурӯҳи 24:**

Дар ин миён ҳодисаҳое ҳастанд, ки дасти мустақим доштани ҳукумат ва ниҳодҳои қудратии зирабташро нишон медиҳад.

Барои мисол, роҳбари ҳаракати Гурӯҳи 24 Умаралӣ Қуватов (1968-2015) баъди тамосҳои таҳдидомези шахсони вобаста ба ҳукумат бо даъват аз ӯ, ки аз роҳаш



баргардад, аммо ӯ қабул накард ва 15 марти соли 2015 дар Истанбул баъди захролуд кардани ӯ ва зану фарзандони хурдсолаш ба тарзи фоҷиавӣ кушта шуд.

**г) Қатли зиндониёни сиёсӣ ва раҳбарони ҳизбҳо ва ниҳодҳо:**

Дар ин ду даҳсолаи ахир афрод ва шахсиятҳои зиёде чи дар дохил ва хориҷ аз зиндонҳо, ки маргашон мармуз ва ба фаъолиятҳояшон рабт мегирад, аз дунё даргузаштаанд; Шамсиддин Шамсиддинов, муовини раиси ҲНИТ, Қурбон Маннонов,



раиси ҲНИТ дар шаҳри Норак, Исмоил Талбаков, раиси Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, Акбаралӣ Сатторов, раиси Иттифоқи Журналистони Тоҷикистон, Зайниддин Ризвонов, ҷонишини фармондеҳи Қӯшунҳои Хушкигарди Вазорати Мудофиа ҶТ, Кароматт Шарипов, ҳомии ҳуқуқи муҳоҷирон, Умедҷон Тоҷиев, фаъоли ҲНИТ, Ҳамза Икромзода ва Умар Бобоҷонов ва даҳҳо афроду ашхоси дигар.

**д) Рубоиши Эҳсон Одинаев ва сарнавишти номаълуми ӯ:**



Эҳсон Одинаев, фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Русия, 16 Июн соли 2015 аз хонааш баромада то ҳол сарнавишташ маълум нест. Ӯ аз амалкардҳои ноҷои ҳукумат шадидан интиқод мекард. Нопадидшавӣ ва бедарак ғайб заданаш баъд аз ба такрор пешниҳодҳои ҳукумат дар мавриди хомӯшиаш будааст.

**е) Қатли Сабзалӣ Мамадризоев:**

Дар бетартибиҳои оммавӣ ва ҳуҷуми мусалаҳонаи ҳукумат ба шаҳри Хоруғ,



Сабзалӣ Мамадризоев, раиси ҲНИТ дар Хоруғ баъди баромадаш дар майдони маркази ин шаҳр ба таври ваҳшиёна аз ҷониби нерӯҳои кудратӣ ба қатл расонда шуд, ки навори он ҳатто дар шабакаҳои иҷтимоъӣ паҳн гардид.

**ё) Қатли генерал Мирзо Зиёев маъруф ба “Ҷага”:**

Ҳамчунин ҳодисаи соли 2010, ки бо қатли генерал Мирзо Зиёев ба анҷом расид то ҳол таҳқиқ нашудааст. Дар ин амалиёт Мирзо Зиёев гурӯҳи ба шӯромадаро аз тарики



миёнаравӣ ва подармиёнӣ мехост бо ҳукумат сулҳ биандозад, аммо худаш аз тарафи нерӯҳои ҳукуматӣ кушта шуд ва қатли ӯро саҳван унвон карданд, ки то ҳол барасӣ нашуда ва ба он баҳои ҳуқуқӣ надодаанд.

**ж) Қатли генерал Абдуҳалим Назарзода ва ҳамроҳонаш:**

Амалиёти соли 2015, ки ба кушта шудани теъдоде аз хонаводаи генерал Абдуҳалим



Назарзода ва ба баста шудани ҲНИТ анҷомид, ҳодисаи бисёр фоҷеабор буд. Бародарони генерал Назарзодаро аз тариқи шабакаҳои телевизиони давлатӣ намоиш доданд, ки омада ба мақомоти қудратӣ баёнот доданд, вале баъди пахши ин навор онҳоро ҳам ҳамроҳи бародарашон генерал Назарзода дар дараи Ромит ба қатл расонданд.

**з) Рубоиш ва истирдоди Мақсуд Иброҳимов, Иззат Амон, Ҳизбулло Шовализода, Абдураҳими Восе ва теъдоди дигар:**



Истирдод ва ба таври одамрубоӣ ба Тоҷикистон интиқол додани даҳҳо шахсиятҳо ва ба солҳои тӯлонӣ зиндонӣ намудани онҳо ба мисли Мақсуд Иброҳимов, Иззат Амон, Ҳизбулло Шовализода, Абдураҳими Восе ва теъдоди дигаре, ки дар ин шабу рӯзҳо мехоҳанд онҳоро низ бо вуҷуди он, ки бархе аз онҳо шаҳрвандии кишвари буду бошашонро доранд мисли Шӯҳрат Қудратов, Қадам Исматов ва ғайра аз кишварҳои мухталиф махсусан аз Русия ба хотири фаъолиятҳои сиёсиашон, ҳанӯз таҳқиқ нашудааст.

**и) Ҳодисаи қатли зиндониёни сиёсӣ Каримов Саттор, Саид Қиёмиддини Ғозӣ ва Саидмаҳдихон Сатторов:**

Ҳодисаи моҳи май соли 2019, ки дар зиндони шаҳри Ваҳдат рух дод ба қатли Каримов Саттор маъруф ба «Махдуми Саттор» ва Саид Қиёмиддини Ғозӣ ду шахсияти матраҳи ҲНИТ ва Саидмаҳдихон Сатторов маъруф ба «Шайх Темур» анҷомид ва ҳанӯз вазъи садҳо нафар боздоштшудаҳои ҲНИТ махсусан 13 узви Райёсати Олии он норавшан боқӣ мондааст, ки ҳамаи онҳоро хатари марг таҳдид мекунад.





# “Мактаби душвортарбияҳо” ё зиндони кӯдакон дар Тоҷикистон

*Ба қалами МАВҶУДА СОҲИБНАЗАРОВА, рӯзноманигор ва муовини раиси КШНГЗС*



“*Дада, чизе нанависед, ё дар ягон ҷо нагӯед, ки маро дар ин ҷо ғам медиҳанд ва намемонанд, ки хона равам…*” Ин як гуфтугӯи телефонии як навраси 15-сола Муҳаммадҷон аз Тоҷикистон аст, ки бо падари паноҷӯяш анҷом дода.

Муҳаммадҷон беш аз 8 моҳ аст, ки дур аз оғӯши гарми падару модар ва навозишҳои пурмеҳри бобову бибӣ, дар мактаби махсуси шаҳри Душанбе ба сар мебарад. Мактабе, ки барои бачагони душвортарбия сохта шудааст. Мактабе, ки наврасон баъди содир кардани дуздӣ, одамкушӣ ва ҷиноятҳои дигар то ба синни балоғат расидан, дар онҷо ҷой дода мешаванд. Яъне, маҳбаси наврасон барои адо ва ислоҳ шудан ин мактаб аст.




Мо дар ин мақола, мехоҳем дар бораи Муҳаммадҷон ва аз ин ки чӣ гуна ба ин мактаб афтод қисса кунем. Чӣ гуноҳе аз ҷониби ин навраси тоҷик сар зад, ки ӯро ба ин мактаб ҷо намуданд ва даричаи озодиро ба рӯяш бастанд?

Муҳаммадҷон писари яке аз мухолифини тоҷик, Мухаммадзариф аст, ки дар Урупо ба унвони паноҳандаи сиёсӣ ба сар мебарад. Чанд сол пеш ин писарбача дар яке аз мадрасаҳои динии шаҳри Даккаи ҷумҳурии Бангладеш – мадрасае, ки ҳофизи Қуръон тарбият мекунад, таҳсил медид. Дар мадрасҳои ин кишвар дар канори таълимоти динӣ илмҳои дунявӣ низ омӯзонда мешаванд. Мӯҳлати шиносномаи Муҳаммадҷон ба охир расиду барои тамдиди он бояд ба Тоҷикистон бармегашт. Бо ин ният, ба Дубай омад, то аз он ҷо ба Тоҷикистон баргардад.

Модараш нақл мекунад, ки рӯзҳои аввали баргардонидани писараш ба Тоҷикистон, дӯзахи воқеиро ин писарбачаи он замон 13-сола дид. Ҳар рӯз ба идораи РКҶВКД-и шаҳри Душанбе ва амният даъваташон мекарданд. То нисфи шаб аз Муҳҳамадҷон суол мекарданд, бар ӯ фишор меоварданд, талаб мекарданд, ки он ҳарфҳоеро, ки онҳо қаблан омода намудаанд, дар муроҷиати

видеой такрор намояд. Ин ба ҳолати равонии кӯдак таъсир мерасонд. Мегуфт, ки “*Оча, сарам дард мекунад, наметавонам гапҳои онҳоро дар хотирам гирам*”. Чун наметавонист бештар хомӯш меистод. Чунин ҳол чанд моҳ давом кард.

Модараш меафзояд, дар ин муддат ман хостам, ки Муҳаммадҷонро ба мактаб диҳам. Ба чанд мактаб рафтам, қабул накарданд, ҳуҷҷат надорад, гуфтанд. Дар шуъбаи маорифи ноҳия ҳам бароям ҷавоби рад доданд. Дар ин байн кормандони РКҶВКД ва амният гаштаву баргашта ба ман таъкид мекарданд, ки Муҳаммадҷонро ба ягон мактаб надеҳ, мо худамон ин писарчаро дар мактаби президентӣ ҷо мекунем. Як солу чанд моҳ мунтазир шудам. Дар ин байн муаллими хонагӣ ҳам гирифтам, ки писарам забони модариро, ки қариб фаромӯш карда буд аз худ кунад, дар ин зимн, барномаи мактабиро низ. Муҳаммадҷон низ ташнаи таҳсил буд ва ҳар субҳ вақте акояш дарс мерафт, ӯ гиря мекард, ки ман ҳам мехоҳам мактаб равам.

**Муҳаммадҷон низ ташнаи таҳсил буд ва ҳар субҳ вақте акояш дарс мерафт, ӯ гиря мекард, ки ман ҳам мехоҳам мактаб равам. Рӯзе аз идораи амният бароям занг зада гуфтанд, ки писаратро гирифта биё, барояш мактаб пайдо намудем. Мо ҳам хурсанд шуда рафтем. Аммо… Муҳаммадҷон гиря мекард, ки ман ба ин мактаб намеравам ҳоли мани модари зор аз ӯ бадтар буд. Дар даст ҳалномаи судӣ намедонистам чӣ кор кунам, гӯё ин кор бо ризоияти ман сурат гирифта.**

Модар идома медиҳад, рӯзе аз идораи амният бароям занг зада гуфтанд, ки писаратро гирифта биё, барояш мактаб пайдо намудем. Мо ҳам хурсанд шуда рафтем. Аммо… Муҳаммадҷон гиря мекард, ки ман ба ин мактаб намеравам ҳоли мани модари зор аз ӯ бадтар буд. Дар даст ҳалномаи судӣ намедонистам чӣ кор кунам, гӯё ин кор бо ризоияти ман сурат гирифта.

*Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди ноҳияи Рӯдакӣ. 16.04.2020.*

*1) Ба шумо нусхаи таъиноти судии судяи ноҳияи Рӯдакӣ аз санаи 03 апрели соли 2020 бо пешниҳоди Комиссияи маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ дар бораи ба мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ ҷойгир кардани ноболиғ Саидов Муҳаммадҷон Муҳммадзарифович барои иҷроиш ирсол менамояд.*

*Судя Ниёззода С.Ҷ.*

*2) Ноболиғ Саидов Муҳаммадҷон дар мактаби махсуси шаҳри Душанбе ҷойгир карда шавад.*

*3) Аз директори мактаби махсус шаҳри Душанбе хоҳиш карда мешавад, ки барои ҷойгир ва ба таҳсил фаро гирифтани ноболиғ Саидов мусоидат намоед. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи сармутахасис оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ Саидмуродзода С.А гузошта шавад.*

*Раиси комиссияи маҳалли оид ба ҳуқуқи кудаки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти ноҳияи Рӯдакӣ Ф.Камолзода.*

*Сармутахассис оид ба ҳуқуқи кӯдаки Мақомоти иҷроияи хокимияти давлатии нохияи Рӯдакӣ. С. Саидмуродзода*

Соли 2015 парлумони Тоҷикистон қонун оид ба “Ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон”-ро ба тасвиб расонд. Ин нахустин қонуне буд, ки тӯли 25 соли истиқлоли Тоҷикистон махсус барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, ки 35 фисади аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд қабул шуд. Ҳарчанд 35 фисади аҳолии Тоҷикистонро кӯдакони то синни 14-сола ташкил медиҳанд, ҳеч қонуне барои ҳимояи онҳо дар Тоҷикистон пиёда нагардидааст. Ҷуз он ки чун мероси шӯравӣ 1 июнро чун рӯзи кӯдак барои номаш ҷашн мегиранд. Дигар рӯзу моҳу сол касе аз кӯдаки тоҷик ёд намекунад, ҷуз ду-се созмон, ки барои гирифтани грантҳо дар ин самт кор мекунанд. Ин аст, ки ҳуқуқи кӯдак аз рӯзи ба дунё омаданаш поймол шуда, (ҳатто мавридҳое буданд, ки дар зоишгоҳ модару кудакро асир мегиранд, то пули хидмати духтуронро пардозанд) то ба боғчаву мактаб мерасад. Кӯдакон дар ҳар қадам мавриди хушунат қарор мегиранд, аммо касе ҳарфе намезанад.



Муҳаммадзариф Саидов, падари Муҳаммадҷон. Муҳаммадзариф Саидов фаъоли сиёсии тоҷик ва узви Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон аст, ки тайи чор соли ахир ҳамчун паноҳҷӯи сиёсӣ дар кишварҳои аврупоӣ ба сар мебарад.

Ва чун қонуни мазкурро варақ мезанем, дар бораи шиканҷа ва адолати судӣ нисбат ба кӯдакон дар он ишорае нест. Дақиқан ба далели он, ки дар қонун дар бораи ин ишорае нашудааст, кормандони сохторҳои қудратӣ писарчаро ҳар рӯз ба идораашон даъват мекардаанду бе ҳузури равоншинос соатҳо фишор меовардаанд, ки ҳарфҳои онҳоро тутивор дар назди дурбин такрор кунад.

Ин кӯдаки бегуноҳ, ки ҳанӯз ба ғайр аз оғӯши гарми модар дар Ватан чизи дигареро интизор надошт, дар ин умри кӯтоҳи худ дар ҳар қадам таҳқиру азият мешуд барои он ки падараш дигар кишварро барои таълими динӣ гирифтан барояш ихтиёр кард. Ва чун ҳукумати Тоҷикистон дар симои ҳар як нафари дар хориҷ таълими динӣ гирифта, террорист ва экстремистро мебинад, барои баргардонидани донишҷӯён ва толибилмон як қатор барномаҳоеро роҳандозӣ кардааст ва замоне ки ҷавонон бармегарданд, аксарашонро тақдири Муҳаммадҷон интизор аст.

Муҳаммадҷонро ҳам, ки дигар ҳамсолонаш дар оламӣ кӯдакӣ сайр доранд, мақомдорони тоҷик террористу экстремист муаррифӣ намуданд. Агар гуноҳи авали ин кӯдак пеши мақомот таҳсил дар мадрасаи динӣ бошад, гуноҳи дигараш писари “хоини миллат” буданаш аст.

Модараш мегӯяд: “*Гуфтамишон, куҷо мебаред, кӯдакама? Қатияшон ҷанҷол кардам, ҳамон кормандони амният ва УБОБ, ки кӯдака бурдан, гуфтанд, ки падараш хоини миллат аст, ту чӣ гапи зиёдати мезанӣ! Телефон мекардам, гӯширо намебардоштанд*.”

Воқеан, дар дигар кишвар ҳоба ҷинояткори хатарноктарин ҳам, чунин муносибатро раво намебинанд, чуноне ки дар Тоҷикистон ба як навраси бегуноҳ раво диданд. Ин кӯдак дар бораи мухолиф ё ҳукуматӣ будан ҳам

тасаввуроте надорад. Дар ин синну сол ӯ низ чун дигар ҳамсолонаш орзуи дар оилаи солим ва дар оғӯши падару модар бузург шуданро дорад. Орзу дорад, ки дар яке аз мактабҳои хуб таҳсил кунад, илмҳои динӣ ва дунявироо аз худ кунад.

Дар 16 июли соли равон дар конфронси матбуотӣ аз Омбудсмен суол шуд, ки он кӯдаконе, ки аз Сурия ва дигар кишварҳои арабӣ ба Ватан баргардонида шудаанд, тақдирашон чӣ мешавад ва имрӯз зиёд нафарони хостгори ба фарзандӣ гирифтани ин тифлакон ҳастанд, то бо меҳру муҳаббат онҳоро бузург кунанд. Омбудсмен дар посух иброз дошт, ки воқеан ҳам созмонҳои зиёде дар Тоҷикистон талош доранд, ки ин тифлакон, на дар хона интернатҳо, балки дар оила бузург шаванд ва ӯ ҳам тарафдори ин пешниҳод аст.

Пас, аз ин боз ҳам суол бармеояд, чаро Муҳаммадҷонро, ки ҳам худ ва ҳам модараш талош доранд, ки ба оғӯши оила баргардад, намегузоранд, ки ин орзуи худро амалӣ кунанд?

Ин кӯдак ҷурме накардааст, ягона ҷурмаш ин аст, ки ҳофизи Куръон аст, аз дин хуб бохабар аст ва падараш ҳам мухолифи режими Раҳмон ҳаст. Аҷаб гуноҳе… Барои ҷинояткори ашаддӣ ҳам дар додгоҳ иҷоза медиҳанд, ки аз худаш дифоъ кунад. Ба Муҳаммадҷон ва модараш касе ин ҳақро надод.

Додгоҳ бидуни иштироки онҳо ҳукм содир намуду ҳалномаи судиро ба дасти модараш дод ва Муҳаммадҷонро бо фиреб ба мактаби махсус гузаронд. Аҷибаш ин ки дар ҳалнома навиштанд, ин кор бо ризоияти модараш сурат гирифт.

Порае аз ҳалномаи судӣ:

"*Модари ноболиғ Саидова Дилхо Зайдуллоевна иброз дошт, ки фарзандаш Саидов Муҳаммадҷон Муҳамадзарифовичро падараш Саидов З.О ба давлати хориҷа бурдааст ва моҳи марти соли 2019 фарзандамро давлати Тоҷикистон аз шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб ба Ватан баргардониданд. Модар аз комиссия чунин хоҳиш кард, ки барои таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандаш Саидов М.М ба ман кӯмак намоед, зеро дар ягон муассиса ба таълиму тарбия фаро гирифта нашудааст, ки ба тарбияи минбаъдаи ӯ таъсири манфӣ мерасонад.*"



Дар тамоми ҳуҷҷатҳое, ки оид ба баргардонидани Муҳаммадҷон дар онҳо сухан меравад, қайд шудааст, ки ӯ моҳи марти соли 2019 ба ватан баргардонида

шудааст. Аммо суол ин аст, чаро тӯли қариб як сол Муҳаммадҷон ба таҳсил фаро гирифта нашуд ва чаро вақте ки мактабҳои ноҳия ӯро ба таҳсил фаро нагирифтану

**Яке аз ӯҳдадориҳои асосии ҳар ҳукумате пуштибонӣ аз кӯдакон аст, на мавриди азияту таҳқир қарор додани онҳо. 23 сол пеш ҳукумати Тоҷикистон зери Декларатсияи ҳуқуқи кӯдак имзо гузошт, ки тибқи он ҳама гуна фишор, таҳдид ва зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон манъ аст. Аммо маҷбурӣ рабудани кӯдак аз оғӯши волидайн ва ҷой намудани ӯ дар мактаби махсус, иҷозат надодан барои дидор бо модар ва наздикон, магар фишор ва зӯроварӣ нест?**

нисбаташ хушунат нишон доданд, додгоҳи олӣ, омбудсмени кӯдак ва дигар созмонҳо аз ҳуқуқаш дифоъ накарданд?

Модари Муҳаммадҷон мегӯяд: “*Маро фиреб намуда писарамро ба ин мактаб оварданд. Ҳатто дар Вазорати маориф ҳам ҳамин гапро, гуфтам. Ду моҳ кашондан. Баъд тайёраш кард, як занаки судя. Мақомот худаш имзои Вазорати маорифа гирифта, фарзанди маро ба ин мактаб бурд. Ман модар ҳастам, ба писарам таъсир расонда метавонам, ӯ ҳам мӯҳтоҷи навозиш, насиҳату ғамхории ман аст, аммо иҷозат намедиҳанд, ки ман писарамро дар муҳити оилавӣ ба воя расонам. Ӯ ҳанӯз хеле хурд аст, ба ман эҳтиёҷ дорад, фишору таҳдид ба ҷисмаш ҳам кора карда, аз солаш хеле хурдтар метобад. Ҳар боре, ки ман ё бобояш наздаш меравем, суол мекунад, ки очаҷон, маро кай ҷавоб медиҳанд? Маро аз ин ҷо баред, як писар ба ман гуфт, ки ту се соли дигар ин ҷо мемонӣ. Ман инҷоро намехоҳам, ман хона мехоҳам.*”

Модар меафзояд: “*Бо чанд муаллимааш ҳам сӯҳбат доштам. Мегӯянд, ки писаратон фақат зиқ аст, бо касе ҳарф намезанад. Назди директор даромадам, хостам барои чанд рӯзе хонааш барам. Гуфтанд, ки иҷоза нест, ҳалномаи судиро биёр, иҷоза медиҳем, писаратон пештар суд нашудааст, метавонем, ки ҷавобаш диҳем, фақат аз додгоҳ қоғаз биёред. Ин ваъдаҳоенанд, ки мақомот ва мактаб бароям медиҳанд ва бо чормағзи пуч доманамро пур мекунанд Рӯзам байни суд ва мактаб мегузарад. Бемораму дигар дар поям мадор намонда. Субҳ баланд мешаваму аз ин сохтор ба сохтори дигар меравам. Занг мезанам, ба онҳое, ки писарамро дар ин мактаб ҷо карданд. Мегӯянд, ки писарат аз дигар давлат овардем, бояд дар ин мактаб бимонанд. Охир писарам чӣ гуноҳ дорад?*”

Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳисоботи солонаи худ ба СММ дар бораи иҷро намудани ӯҳдадориҳояш гузориш медиҳад, аммо дар гузориш воқеият дигар чиз ҳасту ҳукумат имрӯз барои саркӯб кардани мухолифон ва тахти фишор қарор додани мардум, аз бадтарин амалҳо, ки поймол намудани ҳуқуқи кӯдак яке аз онҳо аст, даст барнамедорад. Кӯдак, ки барои содир намудани амале аз тарафи падару модараш гунаҳкор нест ва новобаста аз фарзанди киву чӣ буданаш зери ғамхории ҳукумат бояд қарор бигирад, дар симои Саидов Муҳаммадҷон ҳуқуқаш ар Тоҷикистон поймол мешавад

Яке аз ӯҳдадориҳои асосии ҳар ҳукумате пуштибонӣ аз кӯдакон аст, на мавриди азияту таҳқир қарор додани онҳо. 23 сол пеш ҳукумати Тоҷикистон зери Декларатсияи ҳуқуқи кӯдак имзо гузошт, ки тибқи он ҳама гуна фишор, таҳдид ва зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон манъ аст. Аммо маҷбурӣ рабудани кӯдак аз оғӯши волидайн ва ҷой намудани ӯ дар мактаби махсус, иҷозат надодан барои дидор бо модар ва наздикон, магар фишор ва зӯроварӣ нест?

Боз дар кадом кишвари дунё таҳсил дар макотиби динӣ ҷиноят шумурда мешавад? Ҷурми Саидови ноболиғ, ки мактаби диниеро хонда тамом кард дар чист? Қории Қуръон шудан магар ҷиноят аст? Мақомот ба модари Саидов гуфтаанд: "*Падараш хоини миллат аст, ту чӣ гапи зиёдатӣ мезанӣ?!*" ва ба телефонҳои ӯ посух надода гӯширо хомӯш мекунанд.

Модар донишу фаҳмишу ахлоқи писари худро ситоиш мекунад ва таъкид мекунад, вақте ки оварданаш, аз назорати пизишкон гузашт ва гуфтанд саломатияш ва ва вазъи руҳияш хуб аст. Саидов бояд синфи 8 хонад, вале дар он "мактаб-боздоштгоҳ" синфи чор мехонад.

Модар дар додгоҳ гуфт, ки: "*Ман розӣ нестам, ки фарзанди боахлоқу боҳуш ва бегуноҳи маро ба он мактаб бибаред!", вале аз РКҶРКД-и шаҳр ӯро фиреб доданд, ки "ту бачаатро дар ягон мактаб намон, мо худамон дар мактаби президентӣ мемонемаш.*"

Магар "мактаби президентӣ" дар Тоҷикистон барои кӯдакон ва шаҳрвандони ин кишвар "зиндон" аст?





# Ин бор ҳак ба ҳақдор мерасад ё боз ҳам бозингарони паси пардагии ин қазия аз об хушк мебароянд?

*Ба қалами МАВҶУДА СОҲИБНАЗАРОВА, рӯзноманигор ва муовини раиси КШНГЗС*



Дар Тоҷикистон агар нафаре дар бораи камбудиҳои мақомот, ришва ва фасод сухан гӯяд, ба ӯ тамғаи хоин мезананду дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ифротӣ муттаҳамаш мекунанд. Дар баробари ин аз усулҳое низ кор мегиранд, ки тамоми хонаводаи ин нафарро мавриди таъқиб ва фишор аз ҷониби мақомот қарор диҳанд, то ба дигар хонаводаҳо низ дарс шавад ва ба сиёсат кор нагиранд.

Ин усули ҳаросафканиро на танҳо полис истифода мебарад, балки президенти ҷумҳурӣ низ пайваста аз он кор мегирад. Ва рӯи рост ҳангоми вохӯриҳояш ба мардум таҳдид мекунад, ки "*дар хондани намозу гирифтани рӯза озод ҳастед, аммо агар ба сиёсат ва кори давлатдорӣ мудохила кардед, ба ҷавобгарӣ кашида мешавед*".

Бо иттиҳомҳои бофтаву сохта ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ зиндонӣ шудани мардум гувоҳ бар онанд, ки дар Тоҷикистоне, ки дар санадҳои байналмилалӣ ва Сарқонуни кишвар чун давлатӣ демократӣ ва ҳуқуқбунёд зикр шудааст, аз арзишҳои демократӣ хабаре надоранд ва садо баланд намудани як нафарро зидди ноадолатӣ ҷурм медонанд.

Барои ин мо далелҳои зиёде дорем, аммо дар мисоли як хонавода, ки ҷабру зулми режимро зиёд кашидааст иктифо мекунем.

Рӯзи 15-уми январи соли 2018 баъди 15 рӯзи ҳабси маъмурӣ, раиси бахши раштии ҲСД Фарҳод Худоёров ба озодӣ баромад. Худи Фарҳод Худоёров баъди озод шуданаш ба *Радиои Озодӣ* <u>гуфт</u>, ки "гуноҳ"-и аслии ӯ ин навиштани паёмак ё СМС ба раиси ноҳия дар бораи чанд мушкилоти маҳаллӣ буд.



***Ҷунайдулло Худоёров: "Тобистони соли 2017 аз Русия ба Тоҷикистон омадам. Вақте камбуду ноадолатиҳоро дидам, хостам, онро расонаӣ кунам, то ҳукумати кишвар бохабар шавад ва пеши роҳи баъзе аз қонуншиканҳоро гирад."***

Баъди озод шудани Фарҳод бародараш Ҷунайдулло, ки тоза аз Русия омода буд, боздошт гардид, яъне Фарҳод рӯзи 15 озоду субҳи 22-юми январ Ҷунайдулло аз ҷониби шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Рашт боздошт <u>шуда</u>, ба Раёсати корҳои дохилии Душанбе интиқол ёфт ва худи ҳамон рӯз ба боздоштгоҳи ин раёсат воқеъ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ҷой дода шуд. Як мақоми Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Рашт рӯзи 22-юми январ ба *Радиои Озодӣ* <u>гуфт</u>, ки Ҷунайдулло Худоёров субҳи имрӯз

ба Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе оварда шуд ва феълан дар боздоштгоҳи шаҳр нигоҳдорӣ мешавад. Дар иртибот ба сабаби боздошти Худоёров ин манбаъ гуфт, ки “бефаҳмӣ” кардааст ва барои ҳамин ба раёсат оварда шудааст. Ин намояндаи пулиси ноҳияи Рашт аз шарҳи бештари қазия худдорӣ кард.

Фарҳод Худоёров дар ишора ба қазияи бародараш гуфт, дар ҳафтаи гузашта “*чор маротиба бародарашро кормандони ШКД-и ноҳия барои пурсиш даъват карда буданд ва дар бораи навиштаҳояш дар Фейсбук ва дигар саҳифаҳои иҷтимоии интернетӣ, пурсон шуданд*”. Фарҳод Худоёров ишора ба он кард, ки аз рӯи сӯҳбатҳои ходимони пулис аён буд, ки ӯро “*дар узвияти Салафия ва Гурӯҳи 24 мехоҳанд айбдор кунанд*”. Дар асл чунин ҳам шуд. Нафареро, ки барои ифшои камбудиҳои мақомоти ноҳия ба пулис оварданд ва пурсиданд, ки “*бар кадом асос раиси кони ангишти ноҳияро танқид кардаӣ, дар бораи Шӯъбаи маъориф чаро навиштӣ, ки аз талабаҳо чормағз мегиранд, оё далел дар бораи бахши андози ноҳия дорӣ, ки фаъолияти онро танқид кардаӣ?*”




Агар чунин иттифоқ дар Сингапур ё кишвари ҳаммонанди он рух медод, қадрдонияш мекарданд, ки шаҳрванд нисбати кишвари худаш бетараф нест. Мутаассифона, дар Тоҷикистон қадрдонӣ он тараф истад, иттиҳоми дурӯғини пайравӣ аз созмони дар Тоҷикистон мамнӯи салафияро ба пояш бастанд ва Раёсати тафтишотии Вазорати корҳои дохилӣ рӯзи 30-юми январи соли 2018 дар як қарори худ навиштааст: “*Шаҳрванд Худоёров Ҷунайдулло ҳангоми будан дар Русия ва деҳаи Яшми ноҳияи Рашт ҷавоноро ба равияи динии салафия даъват карда, игвоангезӣ ва бадбинии мазҳабиро ба миён овардааст.*”

**Фарҳод Худоёров дар ишора ба қазияи бародараш гуфт, дар ҳафтаи гузашта “чор маротиба бародарашро кормандони ШКД-и ноҳия барои пурсиш даъват карда буданд ва дар бораи навиштаҳояш дар Фейсбук ва дигар саҳифаҳои иҷтимоии интернетӣ, пурсон шуданд”.**

Ин дар ҳолест, ки Ҷунайдулло Худоёров гуфт, дар аввал мақомот ба ӯ на дар бораи ифротгароӣ, балки лаб накушодан аз камбудҳои мақомоти ноҳия хушдор дода буданд.

“*Тобистони соли 2017 аз Русия ба Тоҷикистон омадам. Вақте камбуду ноадолатиҳоро дидам, хостам, онро расонаӣ кунам, то ҳукумати кишвар бохабар шавад ва пеши роҳи баъзе аз қонуншиканҳоро гирад*”, гуфта буд ӯ ба расонаҳо. Ӯ, ки аз ноадолатиҳо мегуфт, барои 5 сол равонаи зиндонаш карданд. Аммо хонаводаш ҳанӯз ҳам ба адолати судӣ дар Тоҷикистон бовар доштанд. Мавҷигул Ғарибова, модари Ҷунайдулло Худоёров,

субҳи 26 июни соли 2019 талош кард, ки бо раисиҷумҳурӣ Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки бо сафари корӣ дар Рашт қарор дошт, вохӯрад. Барои ин иқдом ин зани бечора 6 соатро дар паси панҷара гузаронд. Мавҷигул қисса кард, замоне ки байни занҳо



истода буд, ӯро се нафар аз ҳамдастону наздикони Қаноати Лоиқзода, раиси собиқи ноҳияи Рашт шинохта бо кӯмаки пулис боздошт кардад. Ҳамроҳ бо ӯ хоҳараш ва бародари шавҳарашро низ зӯран ба мошин бор карда ба идораи пулис бурданд. Нафароне, ки маро боздошт карданд, ҳамтабақони Лоиқзода буданд ва намехостанд, ки сирравшон фош шавад, барои ҳамин ҳам то рафтани президент аз ноҳия пушти дари полис истоданд ва маро нагузоштанд, ки берун шавам.

31 октябри соли 2018 ин зан дар як муроҷиати видеоӣ, ки дар ихтиёри Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсӣ гузошт, дар хитоб ба фаъолони шабакаҳои маҷозӣ иброз дошт, ки "*Ҷунайдулло марди ҷасур, марди поквиҷдон аст, ӯ ҳаромхӯриро бад медид, ӯро ба хотири он ки ду се ҷумла дар шабакаҳои интернетӣ дар бораи ғоратгарии инҳо навишт, турма карданд*."

Ӯ ҳамчунин ба раисиҷумҳур низ хитоб карда гуфт, ки "*Ҷаноби олӣ ва суд! Аз шумо хоҳиш мекунам, ки суди бачамро одилона саросема нашуда дида бароед, бачамро ҳуй кунед, сари фарзандҳояш биёяд*."

Аммо суд бетағйир монд ва фақат баъди 1 солу 10 моҳро дар зиндон сипарӣ намудан дар натиҷаи қонуни афв 27 октябри соли 2019 Ҷунайдулло ба озодӣ баромад.

Нахустин шуда Фарҳод Худоёров дар саҳифаи фейсбукии зуд аз раҳоии Ҷунайдулло паём дод. "*Имрӯз бародари азизу гиромиқадри мо Ҷунайдулло Худоёров, ки 22 моҳ боз дар зиндон бидуни ҷурме ба сар мебурд, ба озодӣ баромад. Озодӣ муборак бошад, бародари азизу арҷманд! Сипос аз ҳамаи он бародарону хоҳароне мекунем, ки дар ин муддат бо мо ғамшарик буданд ва моро танҳо нагузоштанд, хеле миннадорем аз бародароне, ки дар озодии бародари бегуноҳи мо кӯмак кардаду, адолатро билофосила барқарор карданд*."

Ин хонавода аз мавриди афв қарор

**Ин хонавода аз мавриди афв қарор гирифтану озодии фарзанди хонадон он рӯз хеле шод буданд, бехабар аз он ки мушкили онҳо бо озод шудани Ҷунайдулло бартараф намешавад. Онҳое, ки Ҷунайдулло ба риштаи танқид кашида будашон, мунтазири гирифтани ниқоранд.**

гирифтану озодии фарзанди хонадон он рӯз хеле шод буданд, бехабар аз он ки мушкили онҳо бо озод шудани Ҷунайдулло бартараф намешавад. Онҳое, ки Ҷунайдулло ба риштаи танқид кашида будашон, мунтазири гирифтани ниқоранд. Онҳо ҳанӯз ҳам ором

нагирифта, пайти мувофиқ мекофтанд, ки ба ин хонадон ҳар чӣ бештар фишор биёранд ё зарбаи равонӣ зананд. Дар ин минтақа кам нафарон ҷуръати Ҷунайдуллоро доранд ва мақомот ҳар кореро, ки бо мардум мекунад, мардум хомӯшона тааммул мекунанд.

Ва фурсати қасосгирӣ ҳам фаро расид. 13 июли соли 2021 ҷанозаи донишҷӯи Донишгоҳи Рашт Алиризо Худоёрови 21-соларо ба хок супориданд. Ҷунайдулло, ки баъди аз маҳбас озод шудан дар Русия кору фаъолият мекард, очилан ба Тоҷикистон баргашт. Ҷунайдулло дар суҳбат ба расонаҳо гуфт, ки бародарзодааш қурбони хусумати шахсӣ шудааст. Ва он нафароне, ки ба ин куштор даст заданд, қаблан зидди Ҷунайдулло дар додгоҳ шоҳидӣ додаанд. Муфаттишони Додситонии кулли Тоҷикистон барои таҳқиқи ин куштор аз болои ду нафар парванда боз мекунанд, аммо наздикони Худоёров ҳодисаро “аз пеш тарҳрезишуда” ва “кори дасти камаш панҷ нафар” медонанд.

Дар оғоз таҳқиқи парвандаро Додситонии минтақаи Рашт бар ӯҳда дошт. Вале дар пайи мурожиати пайвандони Алиризо Худоёров ба Дастгоҳи иҷроияи президент ва Маҷлиси Миллӣ (раёсати ҳарду ниҳодро фарзандони раисиҷумҳурӣ бар дӯш доранд), масъулияти таҳқиқ ба ихтиёри Додситонии кулл гузаронида шуд. Парванда дар ҳоли баррасӣ қарор дошт, аммо тафтишот тӯл мекашид ва хонаводаи Худоёровҳо аз чунин ранг гирифтани кор норозӣ буданд. Дар ҳамин ҳол, дар расонаҳо хабаре пахн шуд, ки мақомоти корҳои дохилии ноҳияи Рашт алайҳи Ҷунайдулло Худоёров, фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ, бо гумони авбошӣ парвандаи ҷиноятӣ боз намудаанд. Дар ин бора худи Худоёров ба *Азия–Плюс* хабар дод.

Мавсуф гуфт, ӯро дар мунокиша бо хонаводаи гумонбарони куштори бародарзодааш Алиризо Худоёров муттаҳам медонанд ва онҳо даъво кардаанд, ки гӯё Худоёров бо табар ба онҳо ҳамла кардааст. Вале худи Худоёров иддаоро рад намуд. Ӯ ҳодисаи рӯзи 27-уми октябрро барори *Радиои Озодӣ* чунин шарҳ додаст: “*27-уми октябр модарам аз хонаи хоҳарам бармегашт. Дар роҳ Алишери Насриддин, узви оилаи гумонбар дар қатли Алиризо, ба модарам зарба мезанад. Сутунмӯҳраи модарам осеб дидааст. Ман дар ҳезумшиканӣ будам. Ба ман хабар доданд. Табарро ба дасти писарам дода, давида рафтам. Бе ягон зӯрӣ мунокишаро ором кардам.*”



Дар ҳамин ҳол тарафи муқобил низ саддарсад намедонанд, ки ҳангоми мунокиша дар дасти Ҷунайдулло табар буд ё не. “*Ҳамон рӯз маросими дафни амакам, Мансур Ҳомидови 73-сола буд. Дар назди масҷиди деҳа истода будем. Модари Ҷунайдулло аз роҳ мегузашт. Алишер бо шӯхӣ гуфт, ки аз марги амаки мо хурсанд*

*шудед. Вай дар ҷавоб гуфт, агар ҳамоне ки набераамро корд зад, мефавтид, беҳтар буд. Ҷанҷол хест. Ҷунайдулло омаду таҳдид кард, аммо дар дасташ табар буд ё не, ба ёдам нест*”, - накл кардааст хонаводаи гумонбарон дар қатли Алиризо.

Дар ҳамин ҳол на фақат Ҷунайдулло, балки модари 65-солаи ӯ низ ба авбошӣ гумонбар мешавад, ки гӯё бо санг ба сари яке аз наздикони гумонбар дар қатли Алиризо задааст. Бар зидди Мавҷигул Ғарибова бар асоси қисми 3 моддаи 237-и Кодекси ҷиноии Тоҷикистон (авбошӣ) парванда кушодаанд. Ҳол он ки наздикони Мавҷигул мегӯянд, ки баръакс ба ӯ зарари ҷисмонӣ расондаанд.

То ин ҳадд дуру дароз кашондани парвандаи қатли як ҷавон, ки чанд гумонбар ба гуноҳи худ иқроранд ба зеҳни кас суолеро меорад, ки оё ин бор ҳақ ба ҳақдор мерасанд ё боз ҳам бозингарони паси пардагии ин қазия аз об хушк мебароянд?





# Зиндонӣ кардани донишҷӯён ба ҷурми “хиёнат ба Ватан”

*Ба қалами САЙИДМАҲМУД БУРҲОНОВ, фаъоли сиёсӣ ва коршиноси аршади фалсафа ва маорифи исломӣ*



Ҳукумати Тоҷикистон шуморе аз донишҷӯёни тоҷике, ки дар Эрон таҳсил кардаанд, ба баҳонаи воҳӣ ва пуч аз ҷумла “хиёнат ба Ватан” дастгир карда ва ба солҳои тӯлонӣ ба зиндон равон намудааст; иттиҳомҳое, ки ин донишҷӯён ба шиддат онҳоро рад мекунанд, махсусан иттиҳоми “хиёнат ба Ватан”-ро. Сомонаи *“Ахбор”* дар гузорише дар санаи 23.09.2020 навишт, Додгоҳи Тоҷикистон чанд нафар аз таҳсилкардаҳои донишгоҳҳои Эронро бо ҷурмҳои “хиёнат ба Ватан” (моддаи 305-и Кодекси ҷиноятии ҶТ) ва вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ (моддаи 304) маҳкум ба солҳои тӯлонии зиндон кардааст.



Воқеият аммо он аст, ки зиндонӣ кардани ин донишҷӯён ҳамон тавре ки коршиносон ба ишора кардаанд, сиёсӣ буд. Сомонаи “*Ахбор*” дар ҳамон гузориш менависад: “*Боздошти даҳҳо ва маҳкум ба зиндон шудани чанд нафар аз таҳсилкардаҳои мактабҳои Эрон дар ҳолест, ки равобити Тоҷикистону Эрон дар дастикам 5 соли охир даврони пуртанишеро пушти сар мекунад. Душанбе Эронро ба пуштибонӣ аз Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) айбдор мекунад ва мегӯяд, як шарти аслии оддӣ сохтани равобит қатъи пуштибонии Ҷумҳурии Исломӣ аз ҲНИТ буда метавонад.*” Ва ин дар ҳолест, ки ин донишҷӯён ҳеч кадом узви ҳизби мазкур набуданд. Ҳамчунин дар ин гузориш омада: “*Дар Эрон бар инанд, ки Бобаки Занҷонӣ, миллиардери эронӣ, ки бо ҷурми дуздии пули нафт маҳкум ба қатл шудааст, беш аз ду миллиард евро пули аз фурӯши нафт тасарруфкардаашро ба эҳтимоли ғолиб дар Тоҷикистон пинҳон кардааст ва Душанбе бояд ин пулҳоро бидуни чуну чаро ба Эрон баргардонад.*”

Гуфтанист, додгоҳи ин донишҷӯён махфӣ ва пушти дарбҳои баста баргузор шуд ва ҳеч кадом вакили мудофеъ надоштанд.

Ҳарчанд шумори дақиқи донишҷӯёни зиндонишуда маълум нест, вале КШНГЗС тавонист номи теъдоде аз онҳоро ба даст оварад.

Феҳристи онҳо ба шарҳи зерин аст:



**1) Муҳаммад Соҳибназар**: фарзанди марҳум Сайидзакариё Иброҳимӣ, аз ноҳияи Восеъ, соҳиби 3 фарзанд, маҳкум ба 6 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шудааст;



**2) Хайруллоҳ Шарифов**: соли таваллуд 1978, аз ноҳияи Ҳамадонӣ, соҳиби 3 фарзанд, фориғуттаҳсили ҳуқук, бозгашт ба Тоҷикистон соли 2015, маҳкум ба 12 сол зиндон, додгоҳи ӯ низ махфӣ баргузор шудааст;



**3) Салоҳуддин Нуриддинов**: соли таваллуд 1984, аз ноҳияи Данғара, соҳиби 3 фарзанд, бозгашт ба Тоҷикистон дар соли 2017, муҳассили доктории ирфони исломӣ, маҳкум ба 12 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шудааст;



**4) Сайидмурод Обидов**, фарзанди Сайиднуриддин, соли таваллуд 1970, аз ноҳияи Кӯлоб, соҳиби 4 фарзанд, фориғуттаҳсили доктории Қуръон ва ҳадис, бозгашт ба Тоҷикистон дар соли 2018, маҳкум ба 14 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шуда;



**5) Мустафо Амруллоҳ**: соли таваллуд 1992, аз ноҳияи Ҳисор, соҳиби 2 фарзанд, фориғуттаҳсили риштаи фалсафа, бозгашт ба Тоҷикистон дар соли 2016, маҳкум ба 12 сол зиндон, додгоҳи ӯ ҳам махфӣ баргузор шудааст;



**6) Муҳиддин Каримов**: соҳиби 3 фарзанд, фориғуттаҳсили доктории риштаи улуми ҳадис, маҳкум ба 14 сол зиндон, додгоҳаш махфӣ баргузор шуда;



**7) Зафар Ғафуров**: аз ноҳияи Фархор, соҳиби 4 фарзанд, фориғуттаҳсили доктории риштаи улуми Қуръон, маҳкум ба 14 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шудааст;



**8) Раҳим Иброҳимов**: аз ноҳияи Восеъ, соҳиби 6 фарзанд, фориғуттаҳсили коршиносии аршади фалсафаи исломӣ, маҳкум ба 12 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шуда;



**9) Бахруддин Қурбон**: фарзанди Муҳаммадраҷаб, аз ноҳияи Данғара, соҳиби 3 фарзанд, маҳкум ба 6 сол зиндон, додгоҳи ӯ ба сурати махфӣ баргузор шуда;



**10) Руҳуллоҳ Қаландаров**: соҳиби 4 фарзанд, фориғуттаҳсили коршиносии аршади улуми Қуръон, маҳкум ба 12 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шудааст;



**11) Абдулвоҳид Мирзоев**: соҳиби 2 фарзанд, фориғуттаҳсили коршиноси улуми Қуръон, маҳкум ба 12 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шуда;



**12) Абдурраҳмон Холисов**: соҳиби 4 фарзанд, фориғуттаҳсили коршиноси аршади риштаи фалсафаи исломӣ ва коршиноси забон ва адабиёти форсӣ ва мутахассиси тибби исломӣ, маҳкум ба 12 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шудааст;

**13) Муҳаммад Тӯйчизод**: маҳкум ба 12 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шуда;

**14) Умед Қурбонов**: додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шудааст;



**15) Зайнулобидин Шамсуддинов**: маҳкум ба 6 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шуда;



**16) Сайидҳасани Ғозӣ**: фарзанди шаҳид Эшони Қиёмиддини Ғозӣ, маҳкум ба 11 сол зиндон, додгоҳи ӯ махфӣ баргузор шуда.

Гуфтанист, падари вай яъне Эшони Қиёмиддини Ғозӣ низ бо ҷурми “хиёнат ба Ватан” ба 25 соли зиндон маҳкум шуда буд. Рӯзи 19 майи соли 2019 дар ҷараёни ошӯби аъзои ДОИШ дар зиндони Ваҳдат шаҳид гашт.





# Вақте расондани кӯмак ба хонаводаҳои зиндониён ҷурм маҳсуб мешавад

*Ба қалами САИДИСҲОҚ БОБОЕВ, фаъоли сиёсӣ ва коршиноси фалсафа ва маорифи исломӣ*



Розиқов Асрориддин, мутаваллиди 08.08.1982, ба иттиҳоми ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои мамнӯъ дар соли 2020 бар асоси моддаи 307 аз ҷониби режими Раҳмонов ба 5 сол зиндон маҳкум шуд.

Сабаби асосии ин зулми режим дар ҳаққи ӯ, расондани кӯмакҳои ночизи молии муҳоҷирон ва афроди хайрхоҳ ба хонаводаҳои зиндониёни сиёсӣ дар Тоҷикистон буд. Асрориддин ҷуз воситаи хайр барои ниёзмандони тахти зулми режим “ҷурми” дигаре накарда буд ва ҳамаи иттиҳомоти режим дар ҳаққи ӯ беасос, ғаразнок ва бӯҳтон аст.




Қобили зикр аст, ки Асрориддин фарзанди яке аз калонсолтарин зиндонии сиёсӣ аз ҲНИТ ба номи Зубайдуллоҳи Розиқ яке аз рӯҳониҳо ва рӯзноманигорони шинохта аст, ки дар соли 2015 аз ҷониби КДАМ дастгир ва соли 2016 ба мӯҳлати 25 сол равонаи зиндон шудааст. Асрориддини Розиқ дар ҳоли ҳозир дар яке аз зиндонҳои шаҳри Хуҷанд зиндонӣ аст.

Дар кишварҳои дигар шахсоне, ки барои камбизоатон ва бенавоён хидмат карда ба онҳо кӯмак мекунанд, аз ҷониби созмонҳо қадрдонӣ ва ба ҷоизаҳо мукофотонида мешаванд. Намунааш Модар Тереза аст, ки бо ҷоизаи Нобели мукофотонида шудааст, аммо дар кишвари Тоҷикистон ин гуна нафарон аз дасти режими диктотурии Раҳмон ба бадтарин шеваҳо шиканҷа ва равонаи зиндон мешаванд.

Умед дорем, ки ба зудиҳо дар Тоҷикистон адолат тантана хоҳад кард ва золимон ба сазои аъмоли худ хоҳанд расид ва дар назди қонун ва миллат ҷавоб хоҳанд гуфт

Ғурбат он аст, ки ёрон бибаранд аз ёдат!

**Дар кишварҳои дигар шахсоне, ки барои камбизоатон ва бенавоён хидмат карда ба онҳо кӯмак мекунанд, аз ҷониби созмонҳо қадрдонӣ ва ба ҷоизаҳо мукофотонида мешаванд.**



## Ваъдаи афв Мӯхриддинро ба зиндон бурд

*Ба қалами МАВҶУДА СОҲИБНАЗАРОВА, рӯзноманигор ва муовини раиси КШНГЗС*



Исми **Мӯхриддин Эмомов** ва бародараш Сайфиддин Эмомов, сокинони води Вахши вилояти Хатлон, соли 2016 замоне расонаӣ шуд, ки тавассути ВАО дар бораи манъи сафари аҳли хонаводаҳояшон ба Туркия хабар доданд ва гуфтанд, мақомоти Тоҷикистон ба наздикони онҳо иҷозати сафар ба Туркияро намедиҳанд ва чанд маротиба онҳоро аз фурудгоҳ бозпас гардонданд. Моҳи феврали соли 2017, баъди нашри мурочиати видеоии фарзанди Мӯхридин ва бародараш Сайфиддин Эмомов, мақомот ба зану фарзандони ӯ ва модару хоҳарашон иҷозати сафар доданд ва онҳо ба Туркия омаданд.



Мӯхриддин дар Туркия ба ҳукми паноҳанда зиндагӣ мекард, то он замоне, ки ҳукумати Тоҷикистон дархости боздошти ӯро дар ин кишвар кард. Ӯро боздошт ва барои 11 моҳ равонаи зиндон карданд, аммо чун иттиҳоми нисбати ӯ эълоншуда тасдиқи худро наёфт, ҳукумати Туркиё ӯро озод намуд. Дертар собиқ лейтенанти калони Агентии мубориза бо маводди мухаддири ВКД Тоҷикистон Мӯхриддин Эмомов ваъдаи мақомот оид ба афро бовар карда, ба ватан баргашт. Дақиқтараш, ӯ моҳи феврали соли 2020 бо ваъдаи афви мақомот аз Туркия ба Тоҷикистон баргашт. Вале ба ҷойи афви ваъдагӣ баъдҳо ба ҷурми ифротгароӣ ба 6 соли зиндон маҳкум шуд.

Ҳукми ин ҷавони фиреби мақомотхӯрда пушти дарҳои баста сурат гирифта, субҳи 20 ноябри соли 2020 ба хонаводааш занг зада, гуфтаанд, ки имрӯз ҳукмаш хонда мешавад, аммо онҳо чун аз Вахш ба Душанбе омаданд, додгоҳ тамом шуда буд.

Майдабӣ Худоёрова, модари Мӯхриддин Эмомов, ки ҳамроҳи яке писаронаш бо номи Сайфуддин дар Истанбул зиндагӣ мекунад, аз ин ҳукм изҳори нороҳатӣ намуда гуфт, ки писарам бо ваъдаи афв ба ватан баргашт, аммо охир мутаассифона мақомот ба ваъдашон вафо накарданд.

Бино ба қавли хешовандон, Мӯҳриддин нахуст бо гумони узвият дар гурӯҳҳои ифротгароӣ тахти пайгард қарор дошт, вале баъдан соли 2019 мавриди афв қарор гирифт. Ӯ баъди бозгашт ба ватан дар зодгоҳаш ошхонаеро фаъол карда ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буд, то замоне, ки мақомот дар ин ҷо дуздиеро ошкор намуданд ва Мӯҳриддинро низ ба додгоҳ кашиданд. Аммо модари Мӯҳриддин ин амали мақомотро қаблан тарҳрезишуда медонад ва барои таҳқиқи одилонаи он аз мақомот мадад мехоҳад. Мақомоти амниятии вилояти Хатлон то ҳол дар мавриди чигунагии боздошт ва иттиҳоми зидди ӯ шарҳе надодаанд. Аз ин рӯ, маълум нест, Мӯҳриддин Эмомов барои пахн кардани кадом матлабе муттаҳам аст ё чизи дигар.

**Майдабӣ Худоёрова, модари Мӯҳриддин Эмомов, ки ҳамроҳи яке писаронаш бо номи Сайфуддин дар Истанбул зиндагӣ мекунад, аз ин ҳукм изҳори нороҳатӣ намуда гуфт, ки писарам бо ваъдаи афв ба ватан баргашт, аммо охир мутаассифона мақомот ба ваъдашон вафо накарданд.**

Робия Эмомова, хоҳари Мӯҳриддин Эмомов, рӯзи 26-уми июл ба *Радиои Озодӣ* гуфт, барои мулоқот бо бародараш ба боздоштгоҳ рафт, вале "*бино бар ҳузур надоштани муфаттиш иҷозаи ворид шудан надоданд*."

Соли 2014 ҳукумати Тоҷикистон ба Кодекси ҷиноии кишвар тағйироте ворид кард ва ба онҳое, ки бар асоси моддаҳои марбут ба терроризм ва экстремизм гумонбар мешаванду дар хориҷа қарор доранд, ваъдаи афв дода буд.

Мақомот мегӯянд, афви гумонбарон ба шарте татбиқ мешавад, ки ин афрод собиқаи ҷиноӣ надошта бошанд ва ибрози пушаймонӣ кунанд. Чанд нафари гумонбар ба узвият дар созмонҳои мамнӯъ ба Тоҷикистон баргаштанд, вале на ҳамаи онҳо мавриди афв қарор гирифтанд.

Вакили дифоъи Мӯҳриддин Эмомов, афсари зиндонии тоҷик, ҳукми ӯро ғайриқонунӣ номида, аз болои он ба додгоҳи зинаи болои шикоят бурд, аммо масъулони Додгоҳ мегӯянд,ки ҳукм дар доираи қонун содир шудааст.

Ба зидди ӯ бар асоси моддаи 307, қисми 2 (даъвати оммавӣ бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет) парванда кушода буданд. Ба гуфтаи манбаъ, айбдоркунандаи давлатӣ барои нашри матлабҳои ифротгароӣ дар шабакаҳои интернетӣ аз додгоҳ барои Мӯҳриддин талаби 7 солу шаш моҳи зиндонро карда буд, вале додрас ӯро ба 6 сол маҳкум кард.

**Ба зидди ӯ бар асоси моддаи 307, қисми 2 (даъвати оммавӣ бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет) парванда кушода буданд. Ба гуфтаи манбаъ, айбдоркунандаи давлатӣ барои нашри матлабҳои ифротгароӣ дар шабакаҳои интернетӣ аз додгоҳ барои Мӯҳриддин талаби 7 солу шаш моҳи зиндонро карда буд, вале додрас ӯро ба 6 сол маҳкум кард.**

Файзалӣ Музаффаров, вакили мудофеъ мегӯяд, додгоҳ барои эълони ин айб ҳеҷ далеле пешниҳод накард. "*Муҳриддин дар*

*вақти эълони ҳукмаш аз суд дархост кард, ки наворҳои дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кардаашро ба вай нишон диҳанд ва гуноҳашро собит кунанд,вале додгоҳ чизеро пешниҳод карда натавонист. Ӯ гуноҳро ба гардан нагирифтааст*”, - гуфт вакили мудофеъ.

Хоҳари Мӯҳриддин, Робия Эмомова баъди эълони ҳукми бародараш ба хабарнигорон гуфт, ки бародараш шиканҷа шудааст. Чун вақти дидор як чашмашро кушода наметавонисту дастонаш низ меларзиданд.

Баъди расонаӣ шуданӣ ҳукми зиндони Мӯҳридин Эмомов, мавҷи эътирози ҷомеаи мадании тоҷик бештар шуд, чунки мақомдорон бо ваъдаи афв ҷавонони ба ватан даъват карда, бо иттиҳомҳои бофтаву сохта онҳоро ба солҳои тӯлонӣ равонаи зиндон мекунанд.

**Баъди расонаӣ шуданӣ ҳукми зиндони Мӯҳридин Эмомов, мавҷи эътирози ҷомеаи мадании тоҷик бештар шуд, чунки мақомдорон бо ваъдаи афв ҷавононро ба ватан даъват карда, бо иттиҳомҳои бофтаву сохта онҳоро ба солҳои тӯлонӣ равонаи зиндон мекунанд.**



## Чаро пирмарди наздики 90-соларо бозошт ва зиндонӣ карданд?

*Ба қалами ИЛҲОМҶОН ЁҚУБОВ, раҳбари Ассотсиатсияи муҳоҷирони Осиёи Марказӣ*



Дониёр Набиеви 87-сола аз ноҳияҳои калонтарини Тоҷикистон, Рӯдакӣ аст. Ӯ ҳамеша кӯшиш мекард, ки ба ниёзмандон кӯмак кунад ва пасандозҳои хоксоронаи худро ба хонаводаҳои маҳбусони сиёсӣ тақсим кунад.

Ӯ тӯли чанд сол ҳар моҳ ба наздикони зиндониёни Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ғизо ва гоҳе пул медод, ки мақомот дар соли 2015 бидуни далелҳои эътимодбахш онро созмони террористӣ эълон ва мамнӯъ эълон кард. Худи Набиев низ замоне узви ҲНИТ буд, дар яке аз ташкилоти ибтидоии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият мекард ва шахсан бисёре аз зиндониёни сиёсиро хуб мешинохт, ки ҳоло ҳукмҳои тӯлонӣ гирифтанд.




Дониёр Набиев хамагӣ ду маротиба аз фарзандон ва наздикони зиндониёни сиёсие, ки ба хориҷа рафтаанду кор мекунанд маблағ гирифта, онро барои ғизо дар зиндон интиқол додааст.

Маҳз барои ҳамин амалҳои хеле содда ва инсонӣ КДАМ ва ВКД ӯро 27 августи соли 2020 дар ҳоле, ки гирифтори бемории Ковид-19 буд, бо иттиҳоми ширкат дар фаъолияти созмони мамнӯъ боздошт карданд.

Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар баёнияи расмияш хабар дод, ки:

*“Маблағҳои пулии аз тарафи хадамоти махсуси давлатҳои муайян ҷудошударо, тариқи истифодаи масири интиқоли маблағҳо аз кишварҳои сеюм қабул намуда, онҳоро барои паҳнкунии ғояҳои ифротӣ, харидорӣ, нашр ва густариши адабиёти экстремистӣ, ҷалб ва сафарбар намудани ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои ҷиҳодӣ сарф мекард;*

*– миқдори муайяни маблағҳоро тавассути ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон ҷиҳати*

*дастгирии молиявии аъзоёни қаноти ҷангии ташкилоти террористии собиқ ҲНИ – “Ҷамоати Ансоруллоҳ” ба Ҷумҳурии исломии Афғонистон интиқол додааст;*

*– қисми боқимондаи маблағҳоро барои манфиатҳои шахсии худ истифода кардааст.*”

Додгоҳи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе рӯзи 28-уми декабр ӯро бо ҷурми “таъмини моддӣ” ба наздикони муттаҳами аъзои маҳкумшудаи ҲНИТ дар Тоҷикистон, ба 7 соли зиндон маҳкум кард.

Дониёр Набиев ба феҳристи тӯлонии беш аз 1000 нафараи курбониёни саркӯбҳои сиёсӣ, ки оғози бӯҳрони феълии поймолшавии ҳуқуқи башар, ки 7 сол пеш оғоз шуд, шомил шудааст.

Ҳодисаи ӯ бори дигар нишон медиҳад, ки мақомот дар таъқиби рақибони сиёсии худ аз ҳеҷ чиз даст намекашанд.

Аз рӯзи аввал, пас аз боздошти Дониёр Набиев, Кумитаи шаҳрвандии наҷоти гаравгонҳо ва зиндониёни сиёсӣ дар Тоҷикистон ба қазияи Набиев шурӯъ кард ва дар навбати аввал ба тамоми созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, Иттиҳодияи Аврупо, сафорати САҲА дар Тоҷикистон хабар дод. Аз ҳукумати Тоҷикистон хост, ки Дониёр Набиевро фавран озод кунад. Дар навбати худ, Human Rights Watch дар изҳорот ва паёмаш ба мақомоти Тоҷикистон гуфтааст:

“*Дониёр Набиев барои кӯмак ба хонаводаи зиндониёни сиёсӣ набояд ба зиндон равад. Ӯ бояд дар навбати аввал - ҳадди ақалл бо назардошти хатарҳои КОВИД-19 ва ҳамчунин ба далели башардӯстӣ озод карда шавад.*”

Дониёр Набиевро аз рӯзи аваал дар шароити ваҳшатноки СИЗО маҳкам карданд, ки вазъи саломатиаш бад шуд. Ӯ пештар аз бемории сил ранҷ мебурд ва моҳҳои ахири пеш аз боздошт шуданаш, дар беморхонаи Карияи боло бистарӣ шуда буд.

Дониёр Набиеви бемор ва солхӯрдаро 23 апрели соли 2021 пас аз шиканҷаҳои тӯлонӣ аз колонияи Ваҳдат озод карда шуд.





# Дар Бадахшон чӣ гузашт?

Имрӯз 24 декабри соли 2021 буд. Фардо 25 декабр. Як моҳ мешавад, ки дар зодгоҳи ман Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки аз ҷихати масоҳат яке аз вилоятҳои бузургтарини ҷумҳурӣ буда, 226900 ҳазор аҳолӣ дорад, дастрасӣ ба интернетро ҳукумати вақт масдуд карда.

Як моҳ мешавад, ки мардуми сарзамини ман ба олами берун дастрасӣ надорад ва байни кӯҳҳои сар ба фалак кашида бо мушкили худ танҳо мондаанд. Барқарор кардани дастрасӣ ба интернет бахше аз созишномаи ҳукумат бо эътирозгарон буд, ки 25-уми ноябр дар майдони марказии шаҳри Хоруғ ҷамъ шуданд.



Қатли Гулбиддин Зиёбеков, сокини 29-солаи ноҳияи Рошткалъа, ки дар пайи амалиёти кормандони ниҳодҳои кудратӣ кушта шуд, сабаби эътирози мардум гардид. Дар ин эътироз ду нафар кушта ва нафарони зиёде захмӣ шуданд. Аслан мардум ба майдони Исмоил Сомонии шаҳри Хоруғ барои додхоҳӣ аз ноадолаттии мақомоти интизомии кишвар, ки тӯли чанд соли охир дар ин сарзамин аз ҷонибашон сурат мегирифт, омаданд.

Шоҳиди разолат ва ҷинояти низомиён, ин бор ҷасади Гулбиддин ва як ҷавони 2-солаи дигар буд. Бояд гуфт, ки аз соли 2012, ки ҳукумат барои мутеъ кардани мардуми огоҳи ин сарзамин қувваҳои низомиро ворид намуда чандин нафарони бегуноҳро кушт, чандин ҷиноятҳои дигар содир намуда гуноҳро ба гардани мардуми бепаноҳ мепартофт ва онҳоро ба ҳамкорӣ ба кадом як гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ муттаҳам кард, ки мардум аз ин гурӯҳ аслан хабар надоранд. Ҳар бор ҳам аҳолиро ба нигоҳ доштани силоҳи ғайриқонунӣ айбдор мекарданд ва бо куштани чанд ҷавон ҳисобот медоданд, ки дар натиҷаи муқобилияти мусаллаҳона кушта шуданд.

Гулбиддини ҷавон ҳам он рӯз бо чанд ҷавони ҳамдеҳааш дар мағозаи назди деҳ буд, бехабар аз он ки мақомдорон дасисаи навбатиеро дар диёраш роҳандозӣ кардаанд, то ваъзро боз ноором созанд. Ӯ намедонист, ки инҳо ҳанӯз аз рехтани хун дар ин макон сер нашудаанд ва морони ду кифтаашон боз ҳам хун мехоҳанд.

Як порчаи замини ин сарзаминро ба Чин тӯҳфа карданд, дороиҳои инҷоро ба

тасарруфи худ даровардаанд, ба чиниҳо барои сохтмони пойгоҳи низомиашон иҷозат доданд ва акнун нақшаи навро роҳандозӣ доранд. Ва барои он ки ин нақшаи шумро амалӣ кард, дар дили мардум бояд ҳарос афканд, то баҳона барояшон бошад.

Оре, Гулбиддин намедонист, чанд рӯз пеш, дар яке аз утоқҳои кадом мансабдори ин вилоят, бе додгоҳ барояш ҳукми маргро навиштаанд. Ҳукме, ки дар Тоҷикистон барои хок пошидан ба чашми ҷомеаи байналмилалӣ ба он маратория эълон кардаанд, аммо пушти парда онро иҷро мекунанд ва он ҳам бе муайян кардани гунаҳкор будан ё набудани шахс. Шоҳидон аз он рӯзи мудҳиш чунин ёд мекунанд: Олим Шаюков, яке аз сокини деҳаи Тавдем, ки рӯз дар назди нуқтаи сӯзишвории назди фурӯшгоҳе, ки Гулбиддин бо чанд нафар истода буд, ба Радиои Озодӣ гуфт: “*Тақрибан соати 11:20-и рӯзи 25-уми ноябр мошини сафеди мусофирбаре омад ва дар назди мағоза истод. Аз дохили он мошин беш аз даҳ мусаллаҳ поин шуданд, ки ҳама ба рӯй ниқоб доштанд.*”



Диловар Хуррамов, сокини дигари деҳа, ки он замон каме дуртар аз пуле қарор дошт, ки Гулбиддин рӯи он кушта шуд, аз он рӯз чунин ёд мекунад: “*Ман лаҳзаи паррондани Гулбиддинро дидам. Ӯ ба болои кӯпрук медавид, ки садои тир баланд шуд. Як бор афтид ва боз хест. Мехост, ҳаракат кунад, ки боз садои тир шунида шуд ва ӯ якпаҳлӯ бо дастонаш панҷараи бари пулро дошта, як паҳлӯ шуд. Ҳафт силоҳбадаст ба тарафаш омаданд. Ҳанӯз зинда буд, чун вақте мехостанд, ӯро бардоранд, бо ду дасташ панҷараро дошта буд ва дастонашро ба зӯр боз карданд.*”

Аз нақли шоҳидони ин ҳодиса маълум мешавад, ки Гулбиддин барои наҷот ёфтан аз дасти низомиён ба тарафи пули деҳа давидааст ва муқовимате нишон надодааст. Инро дар [*видеое*](), ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шуданд, дидан мумкин аст, ки чӣ гуна ваҳшиёна, бале ваҳшиёна Гулбиддинро дар рӯи пул, ки ҳатто ҳайвони даррандаро чунин намекушанд, азият мекунанд. Чунин корро фарзанди инсон намекунад.

Аз ин видео бори дигар маълум шуд, ки коргардони ин саҳнаи қаблан тарҳрезишуда ба ҳеҷ ваҷҳ намехостанд, ки Гулбиддин зинда дар назди додгоҳ қад алам кунад. Барояшон бо чӣ қимате, ки набошад куштани ин ҷавон лозим буд, то парда аз рӯи разолаташон бардошта нашавад. Разолате,

ки бо он метавон соҳиби курсӣ ё рутбаи генералӣ шуд.

Диловар Хуррамови шоҳиди ҳодиса нақл мекунад, ки аз аввалин нафаре буд, ки ба маҳалли тир хӯрдани Гулбиддин расид ва ҷуз хун, ки аз ваҳшоният дарак медод, силоҳеро надид. Аммо баъд чун низомиён Гулбиддинро бо доштани силоҳ муттаҳам мекунанд, чаро вақте ҷасади Гулбиддини ҳанӯз зинда бударо кашола карда мебурданд, ярокро чун далели шайъӣ ҳамон лаҳза нагирифтанд? Ва чаро чун низомиён барои амалиёти безарааргардонӣ омаданд ва аз қабл ҳам омода буданд, бо худ наворбардор наоварданд, ки ин ҳамаро наворбардорӣ кунад?



Мақсад, ки куштан ва рӯйпӯш кардани ҷиноятошон буд, аз наворбардор истифода накарданд. Аммо шоҳидоне ёфт шуданд, ки ин ҳама ҷинояти низомиёнро ба навор бардоштанд.

Тасаввур мекунам, ҳоли он нафареро, ки лаҳзаи куштани Гулбиддин бо гӯшӣ сабт мекард. Аз ваҳшонияти манзара гӯшӣ дар дасташ меларзид ва қариб аз дасташ ба замин мехӯрд. Гӯшӣ ҳам наметавонист ин ҳама ҷиноят ва разолатро бардорад. Низомиён дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят он чанд нафареро, ки онҷо буданд, маҷбур намуда буданд, ки пушт гардонанд ва наҷунбанд. Аммо баъдтар маълум шуд, ки мардум зиёд чизҳоро диданд ва метавонанд ба самъу назари ҷаҳониён расонанд. Ва интернетро ҳам дар ин минтақа хомӯш карда буданд, то ҷаҳон аз корҳои онҳо бохабар нашавад.

Чаро таппончаи “Макаров” дар ҷойи ҳодиса баъди 40 дақиқа пайдо шуд? Чунки ин дар сенарияи қаблан оммодашудаи низомиён набуд, ё дар инҷо ба иштибоҳ роҳ доданд.

Кормандони шӯъбаи фаврӣ-ҷустуҷӯӣ иддао доранд, ки аз рӯи қонун рафтор кардаанд. Ва то расидани коршинос ба маҳалли ҳодиса, бояд далелҳо беҷо нашаванд. Хуб, барои доштани Гулбиддин беш аз 10 нафар омада буданд. Ва вақте безарараш карданд ва ҷасадашро бурданд, чаро дар худи ҳамонҷо бо даъвати шоҳидон таппончаро навор нагирифтанд? Асри 21 аст ва телефонҳои ҳамроҳ ҳама бо худ доранд. Дар ҳамонҷо мешуд ин ҳамаро ба навор гирифт. Низомиён дар инҷо ҳам худашонро ҳақ бароварданӣ мешаванд. Расонаҳо аз забони коршиносон навиштаанд: “*Агар инҳо силоҳро мегирифтанд, изи ангушт вайрон мешуд. Ҳоло изи ангушт дар ҳамон силоҳ ҳаст, ки дар ҳар ташхис собит мешавад. Аммо суол ин аст, вақте ки Гулбиддинро ба мошин бор карда бурданд, ӯ ҳанӯз зинда буд. Пас ин ҳам далел буда метавонад, ки*

*таппончаро ба дасти Гулбиддини маҷрӯҳ додаанд, то изи дасташ монад, баъди ин чанд тири контролӣ зада, ӯро ба ҳалокат расонданд. Хешовандонаш хам даъво доранд, ки баъди мурдан ба дасташ силоҳро додаанд*."

Аз Тавдем то Хоруғ 18 километр роҳ аст ва нимирӯзии 25-уми ноябр Гулбиддин Зиёбеков дар ин масир ҷон додааст. Манбаъҳои огоҳ дар миёни сокинон ва мақомоти давлатӣ "хунравии зиёд"-ро сабаби асосӣ донистанд. Аммо Интизор Зиёбеков, бародари Гулбиддин, ба *Радиои Озодӣ* гуфт, ки вай дар бадани мақтул ҳафт захми тирро ҳисоб кардааст, ки чортои он дар пойҳо, сетои дигар дар чашму дилу шикамаш будаанд. "*Мо вақте ба назди ҳукумат расидем, ки гуфтанд, Гулбиддин дар беморхона аст. Онҷо рафтем, ки гуфтанд, дар МОРГ (сардхона) аст. Духтурон гуфтанд, ки вақте ӯро оварданд, аллакай мурда буд. Мо ба МОРГ рафтем ва ҷасадро гирифтем. Маслиҳат шуд, ки онро пеши ҳукумат барем ва фаҳмонанд, ки чаро ӯро куштанд*," - гуфт ӯ.



Модари Гулбиддин, ки онҷо буд, ба ин ризоият дод. "*Ин чӣ коре буд, ки карданд. Наход барои як одами бесилоҳ як мошин силоҳдор фиристӣ? Наход дар дохили деҳа амалиёт гузарондан иҷозат бошад? Писари ман ҳамин гуноҳро карда буд, лекин чаро ба ӯ даъватнома надоданд? Ҳамон вақт бурда пурсида буданд, чизе нашуд-ку. Ӯро ҷазо медоданд, ман розӣ будам, лекин бераҳмона куштан чӣ маъно дорад?*" - пурсишҳоест, ки ҳанӯз касе посухашонро надодааст.

Певистамо Абдулмуминова, модари Гулбиддин, ду рӯз бо ҷасади писараш ва даҳҳо эътирозгар назди бинои ҳукумат истоданд. Танҳо пас аз ду рӯз рӯҳониёни маҳаллӣ ба онҳо машварат додаанд, ки ҷасадро бояд ба хок супоранд. Ӯ гуфт: "*Дар пеши тазоҳургарон аз ҳукумат талаб кардам, ки ҷавоб диҳад. Меомаданд, шарҳ медоданд, ки бачаи ту ин гуноҳро кард ва мо куштем. Далел меоваранд, исбот мекарданд, ман чизе намегуфтам. Мебахшидаму дар майдон намеистодам. Ду рӯз истодам ва ягон нафар аз ҳукумат назди ман наомад. То ҳол ҳам касе пеши ман наомадааст.*"

Файзмуҳаммад, сокини 73-солаи деҳаи Тавдем, аз шахсоне аст, ки ба санади мақомот ҳамчун шоҳид, ки силоҳро дар ҷойи ҳодиса дидааст, имзо гузоштааст. Ӯ гуфт, воқеан ба чунин санаде имзо гузошт, вале ин корро на ихтиёрӣ, балки аз тарс кард. Ба гуфтаи ӯ, "*ин силоҳ бо расидани гурӯҳи тафтишотӣ дар он маҳал пайдо шуд.*" "*Мо ду муйсафедро бо силоҳ ба ҷои ҳодиса бурданд. Чор нафар аз пешамон ва чор нафар аз қафо буданд. Нафаре гуфт, мо эксперти вилоятӣ ҳастем. Ҳамонҷо якбора*

*силоҳ пайдо шуд. Агар ман мегуфтам, ки силоҳ ҳозир пайдо шуд, мумкин маро мепарондаид. Ҳамонҷо боқимондаҳои тирро ҷамъ карданд, санад карданд ва мо аз тарс имзо гузоштем,*" - *нақл* кард ӯ.

Певистамо Абдулмуминова ҳам гуфт, писараш силоҳ надошт ва истифодаи онро намедонист. "*Ба номи Худо қасам, ба арвоҳи писари навгузаштаам қасам, ҳеч гоҳ дар дасти писарам силоҳ надидаам. Писари ман на хидмати ҳарбӣ карда буд ва на силоҳ истифода бурда метавонист. Ин таппонча аз куҷо пайдо шуд, намедонам,*" - гуфт Певистамо Абдулмуминова ба *Радиои Озодӣ*.

Вақте ки мақомот ба эътирозгарон ваъда дод, ки омилони қатли Гулбиддинро пайдо мекунад, эътирозгарон ба ҳарфи мақомот он қадар бовар надоштанд, чунки ҳеч вақт ин ҳукумат ба ҳеч ваъдаи дода вафо накарда буд. Аммо чун умед охирон мемирад, эътирозгарон бо умеди тантанаи адолат, хотима гузоштан ба ин ҳама қатлу куштор аз ҷониби низомиён дар ин сарзамин, ин бор низ ба мувофиқа расиданд, ки майдонро тарк мекунанд ва интизори баррасии одилонаи мақомот ба ин ҳодиса мешаванд. Ин аст, ки 44 нафарро аз ҷомеаи шахрвандӣ ба хайати комиссия шомил намуданд. Бо дархости силсилаи пешниҳодҳо, ки тахқиқи одилонаи куштори Гулбиддин, таъқиб нашудани эътирозгарон ва барқарор кардани интернет аз асоситаринҳояшон буданд, мардум майдонро тарк карданд.

Аммо оё ҳукумат дархости эътирозгаронро ба назар гирифт ва то чӣ андоза ин ҳодисаро, ки ба гуфти коршиносон, худ сабабгори онанд, мушикофона мавриди санҷиш қарор медиҳад, дар ин матлаб мавриди тахлили кӯтохе карор хоҳем дод.

Нахуст, ҳукумат ва аъзои комиссия ба мувофиқа расида буданд, ки то пурра таҳқиқ нашудани ҳодиса ҳеч яке аз ҷонибҳо сирри

**Певистамо Абдулмуминова ҳам гуфт, писараш силоҳ надошт ва истифодаи онро намедонист. Ӯ гуфт: "Ба номи Худо қасам, ба арвоҳи писари навгузаштаам қасам, ҳеч гоҳ дар дасти писарам силоҳ надидаам. Писари ман на хидмати ҳарбӣ карда буд ва на силоҳ истифода бурда метавонист. Ин таппонча аз куҷо пайдо шуд, намедонам."**

тафтишотро ба берун намебарад ва мавзӯро яктарафа баҳогузорӣ намекунад. Намояндаҳои эътирозгарон ин шартро қабул намуданд.

Аммо баъди ду се рӯзи ин воқеа, раиси Кумитаи амнияти миллии кишвар, Ятимзода дар ҷаласае, ки дар ҳукумати вилоят доир шуд, ӯҳдадории дар шартнома овардашударо вайрон намуд ва мунтазири хулосаи додгоҳ нашуда, Гулбиддинро ҷинояткор ва саркардаи гурӯҳи ҷинояткор номид. Хуб, фарз кардем, Гулбиддин ҷинояткор буд ва саркардаи гурӯҳи муташаккил. Пас, ин ҳама қадар сол, ки артиши беш аз 3 ҳазорнафара, Омон ва дигар сохторҳои амниятӣ ва ВКД бо сарварии муовини вазир Аламшозода омили онанд, чаро натавонистанд, аз чӣ қадар будани аъзои гурӯҳ, чӣ қадар яроқу аслиҳа доштан, таҳти фармони кӣ фаъолият

намудан ва аз ҷониби кӣ маблағгузорӣ шуданро ошкор карда натавонистанд?

Агар ин ҳама гурӯҳи муташаккил буд, чаро ҳеҷ як нафаре аз ин вилоят ба ДОИШ ва гурӯҳҳои дигар, ки дар хориҷ фаъолият мекунанд, напайвастааст? Ва дар ҳоле, ки мансабдори воломақоми сохтори низомӣ ба ДОИШ пайваст, ҳеҷ бадахшоние омили гурӯҳи ҷиноятпешаи байналмилалӣ нест.

Бешак, талаботи дуввуми мардум, ки ин ҳам дастрасӣ ба интернет буд, иҷро нашуду интернетро фақат ба баъзе муассисаҳои давлатӣ доданд. Дар ин ҳол телевизони Бадахшон маълум аст, ки зери фишори мақомоти қудратӣ ё бо роҳнамоии эшон ба ҷиноятқор муаррифӣ кардани мардуми ин вилоят шурӯъ кард. Ва



дар наворҳое, ки аз ин вилоят пешкаши мардум мекарданд, дар баробари риоя нашудани қонуни матбуот ҳамчунин ҳодисаҳои зиёди нақзи хукуқи инсон ба назар мерасанд.  Дар ин ҳама рӯз, ки комиссия бояд ба тахқиқи ҳодиса машғул мебуд, барои ба дигар тараф бурдани таваҷҷӯҳи мардум аминиятиҳо, ки таҷрибаи зиёди сохтани филмҳои калбакиро доранд ва дар ин 30 соли истиқлолият ба ғайр аз ин кор натиҷаи дигари мусбатеро дар самти ҳимояти шаҳрвандон ба даст наовардаанд, филми “Нерӯи сухан”-ро рӯи кор оварданд. Дар ин филм сухан аз моҷарои як соли гузашта дар Рошткалъа аст, ки Абдусаттор Абирзода, ёрдамчии додситони ин ноҳияро барои робита ба як духтари маҳаллӣ латтукӯб карданд. Мақомот он замон дар иртибот ба ин ҳодиса, Гулбуддин Зиёбековро муттаҳам карда, дар ҷустуҷӯ қарор доданд. Яъне аз филм бармеояд, ки Зиёбеков як сол дар ҷустуҷӯ қарор доштааст. Ва ин як сол ҳам ӯ аз вилоят берун нарафта да пеши назари мақомот кору зиндагӣ мекардааст. Ва чандин бор ҳам дар чорабиниҳое дар назди раиси вилоят ва масъулини ниҳодҳои қудратӣ зухур кардааст. Пас, агар дар ҷустуҷӯ буд, чаро он вақт боздошт накарданд? - савол медиҳанд мардуми филмро дида. Ва чаро Ёдгор Файзови дар филм баромад карда ҳамчун раиси вилояту кафили сулҳу оромӣ дар ин минтақа он вақт аз ҷинояти Гулбиддин хабар надод?

Оре, мақомот чизеро мунтазир буд, яъне бидуни низомиён дастгоҳи тарғиботии раиси ҳамакнун собиқи вилоят он вақт фаъол буд, чаро боре ин ҷиноят ва дар озодӣ будани гунаҳкори онро ба ҷомеа муаррифӣ накард? Аз инҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар инҷо на Гулбиддину халқи Бадахшон, балки мақомдорон гунаҳкор ҳастанд. Магар як нафар сокини одди ин вилоят ба фасод даст зада? Магар сокини одди ин вилоят мехост таҷовуз ба номус

кунад? Магар ба фасод, порахӯрӣ ва дигар амалҳои номатлуб сокинони оддӣ даст мезананд? Дасти дарозро намояндаи ҳукумат дорад ё мардум?

Албатта инҳо саволҳоеанд, ки мансабдорон ба онҳо ҳеч вақт ҷавоб намедиҳанд ва саволҳоеанд, ки чун ҷавоб намеёбанд, мардум ба майдон мерезанд. Агар ҳамон вақт раиси вилоят холисона рафтор мекард ва ба Гулбиддин, он ҷавондухтар, ё дигаре кӯмак расондан мехост ва як сол пеш талаб ба миён мегузошт, ки ҳодиса таҳқиқ шавад ва то ҳодиса холисона таҳқиқ нашавад, ором нахоҳад буд, чӣ мешуд? Бетарафии раис ва парда пӯшондани ба ин кор чӣ паёмадеро ба бор овард ҳама шоҳид ҳастанд.



Хуҷамрӣ Пирмамадов, масъули Дафтари матбуоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, рӯзи 15-уми декабр ба *Радиои Озодӣ* гуфт, мақомот кормандони мактабҳо, беморхонаҳо ва идораҳои дигаре, ки аз буҷаи давлат маош мегиранд, маҷбур мекунад, то тариқи телевизиони давлатӣ руйдодҳоро як тарафа маҳкум кунанд. “*То имрӯз ҳудуди 15 нафар ба фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ шикоят карданд, ки онҳоро маҷбур мекунанд, ки агар ҳарф назанӣ, аз ҷои кору маош маҳрум мешавӣ. Вақте онҳо иҷборан, якҷониба сӯҳбат мекунанд, ба ҷараёни тафтишоте, ки идома дорад, ҳатман халал ворид мекунанд*”, - гуфт ӯ.

“*Дар барномаи “Неруи қонун”-и телевизиони Бадахшон дар бораи ҳодисаи кушта шудани Гулбиддин Зиёбеков наворҳо пахш кардаанд, ки ҳоло тафтишот идома дорад ва танҳо хулосаи муфаттишон маълум хоҳад кард, ки кӣ гунаҳкори ноормиҳои ахир аст*”,- гуфт ӯ.

Телевизиони вилояти Мӯхтори Кӯҳистони Бадахшон шоми 9-уми декабр дар бораи ҳодисаҳои ахир дар ин вилоят барномаи вижа пахш кард. Дар ин барнома ширкатдорони ҳодисаҳои ахир ба зиёдаравӣ муттаҳам мешуданд. Фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ дархост доранд, ки ба пахши барномаҳои якҷониба поён дода шавад. Мақомот пахши барномаҳои худро дар гузашта намоиши воқеият дониста буданд.

Шокирҷон Ҳакимов, ҳуқуқшиноси тоҷик мегӯяд дар сурате, ки гурӯҳи кории муштараки тафтишотӣ ҷараёни руйдодҳоро таҳқиқ дорад, пахши ҳар гуна барномаи телевизонӣ аз тариқи шабакаҳои ҳукуматӣ дахолат ба ҷараёни тафтишот аст.

“*Агар мақомоти интизомӣ наворе ё маълумот аз ҷузъиёти ҳодисаеро дар даст доранд, бидуни пахш дар расонаҳо ва бидуни пешқазоват ба ҳамин гурӯҳи тафтишотӣ пешниҳод кунанд. Дар сурати ғайр, дар мавриди тафтишоти шаффоф шубҳаҳо пайдо мешавад ва афкори ҷомеаро тағйир медиҳад*”, - гуфт Ҳакимов.

11 декабр барои ташхиси дубора ҷасади Зиёбековро аз гӯр берун кардаанд. Пайвандонаш ба *Радиои Озодӣ* нақл карданд, ки коршиносони судӣ-тиббӣ барояшон гуфтаанд, эҳтимол дар ҷасад ду тир боқӣ мондааст ва онро барои санҷиш бояд берун оранд.

Интизор Зиёбеков, бародари Гулбиддин Зиёбеков, дар сӯҳбат бо *Радиои Озодӣ* гуфт, ба хотири тафтиши одилонаи парванда ба берун кардани ҷасад ризоият доданд. Ба гуфтаи ӯ, дар ин ташхис маълум шудааст, як тир дар камари ӯ зада шудааст ва аз дилаш берун шудааст.

“*Онҳо чӣ ёфтанд ва ба чӣ натиҷа расиданд, ҳоло то охири тафтишот бояд интизор шавем. Ҳангоми берун кардани ҷасад намояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамроҳи онҳо буд*”, - гуфт ӯ.

Бо берун кардани ҷасад аз гӯр, мақомот ҳанӯз ҳам мехоҳанд, ки мардумро ба кӯчаи сардаргумӣ баранд. Инро фаъолони ҷамъиятӣ ҳам эҳсос кардаанд ва дар ҷаласаи охири худ тасмим гирифтаанд, ки ба Рустами Эмомалӣ, раиси Маҷлиси Миллӣ, муроҷиат кунанд. Онҳо шоми 20-уми декабр дар як муроҷиатномаи видеоӣ аз Рустами Эмомалӣ, раиси Маҷлиси миллии Тоҷикистон хоста буданд, ҳодисаҳои ахири вилоятро дар иҷлосияи навбатӣ баррасӣ кунад. Онҳо гуфтанд, ки дар гирдиҳамоии ахири Хоруғ 17 нафар захмӣ гаштанд ва ду нафар ба ҳалокат расидааст, вале мақомот танҳо латтукӯби кормандони мақомоти қудратиро тафтиш мекунанд. Мақомоти тафтишотӣ, шурӯъ аз Додситонии кулл ва Вазорати корҳои дохилӣ, дар робита ба норозигии ҷомеъаи шаҳрвандӣ, ки чанд рӯз пеш дар расонаҳо нашр шуд, то ҳанӯз посух надодаанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчунин аз мақомот мехоҳанд, маълум кунанд, ки чаро дар эътирози рӯзҳои 25-28-уми ноябр силоҳ истифода шудааст.

Ҷомеаи шаҳрвандии Бадахшон мегӯяд, ки “мо фаъолиятамонро давом медиҳем” ва онро қатъ намесозем, то замоне, ки воқеият равшан шавад. “*Чаро аз гази ашковар, аз чӯбдаста, аз гулӯлаи резинӣ ва ё аз имконоти дигар истифода нашуду аз силоҳ истифода карда шуд? Мо дар гирдиҳамоиҳои дигар кишварҳо, дар шабакаҳои телевизион мебинем, ки ҷониби тазоҳургарон чунин муносибат намешавад*”, - гуфт як тан аз фаъолони ҷомеаи шаҳрвандии Бадахшон ба расонаҳо.

**Ҷомеаи шаҳрвандии Бадахшон мегӯяд, ки “мо фаъолиятамонро давом медиҳем” ва онро қатъ намесозем, то замоне, ки воқеият равшан шавад. “Чаро аз гази ашковар, аз чӯбдаста, аз гулӯлаи резинӣ ва ё аз имконоти дигар истифода нашуду аз силоҳ истифода карда шуд? Мо дар гирдиҳамоиҳои дигар кишварҳо, дар шабакаҳои телевизион мебинем, ки ҷониби тазоҳургарон чунин муносибат намешавад”, - гуфт як тан аз фаъолони ҷомеаи шаҳрвандии Бадахшон ба расонаҳо.**

Қаблан мақомот гуфта буданд, ки эътирозгарон силоҳи кормандони милисаро тасарруф карда буданд ва аз тариқи онҳо мехостанд ҳамла кунанд, аммо сабтҳое, ки баъдан дар интернет пайдо шуданд, ин гуфтаҳои мақомотро ботил гардонд. Дар ин

наворхо дида мешавад, ки чӣ хел аз дохили ҳукумат ба сӯи эътирозгарон тир холӣ мекунанд.

Пас аз сӯҳбат бо мардум таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мақомот ваъдаҳои худро, мисли дастрас шудани интернет ба сокинони вилоят иҷро карданӣ нест ва мисли солҳои 2012, 2014 ва 2018 хоҳад буд, ки дар вилоят интернетро қатъ намуда ҷиноятҳои худро рӯпӯш карда буданд. Соли 2012 раиси Хадамоти алоқа Бег Сабури қудоӣ президент гуфта буд, ки ба сими интернет тир расидааст, яъне он солхо ҳанӯз каме инсоф доштану барои пӯшонидани ҷиноятҳои худ баҳонаеро мебофтанд. Ҳоло бошад рӯирост интернетро қатъ сохта ҳатто салоҳ намедонанд, ба мардум шарҳ диҳанд, ки тӯли як моҳ чаро интернет нест.




Гирдиҳамоии Хоруғ, на танҳо дар ВМКБ, балки дар хориҷ аз кишвар низ ҳамовозӣ пайдо кард. Бадахшониён дар Русияву Амрико, Аврупо ва дигар кишвархо назди сафоратхонаҳои Тоҷикистон ҷамъ омада ҳамроҳии худро бо падару модар, хоҳару бародарони дар Бадахшон будашаон изҳор намуданд. Ҳамчунин талабҳои зиёди хаттӣ барои баркарор намудани интернет дар ин вилоят ҳамарӯза дар шабакаҳои маҷозӣ пайдо мешавад.

Мақомот ба нақзи хукуки сокинони ин вилоят на фақат бо хомӯш кардани интернет иктифо намуданд, балки рӯйхате тартиб доданд, ки номи 66 сокини шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Рошткалъаи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро барои хориҷ нашудан аз кишвар ба ихтиёри сарҳадбонон дар гузаргоҳҳои марзӣ супурданд.

Нусхаи рӯйхат бо номи “Ашхосе, ки ба ситемаи мамнӯъшудагон ворид шудаанд”, рӯзи 22-юми декабр дастраси *Радиои Озодӣ* шуд. Мақомот онро шарҳ надод, вале фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Бадахшон мегӯянд, аксари афроде, ки номашон дар рӯйхат ҳаст, дар эътирози рӯзҳои 25-28-уми ноябр ширкат кардаанд. Дар ин феҳраст ному насаб, ноҳия, деҳа ва рӯзи таваллуди афроде, ки иҷозаи берун шудан надоранд, сабт шудааст.

“*Дар ин рӯйхат, аслан зодагони маҳаллаҳои Хоруғ ва Рошткалъа ҳастанд, ки тобути Гулбиддин ва ду нафари дигарро ба майдон овардaнд. Онҳо талаби ҷазо додани дастандаркорони куштори ӯро карда буданд*”, - гуфт ӯ.

Пойгоҳи хабарии “Pamir Daily News”, ки рӯйдодҳои ВМКБ-ро пӯшиш медиҳад, дар як матлаби таҳлилии худ дар мавриди вазъияти ВМКБ навиштааст, ки дастрасии маҳдуд ба интернет ба тамоми бахшҳои истеҳсолӣ таъсир расонидааст: ба умури бонкӣ, гузоришдиҳии хадамоти андоз, ширкатҳои мухобиротӣ, фаъолияти Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ширкатҳои фанновариҳои иттилоотӣ (IT), ки бо фармоиши хориҷӣ кор мекунанд ва ғайра.

"*Тасаввур кунед, ки қатъ кардани интернет ба иқтисоди вилоят чӣ қадар хисорот ворид кардааст. Вилоят амалан фалаҷ шудааст. Садамае, ки ба обрӯ ва эътибор расидааст, ҷуброннопазир аст. Фазои сармоягузорӣ барои чандин соли оянда халалдор шуд, чунки баррасии бисёре аз барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба муддати номуайян ба таъвиқ афтод ва ё ҳам куллан лағв шуданд*", - гуфта мешавад дар матлаб.

Дар ҳоле, ки мақомот барои шарҳи қатъи интернет дар ВМКБ ҳозир нестанд, аммо коршиносони мустақил чунин тасмимро ғайриқонунӣ мегӯянд. Шокирҷон Ҳакимов, доктори улуми ҳуқуқ мегӯяд, масдуд кардани интернет ба унвони дастоварди замони муосир ва манбаи алтернативии хабар хилофи усули ахлоқӣ ва қонунӣ мебошад. "*Аз назари қонуни бидуни тасвиби санади мувофиқ аз сӯи парлумон, раиси ҷумҳур ва ниҳодҳои дигари зидахл, масдуд кардани интернет дар ВМКБ бояд оқибатҳое дар пай дошта бошад ва мақомот бояд ба он вокуниш нишод бидиҳад*", - мегӯяд Ҳакимов.



Дар ҳоле, ки ин давлат муваззаф аст, ки зиндагии шоистаро барои сокинони ин вилоят муҳайё созад - чунки ин вилоят дар тамоми санадҳо бо унвони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадашхон ёд мешавад - аммо мустақиллияте надорад. Ҳатто барои ҷалб кардани сармояи хориҷӣ ба вилоят, ба манфиати вилоят истифода бурдани маблағи аз сайёҳӣ ва туризм ба даст омадаро надоранд. Роҳи бузургтарини мошингарди Душанбе-Кулма аз қалби ин вилоят мегузарад, аммо иҷоза нест, ки маблағи аз ин ҳисоб ба даст омадаро барои таъмири роҳҳои ин вилоят сарф кунанд. Аз ин ҳам мегузарем. Вақти як қисми замини ин вилоятро ба Чин доданд, на маҷлиси вакилони вилоятро дар ҷараён гузоштану на аз мардум пурсиданд.

Ва тавре, ки дар боло гуфтем, дар баробари сарватҳои табӣ, нерӯҳои ақлонии ин вилоят сарвати гаронтарини ин минтақа ҳисоб мешавад, ки бо истифодаи оқилонаи онҳо на фақат иқтисоди Бадахшон, балки иқтисоди тамоми Тоҷикистонро боло бурдану муҳоҷиратро коҳиш додан мумкин аст.



# Тазоҳурот дар Хуросон

*Ба қалами МАВҶУДА СОҲИБНАЗАРОВА, рӯзноманигор ва муовини раиси КШНГЗС*



14 майи соли 2020 ба деҳаи ба номи Неъматуллоҳи Асадуллоҳи ноҳияи Хуросон сели азиме омад. Дар натиҷаи омадани сел ду нафар ҷони худро аз даст дода, якчанд хонаҳои истиқоматӣ пурра вайрон ва чандин манзили дигар қисман осеб диданд. Сел ҳамчунин чорво ва киштизори мардумро ба коми худ фурӯ бурд.

Мардуми бе ин ҳам камбизоати ин ноҳия дар як ҳолати сангин қарор гирифтанд ва ба замми ин, ҳукумат барои расонидани кӯмак ба зарарардидагон таъхир мекард. Ин ҳолат мардумро хеле ошуфта сохт ва барои ҷалб намудани диққати ҳукумат ва ба мушкилоташон расидагӣ намудан аз ҷониби ҳукумат, рӯзи 14 май роҳи Душанбе–Бохтарро баста, бо як тазоҳуроти осоишта хостанд, ки садояшонро ба ҳукумат расонанд. Он рӯз аксари тазоҳургарон иддао доштанд, ки фақат бетаваҷҷӯҳии ҳукумат онҳоро ба кӯча баровардааст, аммо нерӯҳои полис таҷаммӯи норозиёнро зуд пароканда сохтааст.

Мақомот гуфтанд, ки мардум аз хавфи дубора омадани сел ба роҳи мошингард баромаданд. Раиси ноҳияи Хуросон Раҳматулло Сафарзода ҳам гуфт, ки талаби мардум барои дарёфти кӯмак барои сохтмони хонаҳояшон ва ҳамчунин тоза кардани заминҳояшон аз сел буд.

Ин ҳуқуқи констутисионии онҳо буд. Мардум дар ин тазоҳурот тақозои сиёсие надоштанд, фақат суханашон ин буд, ки ҳукумат ба додашон бирасад ва барои бартараф намудани оқибатҳои сел барояшон кӯмаки молӣ расонанд.

**Мардум дар ин тазоҳурот тақозои сиёсие надоштанд, фақат суханашон ин буд, ки ҳукумат ба додашон бирасад ва барои бартараф намудани оқибатҳои сел барояшон кӯмаки молӣ расонанд.**

Вале ҳукумат ба ҷойи гӯш додан ба ҳарфҳои зарардидагон ва баровардa сохтани ниёзҳояшон, ба онҳо фишор оварда шуморе аз онҳоро боздошт кард. Расонаҳо аз боздошти 6 нафар хабар доданд. Тибқи гузориши расонаҳо, Додситони кулли Тоҷикистон нисбат ба 6 нафар парвандаи ҷиноӣ боз карданд. Инҳо Маҳмадкарим Ҳасанов, Маҳмадраҷаб Икромов, Сайидраҳмон Икромов ва бародарон Ҳусейн ва Кароматуллоҳ Ҳусейновҳо, ҳамагӣ сокинони деҳаи Неъматуллоҳ Асадуллоҳ буданд, ки ҳар кадомашон 1,6 соли зиндон маъкум шуданд.

Маълум, ки дар Тоҷикистон молу амволи мардум суғурта намешавад ва агар шавад

ҳам аз сабаби фасоди густурда дар тамоми соҳаҳо қисми бештари шаҳрвандон кӯмак гирифта наметавонанд ва тақсими кӯмак дар дасти "оила" аст. Ҳатто он кӯмакҳои, ки созмонҳои хайриявӣ мефиристонанд на ҳамавақт ба мардуми бебизоат мерасад.

Дар қазияи Хуросон ҳам ин амал такрор ёфт. Мардум ба он чизе, ки ҳаққашон буд ва аз рӯи адолат бояд барояшон мерасид, эътироз намуданд. Аммо мутаасифона, бо зиндонӣ шудани аъзои хонаводаашон, ҳам аз хонаву дар ва ҳам аз ноновархояшон маҳрум шуданд. Аз як хонавода ҳатто ду нафарро зиндон карданд. Ва чанд нафари дигари хеле ниёз ба кӯмак дошта бо маблағи 5800 сомонигӣ ҷарима шуданд. Барои нафари аз хонаву замин монда яъне, аз сел зарардида дар шароити Тоҷикистон 5800 сомонӣ маблағи бениҳоят калон аст. Баъзе хонаводаҳо барои пайдо намудани чунин маблағ муҳоҷиратро интихоб мекунанд.



Хуб, ҳукумат чӣ кор кард? Ҳукумат ба ҷойи шунидани садои зарардидагон дар лаҳзаи барояшон душвори иқтисодӣ, тамоми меъёрҳои инсониро пӯшти пой зада, Тоҷиддин Қараев, Авазҷон Хамроев, Мелихол Қараев ва Бибиробия Расуловаро ҷарима бастанд.

Ҳадафи ҳукумат аз боздошти ин 6 нафар эҷоди тарсу ваҳм дар дили кулли шаҳрвандони Тоҷикистон буд, то дигар ҳатто фикри эътироз ба ҳукумат ба зеҳнашон наравад. Боздошти ин 6 нафар ба пурраги аз байн бурдани тантанаи адолат ва арзишҳои демократӣ дар ҶТ аст.

Дафтари матбуоти додгоҳи олии Тоҷикистон хабар дод, ки се зани дар тазоҳурот иштирок намударо, низ ҷарима бастанд. Дар умум 10 сокини бечораҳол ва ниёзманди Хуросонро барои иштирок дар эътироз ва садо бароварданашон ҷазо доданд. Ва чӣ ҷазои сангине ҳам нафароне, ки бояд хонаву ҷояшонро барқарор мекарданд ва барои кӯдаконашон сарпаноҳ месохтанд, ҳукми хеле ноодилона гирифтанд. Бо ин ҳукм режим бори дигар ба мардум хотирасон кард, ки дилхоҳ шахс агар дар Тоҷикистон аз адолат гӯяду адолат талаб кунад, ҷазо хоҳад гирифт.

Додгоҳ ҳукми эътирозгарони Хуросониро 26 ноябри соли 2020 эълон кард, аммо тафсилоташонро танҳо 9 феврали соли 2021 ошкор карданд. Ин ҳама махфӣ нигоҳ доштан ва мӯҳри махфӣ задан ба парвандаҳо далели он аст, ки дар Тоҷикистон, то ҳукумат тағйир нахӯрад, адлу адолат барқарор нахоҳад шуд.

# Боздошт ва муҷозоти шаҳрвандон ба хотири “лайк”

*Ба қалами МУҲАММАДИҚБОЛИ САДРИДДИН, фаъоли сиёсӣ ва мудири пойгоҳи “Ислоҳ”*



Ҳукумати Раҳмон барои бештар зарба задан ба мухолифин ва маҳдуд кардани озодии баён дар Тоҷикистон бо қатъ кардани интернет дар ин кишвар ва ҳаросафканӣ дар байни аҳолӣ маҳдуд нашуда, роҳҳои нав ба нав кор мегирад.

Акнун мардумро на фақат барои хеш, ҳамсоя ё дӯсти ягон мухолиф будан ба додгоҳ мекашанд ё зарар мерасонанд, балки барои лайк мондан ё ворид шудан ба саҳифа ва сойтҳои мухолифини дар Аврупо буда, шаҳрвандон ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуда, барои солҳои тӯлонӣ равонаи зиндон мешаванд.

Номаҳои ба пойгоҳи “*Ислоҳ*” расида гувоҳ бар онанд, ки вазъи озодии баён ва ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон рӯз ба рӯз бадтар мегардад ва хушдорҳои инстутҳои байналмалӣ дар робита бо ин масъала аслан ҳукуматдоронро такон намедиҳад ва ин ҳама дархост ва пешниҳоди созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсонро нодида мегиранд.

**Ҳароси масъулони ҳукумати Тоҷикистон аз фаъолиятҳои шабакаҳои оппозитсионӣ аз ҷумла “*Ислоҳ.нет*” ба ҳадде аст, ки ҳатто бархе кормандони давлатӣ низ бо айни ин иттиҳом дастгир ва равонаи зиндон гардиданд.**

Масалан, чунин ҳодиса ҳам воқеият дорад, ки фарзанди хурдсоли як мард ҳангоми бозӣ бо гӯшии падараш ба чанд саҳифа надониста лойк гузошта ва чун ин мардро бо иттиҳоми бофтаи ҳамкорӣ бо мухолифин намудан барои 7 сол зиндонӣ карданд, тарсу ҳароси шаҳрвандон ба маротиб афзуда, ҳарчанд он нафар дар додгоҳ иттиҳоми ҳамкориро ба дӯш нагирифта ва додгоҳ ҳам ваҷҳе надошта.

Чунин ҳодисаҳо хеле зиёданд, ки фақат бо овардани чанде аз онҳо мо чеҳраи воқеии ин ҳукуматро, ки лоф аз демукросӣ ва озодии баён мезанад, боз ҳоҳем кард.

Феълан, Маҳмадсодиқ Саидов, имомхатиби 28-солаи масҷиди ҷомеи ба номи Ҳоҷӣ Абдулғаффори маҳаллаи “*Нонвойи поён*” –и шаҳри Кӯлоб, Абдуғаффор Раҷабов ва Асламхон Каримов, сокинони дигари ин шаҳр дар шумори нафароне қарор гирифтанд, ки гӯё мақомоти тафтишотӣ алоқа ва ҳамкориҳои онҳоро бо “*Ислоҳ.нет*” муайян кардаанд. Ҳам имомхатиб ва ҳам ин ду нафари дигарро бар асоси моддаи 307-и

Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон ба панҷ сол зиндони низомаш сангин маҳкум карданд.

Маҳмадсодиқ писари Домулло Холмурод, рӯҳонии шинохтаи минтақаи Кӯлоб аст, ки аз соли 2016 дар ин масҷид ба ҳайси имомхатиб фаъолият мекард. Мақомоти тафтишотии Тоҷикистон ӯро ба он муттаҳам карданд, ки гӯё мавъизаҳои омода намудаи Кумитаи динро ба "*Ислоҳ*" дастрас карда бошад. Ҳол он ки бе дастрас намудани ин мавъизаҳо на фақат пойгоҳи "*Ислоҳ*", балки дилхоҳ шахси рӯшанфикр медонад, ки чанд соли охир дар масҷидҳои Тоҷикистон чӣ мегузарад ва пеш аз намоз ба мардум намояндаҳои Кумитаи амнияти миллӣ чӣ сӯҳбатҳое мегузаронанд. Барои ин сайёраи наверо кашф кардан лозим нест. Яъне бидуни ба мо иттилоъ додани касе маълум аст, ки баъди паём ё баромади президент дар ин ё он ҷаласа, ҷумъаи он ҳафта намози ҷумъа бо мавъизаи пешво шурӯъ ме-шавад.

Чун пойгоҳи хабарии "*Ислоҳ*" аудиторияи васеи бинанда ва хонанда дорад, ба мо номаҳои зиёде аз гӯшаву канорҳои ҷумҳурӣ ворид мешаванд ва дар асоси ин номаҳо мо тадқиқотҳои журналистӣ мебарем. Ва то ин муддат бо далоили маълум ному насаби сарчашмаҳои худро ифшо накардаем ва нахоҳем кард.

"*Ислоҳ*" масъулияти худро сарбаландона иҷро намуда, ба қонунҳои байналмилалии озодии баён арҷ мегузорад. Аммо бо ин ҳама аз озодӣ маҳрум кардани шаҳрвандон режими диктотурии Эмомалӣ Раҳмон нишон дода истодаанд, ки аз ифшои ҳарфи ҳақ чи қадар ҳарос доранд. Ин ҳама маҳдудкуниҳо ва дар тарсу ҳарос нигоҳ доштани мардум ба нафъи мухолифин хоҳад буд, чунки мардум акнун дарк карда истодаанд, ки воқеан ҳам дар як режими диктотурӣ ба сар мебаранд ва ВАО- и ватанӣ дар хизматӣ як оила аст.

**"*Ислоҳ*" масъулияти худро сарбаландона иҷро намуда, ба қонунҳои байналмилалии озодии баён арҷ мегузорад. Аммо бо ин ҳама аз озодӣ маҳрум кардани шаҳрвандон режими диктотурии Эмомалӣ Раҳмон нишон дода истодаанд, ки аз ифшои ҳарфи ҳақ чи қадар ҳарос доранд.**

Ҳароси масъулони ҳукумати Тоҷикистон аз фаъолиятҳои шабакаҳои оппозитсионӣ аз ҷумла "*Ислоҳ.нет*" ба ҳадде аст, ки ҳатто бархе кормандони давлатӣ низ бо айни ин иттиҳом дастгир ва равонаи зиндон гардиданд. Масалан, бар асоси ҳукми Додгоҳи ҳарбӣ, ки авохири июл расонаӣ шуд, Абдусаттор Мирзоев, корманди қисми низомии вобаста ба Идораи зиндонҳои Тоҷикистонро ба ҳафт сол ҳабс маҳкум карданд. Ин на-фарро низ ба ҷонибдорӣ аз Ҳизби наҳзати исломӣ ва "*тамос бо Муҳаммадиқболи Садриддин ва Ҳусейн Ашӯров*" гунаҳкор донистанд. Прокуратураи ҳарбии Тоҷикистон авохири июли соли ҷорӣ гуфта буд, ки бар зидди Абдусаттор Мирзоев "*бар асоси шикояти ҳамкорон ва маводи интернетӣ парванда кушода*" шудааст. Додситонӣ гуфтааст, ки Мирзоев

тақрибан як сол “*шабона ва пас аз рафтани коргарон*” тавассути интернету телефон бо Муҳаммадиқболи Садриддин ва Ҳусейн Ашӯров дар тамос буда, “*аз сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон норозигӣ баён намудааст*”. Гӯё мо бо ин нафар дар



Сураҷ Назаров - як омӯзгори оддии деҳотиро бошад муттаҳам ба он намуданд, ки гӯё бо “*Ислоҳ*” ҳамкорӣ доштааст ва маводду наворҳои онро ба шиносҳояш дастрас мекардааст.

бораи “инқилоб” ва “тағйири сохти конститутсионии Тоҷикистон бо роҳи зӯроварӣ” сӯҳбат карда ва ӯро вазифадор карда бошем, ки “*дар ҳолати дар муассисаҳои ислоҳӣ сар задани ошӯби маҳбусон, воситаҳои алоқа ва қувваи баркро хомӯш кунад*.” Абдусаттор Мирзоев сардори анбори лавозимоти алоқа ва воситаҳои муҳофизативу муҳандисии қисми ҳарбии 6593-и вобаста ба Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноии Вазорати адлия будааст.

Ногуфта намонад, ки масъулияте, ки “*Ислоҳ*” ба дӯши худ гирифтааст, ин ифшои камбудиҳо ва дигар масъулиятҳое аст, ки дилхоҳ расона дорад. Солҳои пеш мақомоти амниятиву интизомии Тоҷикистон асосан ба хешу ақрабо ва бастагони мухолифини дар хориҷ аз кишвар фишор меоварданд, ки алайҳи онҳо суханронӣ ва ё онҳоро даъват кунанд, ки агар баргарданд ба ватан, афв мешаванд, аммо чун нафарони зиёде фиреби мақомотро хӯрданд, дигар ба ваъдаҳояшон бовар накарданд.

Ин аст, ки акнун аз роҳи иттиҳоми бардурӯғи ҳамкорӣ бо “*Ислоҳ*” ё шахсони алоҳида кор мегиранд. Ҳукумати Тоҷикистон бо иттиҳоми бофтаи паҳн намудани суханрониҳои Шарофиддин Гадоев, Сураҷ Назаров - як омӯзгори оддии деҳотиро бошад муттаҳам ба он намуданд, ки гӯё бо “*Ислоҳ*” ҳамкорӣ доштааст ва маводду наворҳои онро ба шиносҳояш дастрас мекардааст.

Агар дар дигар кишварҳо чунин корҳо мусоидат ба озодии баён шуморида шавад, дар Тоҷикистон ин ҷурм аст ва ҳатто дар бисёр мавридҳо ба чунин шахсон бе ҳукми додгоҳ тамғаи хоин мезананд ва на фақат худаш, балки тамоми хонаводаш мавриди фишор қарор мегирад. Аммо як чизро косаи сабр мегӯянд, ки агар коса лабрез шуд, хоҳ ноҳох берун аз он метаровад.

Ҳодисаҳои имрӯзи Тоҷикистонро бархе ба соли 1937 ташбеҳ мекунанд, лекин баъзе аз коршиносон бар ин назаранд, ки ҳодисаҳое, ки ҳоло дар Тоҷикистон мегузаранд, назир надоранд. Соли 1937 сохтор дигар буд, аммо имрӯз, ки Тоҷикистон худро ба ҳайси як кишвари демукротӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд муаррифӣ мекунаду зери шартномаҳои зиёди байналмилалӣ имзо гузоштаанд, фикр намекунанд, ки барои ин амалашон рӯзе ҷавоб хоҳанд гуфт. Ҳоло бошад мардум тарсро доранд аз худ дур мекунанду барои тантанаи адолат талош меварзанд.

# Авф ё пулкоркунӣ?

*Ба қалами ҶАМШЕД ЁРОВ, ҳуқуқдон ва фаъоли иҷтимоӣ*



Кишвари фасодзада будани Тоҷикистон имрӯз ба касе пӯшида нест. Коррупсия решаи худро ба тамоми соҳаҳо паҳн карда, чун заҳрпечак бештар ҳама ҷо паҳн мегардад.

Ва омили асосии ин ҳама фасодзадагӣ оилавӣ будани он мебошад. Ҳатто дар байни кишварҳои фасодзада дар раддаи аввал ҷой гирифтани Тоҷикистон режими диктотурии вақтро норохат намесозад. Ва балки бештар талош мекунанд, ки аз ҳар ҷое, ки набошад, манфиат ба даст оранд.



Мадина Маҳмадҷонова

Ба таври мисол, солҳо дар кишвар ба муносибати ягон ҷашн афви умумӣ сурат мегирад, яъ-не ҳукумат барои одилу адо-латпарвар нишон додани худ ваъдаи афвро ба нафароне, ки пушти дарҳои зиндон ҳастанд, медиҳад. Ва ҳарчанд ҳукумат ин афвро ба тиҷорат ва як навъ пулкоркунӣ табдил додааст, мардум ба умед онро интизорӣ мекашанд, ки шояд ин бор аз рӯи адолат рафтор кунанд!

Дар сентябри соли 2021, ки 30–солагии "Истиқлолияти Тоҷикистон" ҷашн гипифта шуд, ҳукумат ваъдаи навбатии афвро, ки бо номи "афви тиллоӣ" ёд мешуд, ба мардум дод. Бо назардошти қонуни ин афв, бояд беш аз 30 ҳазор нафар афв, яъне ҳукми ҷазои баъзеҳо каму баъзеи дигар, ки ҷазояшон нисбатан сабук аст, ба озодӣ мебаромаданд. Онҳое, ки пушти милаҳои зиндон буданд, каме эҳсоми дилгармӣ карданд, ба хотире, ки онро афви тиллоӣ унвон карданд. Онҳо аз интизор рӯз мешумориданд ва дар хобҳояшон худро дар озодӣ медиданд. Ин интизор тӯл кашид. Ҳукумат посухе намедод, ки киҳо озод мешаванд ва аз суоли хабарнигорон оид ба ин мавзӯъ дурӣ меҷӯстанд. Умедворон ноумед гаштанд, аммо чанд рӯз пеш аз ҷашни истиқлолият хабар дар расонаҳо паҳн шуд, ки қонуни афви умумӣ ба ҳук-ми иҷро даромад.

Ин бор низ аз камии саводи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷи-кистон истифода бурда, зимни татбиқи қонуни афв фасод ва ришваситонӣ хеле афзуд. Акнун мардум рӯирост барои кам кардани ҷазои фарзандон ва хешу таборашон маблағҳои ҳангуфтро пешниҳод мекарданд. Ҳомиёни ҳуқуқ низ нотарсида маблағ меситониданд.

Парвандаи пурсару садои Мадина Маҳмадҷоновáро ҳамчун мисол овардан мумкин аст, ки Азиза Давлатова бо расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ва ба

ҳолати марг овардани Мадина шомили қонуни афв шуд.

Чунин мисолҳо хеле зиёданд. Ва чунин ба назар мерасад, ки қонуни афврo ҳукумат маҳз ба он хотир татбиқ мекунад, ки нафарони наздик ба ҳукумат, ки сари чанд вақт гӯё адолати судӣ дар Тоҷикистон пойдор аст гуфта зиндон мешаванд, чанд моҳеро дар камераҳои шики зиндон, ки махсуси мансабдорон аст, гузаронда ба озодӣ мебароянд. Аммо шахсони, ки гуноҳе надоранд ва бо ҷурмҳои сохта зиндонӣ шудаанд, дар шароити сангинтарин дар зиндон ба сар мебаранду шомили қонуни афв намешавад.

Масалан, хабарнигори тоҷик Маҳмадюсупов, ки бо ҷурми сохта ба солҳои тӯлонӣ пушти панҷара рафт, ин бор низ умед ба озодиро аз даст дод ва тибқи қонунӣ афв ҳамагӣ се моҳашро кам карданд.

Зиндониёни сиёсии тоҷик, ки ҳукумат доштани зиндониёни сиёсиро эътироф намекунад, ин бор низ шомили афв нагардиданд ва баръакс бо шиканҷа ва зӯроварии бештаре дар зиндон дучор гаштанд.

Қабули қонуни афаи умумӣ ва шомил нашудани зиндониёни сиёсӣ ба он нишон дод, ки ҳукумат тавсияи СММ–ро дар бораи озодии бе қайду шарти зиндониёни сиёсӣ ба назар нагирифт ва бо ин амали худ меъёрҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсонро пушти пой зад.

**Қабули қонуни афаи умумӣ ва шомил нашудани зиндониёни сиёсӣ ба он нишон дод, ки ҳукумат тавсияи СММ–ро дар бораи озодии бе қайду шарти зиндониёни сиёсӣ ба назар нагирифт ва бо ин амали худ меъёрҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсонро пушти пой зад.**

Бояд қайд кард, ки ҳангоми татбиқи қонунҳои авфи пештара, бо назардошти мавҷудият ва эътирофи ин мушкилӣ, намояндагони ҳокимият оид ба таъсиси комиссияи байниидоравӣ бо имзои президент изҳорот дода буданд. Вале чун ҳамеша дигар касе дар бораи ин комиссия, кӣ ба он дохил мешавад, аз кадом ниҳодҳо, дар куҷо бо натиҷаи фаъолияти он шинос шудан ва ғайра маълумот дастрас намудан низ ғайриимкон аст.

Новобаста аз эълони чунин амалҳои давлатӣ, кӣ гуё бар муқобили ришваситонӣ ҳангоми татбиқи қонуни авф равона карда



шудаанд, то ҳол маълумотҳои сершуморе дар бораи ситонидани ришва расонаӣ шудааст.

Қонунҳои авф ё дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки вазъи шахсро сабуктар ё аз ҷавобгарӣ озод мекунад, яке аз манбаъҳои асосии ришва дар байни мақомоти қудратӣ, судӣ ва прокуратура мебошад. Ҳукумат на фақат хоҳиши бо он мубориза бурданро надорад, балки аз он истифода мебарад ва пинҳонӣ ҳам бошад дастгирӣ менамояд.